Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон



# ПАЁМ ВА РОҲҲОИ РУШДИ ИҚТИСОД





китоби якум





Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

# ПАЁМ ВА РОҲҲОИ РУШДИ ИҚТИСОД

**Маҷмӯаи мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар конфронси илмию назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзӯи «Роҳҳои ноилгардӣ ба ҳадафҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ» (22–30 апрели соли 2014)**

*Китоби якум*
*(бахши фанҳои иқтисодӣ)*

16

Хуҷанд, 2014

ББК – 87.9
Ф - 36

**Бо қарори Шӯрои олимони ДИС ДДТТ**
**ба чоп тавсия шудааст**

Муҳаррири масъул
*Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН,*
*мудири шӯъбаи интишорот,*
*узви ИЖТ*

Мушовирон: *профессор РИЗОҚУЛОВ Т. Р.,*
*дотсент БОБОЕВ С. С.*

**Дар ин китоб, ки аз ду қисм иборат аст, мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар конфронси XVI илмию назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзӯи «Роҳҳои ноилгардӣ ба ҳадафҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ» (22–30 апрели соли 2014) гирд оварда шудаанд**

© ДИС ДДТТ, 2014,
китоби якум: 472 саҳ.

Маърӯзаҳои умумӣ

*Ризоқулов Т. Р.,*
*д.и.и., профессор*

# ДАСТОВАРДҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар фалсафаи давлатдории Президент Эмомалӣ Раҳмон баробари таъсиси давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон эҷоди низоми ҷадиди иқтисодӣ – низоме, ки ба таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ мусоид бошад ва барои пайвастани иқтисодиёти кишвар ба низоми ҷаҳонии иқтисод роҳро ҳамвор намояд, аз аслҳои бунёдгузор ба шумор меомад.

Марҳилаи гузариш аз як низоми иқтисодиву иҷтимоӣ ба низоми дигар дар Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои дигар ба маротиб сангин ва душвор буд, зеро он бо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ вобаста аст (зарари умумӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 7,5 млрд. долл.).

Бо раҳнамоии Эмомалӣ Раҳмон соли 1995 Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ таҳия карда шуд. Ин ҳуҷҷатиояндасоз ба ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон оғоз ниҳода, дурнамои мамлакатро ба таври муфассал ва равшан муқаррар сохт.

Пас аз расидан ба Ваҳдати миллӣ (1997) дар иқтисодиёти Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба миён омаданд ва то ҳол як силсила мушкилоту монеаҳои мавҷудаи ҷомеаи навин бартараф гардида, таҳкурсии давлати соҳибихтиёр гузошта шуд, корҳои азими бунёдкориву созандагӣ ва ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ оғоз гардида, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ ба самтҳои асосӣ ва стратегии сиёсати давлат табдил дода шуданд.

Дар Ҷумҳурӣ ҳуҷҷатҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даври то соли 2015 ва марҳалаи дуюми Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

Ҳадаф ва зарурияти қабули барномаҳои иқтисодӣ аз инҳо иборатанд:

*– ба таври устувор баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, хусусан, табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ниёзманд;*

*– таъмини рушди босуботи иқтисод;*

*– табдил додани Тоҷикистон ба давлати демократии рушдёфта, ки*

*дар он ҳамаи табақаҳои ҷамъият аз дастовардҳои рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода баранд.*

Дар натиҷаи ислоҳот ва дигаргунсозиҳо тамоюли рушди иқтисодӣ солҳои охир таъмин гардид, ки он ба мӯътадил шудани нишондиҳандаҳои макроиқтисод мусоидат намуд *(ҷадвали 1)*.

***Ҷадвали 1***

**Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисод**

| № | Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисод | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2000* | *2005* | *2010* | *2012* | *2012 нисбат ба 2000* |
| 1 | МУД (бо нархи ҳақиқӣ) | млн. сомонӣ | 1786,8 | 7206, | 24704 | 36161,1 | 20,2 маротиба |
| | | суръати афзоиш (%) | 108,3 | 106,7 | 106,5 | 105,8 | 6,9 % (ба ҳис. миёна) |
| 2. | МУД ба ҳар сари аҳолӣ (бо нархи ҳақиқӣ) | млн. сомонӣ | 288,7 | 1052 | 3253 | 4578 | 15,8 маротиба |
| | | суръати афзоиш (%) | 100 | 364 | 309,2 | 140,7 | |
| 3 | Шохиси (индекс) нархҳои истеъмолӣ | % | 124,0 | 107,8 | 106,5 | 105,8 | 11,2% (ҳис. миёна) |
| 4 | Дараҷаи бекорӣ | % | 2,7 | 2,0 | 2,1 | 2,4 | 2,3 (ҳис. миёна) |
| 5 | Содироти молҳо | млн. дол. | 784,3 | 908,7 | 1194,7 | 1359,7 | 1,7 маротиба |
| 6 | Воридоти молҳо | млн. дол. | 675,0 | 1330 | 2656,9 | 3778,2 | 5,6 маротиба |
| 7 | Фарқияти арзиши содирот ва воридот | млн. дол. | 109,3 | -321,4 | -1462 | -2418 | - |

Дар маҷмӯъ аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои зиёди иқтисодӣ ноил гардид, ки дар ин ҷо танҳо чанде аз онҳоро ба тарзи мухтасар дида мебароем:

1. Зарурати гузариш ба низоми ҷадиди иқтисодӣ ба мақсади суръатбахшии инкишофи он хусусигардонии моликиятро ҳамчун шакли нави хоҷагидорӣ тақозо дошт, ки амр оид ба хусусигардонӣ ба барномаи сиёсати давлатии иқтисодӣ ҳам шомил гардид. Соли 2012 корхонаҳое, ки дар заминаи моликияти хусусӣ фаъолият мебаранд, 76,6%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2000-ум 4,5 маротиба зиёд аст. Тавассути ҷараёни муваффақонаи хусусигардонии моликияти давлатӣ миқдори аҳолии машғули кор дар бахшҳои хусусии иқтисоди Ҷумҳурӣ мунтазам рӯ ба инкишоф ниҳод. Аз ҷумла, соли 2012 аҳолии машғули бахши хусусии иқтисод ба миқдори то 79,7% афзоиш ёфт, ҳол он ки соли 1991 ин рақам танҳо 19,0%-ро ташкил медод. Дар фосилаи даҳ соли охир дар қаламрави мамлакат беш аз 1 миллион ҷойи кор таъсис дода шуд, ки ин, бешубҳа, ба коҳиши бекорӣ, ҷалби нерӯҳои меҳнатии дохилӣ ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат гузошт.

2. Бо назардошти аҳамияти рушди соҳибкорӣ ҳанӯз аз 8 апрели соли 1996 Фармони Президент "Дар бораи дастгирии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба имзо расид ва дар заминаи он масъалаи таҳия ва мавриди амал

қарор додани Барномаи давлатии дастгирии соҳибкории хурд ба миён омад. Баргузории вохӯриҳои Сарвари Давлат бо соҳибкорон ва додани имтиёзҳо ба онҳо, аз ҷумла эълони мораторияи дусола ба санҷиши фаъолияти соҳибкорӣ (25 июли с. 2008) ба таъсис, роҳандозии корхонаҳои хусусӣ ва ташаккули муносибатҳои нави бозор, беҳсозии авзои иҷтимоии мардум мусоидат намуд.

3. Тоҷикистон бо зиёда аз 100 мамлакати дунё муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ барқарор намудааст ва натиҷаи истиқрори чунин ҳамкориҳо ба равнақи тозаи ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодии Ҷумҳурӣ анҷомида, теъдоди корхонаҳои муштарак рӯ ба афзоиш мениҳад. Айни замон, дар қаламрави кишвар беш аз 300 корхона бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ таъсис ёфта, ба коркарди ашёи хоми дохили мамлакат ва аз ин роҳ ба иҷрои барномаҳои пешрафтаи иқтисодӣ машғул мебошанд. Аз ин гуна коргоҳҳо корхонаҳои муштараки "Зарафшон" ва "Дарвоз" оид ба коркарди тилло, корхонаи муштараки Тоҷикистону Корея "Тоҷикистон-Текстайл" оид ба коркарди нахи пахта ва истеҳсоли матои ҷинс, корхонаи муштараки Тоҷикистону Амрико "Оби Зулол", Тоҷикистону Чин "Ришта", корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Италиё "Абрешим" ва "Ҷавонӣ" бо ҷалби маблағгузории хориҷӣ дар шумори намунаҳои аввалини чунин корхонаҳо қарор доранд ва аксарияти онҳо то кунун фаъол ҳастанд. Дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии исломии Эрон корхонаҳои муштараки "Тоҷирон" оид ба истеҳсоли трактор, "Хуҷанд-Нику" дар иртибот ба коркарди нахи пахта, бемористони Ибни Сино ва монанди инҳо фаъолияти хешро ба роҳ монда, аз ин рӯ ба иқтисоди кишвар таъсири босамар мегузоранд.

Дар ҳамкорӣ бо ширкати "Газпром"-и Федератсияи Русия ҳоло дар майдони дорои захираи нафту гази Сариқамиш ва Саргазон тавассути баҳрабардорӣ аз технологияи нодири замонавӣ корҳои пармакунӣ шурӯъ гардиданд. Ба андешаи мутахассисон захираи мавҷуди нафту газ дар ин майдонҳо дар сурати коркард метавонад ҷиҳати таъмини коргоҳҳои саноати Ҷумҳурӣ ва мардуми мамлакат барои наздик то панҷоҳ сол кофӣ бошад.

4. Бахши дигари ислоҳоти иқтисодиро ислоҳоти низоми бонк ташкил медиҳад. Ислоҳот дар ин самт ташаккули низоми бонки дусатҳа ва зуҳури бонкҳои тиҷоратиро ба бор овард. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 маи соли 1995 нахуст ба асъори миллии тоҷикӣ, ки он вақт рубли тоҷикӣ унвон дошт, раванди бонизоми ҷорӣ шудани сиёсати пулу қарзи давлатро дар кишвар асос гузошт ва ин амри заруру саривақтӣ дар навбати аввал Тоҷикистонро аз вобастагии иқтисодӣ аз давлатҳои дигар раҳоӣ бахшид. Ба муомилот баровардани воҳиди пули миллии сомонӣ аз 30 октябри соли 2000 бошад, сиёсати пуливу қарзии давлати Тоҷикистонро ба таҳаввулоти тоза мувоҷеҳ намуд ва бар асари ин ислоҳоти пулӣ танзими таваррум ва дигар муносиботи пулӣ дар мамлакат имконпазир гардид.

Танҳо соли 2012 аз ҷониби бонкҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба маблағи 5,3 миллиард сомонӣ қарз манзур шудааст, ки ин рақам нисбат ба соли 2009-ум 25,6 фоиз зиёд мебошад. Дар сохтори ин қарзҳо ҳиссаи қарзҳои дарозмуддат, ки ба рушди истеҳсолот мусоид мебошанд, дар муқоиса бо соли 2009-ум 3,6 фоиз афзун гардидааст.

5. Тоҷикистон дар байни 82 давлати рӯ ба рушд аввалин кишварест, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола бо дастгирии Созмони Милали

Муттаҳид самтҳои асосии Стратегияи миллии рушдро барои солҳои 2007–2020 таҳия намуда, ба мавқеи иҷро гузоштааст. Бар амали ҳуҷҷати мазкур дар давоми 9 соли оянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармояи хориҷӣ ба маблағи 41,6 миллиард сомонӣ (13 миллиард доллари амрикоӣ) пешбинӣ шудааст, ки истифодаи мақсадноки он низоми иқтисоди мамлакатро тақвият хоҳад бахшид (баъзе маълумоти омор оид ба ҷалби сармоягузории солҳои 2013–2015 дар ҷадвалҳои 2 ва 3 инъикос гардидаанд).

*Ҷадвали 2*

**Тақсимоти маблағҳои қарзи Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2013–2015 аз рӯи соҳаҳо (бо ҳазор доллари ИМА)**

| Соҳа | 2013 | 2014 | 2015 | Ҷамъ дар солҳои 2013–2015 |
|---|---|---|---|---|
| Идоракунии иқтисодиёт | 9 000,00 | 12 538,00 | 12 695,00 | 34 233,00 |
| Кишоварзӣ | 15 242,00 | 4 707,00 | 4 000,00 | 23 949,00 |
| Ирригатсия ва таъминоти деҳот бо об | 8 850,00 | 101 900,00 | 151 505,00 | 262 255,00 |
| Таъминоти об ва тозаоб | 28 009,00 | 43 627,00 | 53 600,00 | 125 236,00 |
| Экология | 1 182,00 | 155,00 | - | 1 337,00 |
| Энергетика | 92 184,00 | 667 520,00 | 702 490,00 | 1 462 194,00 |
| Нақлиёт | 368 242,00 | 739 216,00 | 707 833,00 | 1 815 291,00 |
| Маориф | 7 033,00 | 31 423,00 | 50 021,00 | 88 477,00 |
| Нигаҳдории тандурустӣ | 9 618,00 | 16 900,00 | 21 744,00 | 48 262,00 |
| Бахшҳои хурд ва дигар | | 2 200,00 | 8 800,00 | 11 000,00 |
| *Ҳамагӣ* | *539 360,00* | *1 620 186,00* | *1 712 688,00* | *3 872 234,00* |

*Ҷадвали 3*

**Манбаъҳои маблағгузорӣ (ҳазор доллари ИМА)**

| Манбаъҳо | 2013 | 2014 | 2015 | Умуман дар солҳои 2013–2015 |
|---|---|---|---|---|
| Маблағгузории хориҷӣ | 490132,20 | 1428910,20 | 1556403,20 | 3475445,60 |
| Қарз | 389516,20 | 1224553,20 | 1480673,20 | 3094742,60 |
| Грант | 100616,00 | 204357,00 | 75730,00 | 380703,00 |
| Маблағгузории дохилӣ | 49227,80 | 191275,80 | 156284,80 | 396788,40 |
| Буҷет | 43991,80 | 90413,80 | 102884,80 | 237290,40 |
| Манбаъҳои дигар | 5236,00 | 100862,00 | 53400,00 | 159498,00 |
| *Ҳамагӣ* | *539360,00* | *1620186,00* | *1712688,00* | *3872234,00* |

6. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва ҳаллу фасли муаммоҳои иқтисодӣ Президенти мамлакат ташаббуси таҳияи ҳуҷҷати давлатии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо"-ро бар асоси тақсимоти одилонаи натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ва таъмини баланд бардоштани некӯаҳволии табақаҳои мухталифи аҳолӣ ба миён гузошта буд. Натиҷаи ин иқдоми хирадмандона ва рушди босуботи иқтисодии кишвар буд, ки дар Ҷумҳурӣ сол ба сол даромаднокии аҳолӣ

зиёд шуда, сатҳи камбизоатӣ торафт кам шуда истодааст. Татбиқи босамари ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барқарорсозии иқтисодиёт ва ноил шудан ба сатҳи устувори макроиқтисод имкон дод, ки сатҳи камбизоатӣ аз 72,4%-и соли 2003 то 38,9% дар соли 2012 коҳиш ёбад.

***Ҷадвали 4***

**Нишондиҳандаҳои даромади аҳолӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *2000* | *2005* | *2010* | *2012* | *2012 нисбат ба 2000* |
| Ҳисоби миёнаи даромад ба ҳар сари аҳолӣ (млн. сомонӣ) | 16,9 | 55,48 | 190,18 | 258,81 | 15,3 |
| Музди миёнаи меҳнати кормандон (сомонӣ) | 15,7 | 83,58 | 354,44 | 555,53 | 35,4 |

7. Ташаккули раванди иқтисоди бозор ба татбиқи дурусти сиёсати андозу буҷет пайванди маҳкам дорад. Тибқи оморгирии иқтисодӣ агар ҳаҷми умумии буҷети давлат соли 2001 бо назардошти барномаи сармоягузории давлатӣ 600 миллион сомонӣ ва соли 2005 зиёда аз 1,6 миллиард сомонӣ бошад, пас, соли 2014 он ба 11,2 миллиард расидааст, ки нисбати соли 2005-ум 6,7 маротиба зиёд аст. Бо чунин суръат афзудани ҳаҷми буҷети давлат далели татбиқи муваффақонаи ислоҳоти иқтисодӣ ва таҳкими суботи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар мебошад.

8. Тӯли солҳои охир дар бахши саноати кишвар низ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштанд. Дар даври соҳибистиқлолӣ 125 корхонаи нави истеҳсоли масолеҳи сохтмон сохта, ба истифода дода шуданд. Теъдоди коргарони ин корхонаҳо зиёда аз 5000 нафарро ташкил медиҳад. Ҳоло дар кишвар 6 корхонаи хурду калони истеҳсоли семент, 80 корхонаи истеҳсоли хишт, 46 корхонаи истеҳсоли регу шағал, 6 корхонаи коркарди санг, 6-тоӣ корхонаи истеҳсоли оҳаку гаҷ ва ғайра фаъолият доранд. Дар соҳаи саноати сабук 25 корхонаи нав таъсис дода шудааст. Ин корхонаҳо бо коркарди ашёи маҳаллӣ машғул буда, дар онҳо наздик 7 ҳазор ҷойҳои нави кор ташкил карда шудаанд *(ҷадвали 5).*

***Ҷадвали 5***

**Нишондиҳандаҳои умумии иқтисоди саноат**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *2000* | *2005* | *2010* | *2012* | *2012 нисбат ба 2000* |
| Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноат (млн. сомонӣ) | 4147 | 7220 | 8248 | 9504 | 2,3 маротиба |
| Шумораи миёнаи коркунони истеҳсоли соҳаи саноат (ҳазор нафар) | 90,1 | 85,1 | 69,5 | 79,6 | 0,88 |
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 1329 | 1130 | 1386 | 1586 | 1,2 маротиба |

9. Тазаккур бамаврид аст, ки рушди мунтазами иқтисоди кишвар бе таъмини истиқлоли энергетикӣ ва таъмини комили соҳаҳои хоҷагии халқ бо нерӯи барқ ғайриимкон аст. Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ бо мақсади таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар, аз ҷумла сохтмон ва ба истифода додани НБО-и "Сангтӯда-1" ва идома ёфтани корҳои сохтмон дар НБО-и "Сангтӯда-2", "Роғун" ва дигар нерӯгоҳҳои хурду бузург идома дорад. Дар Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар маҷмӯъ 235 адад НБО-и хурд бо иқтидори аз 5 то 2500 кВт сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар назар аст,

ки то соли 2020 беш аз 190 нерӯгоҳи дигар сохта, ба истифода дода шавад.

Сохтмони хатти интиқоли барқи "Ҷануб–Шимол" ба раванди истиқлолияти энергетикӣ дар Тоҷикистон мароми тозае ато намуд. Айни замон дар бахши энергетика бо ҷалби маблағҳои давлатӣ ва хориҷӣ 13 лоиҳаи инвеститсионӣ мавриди татбиқ қарор дорад, ки ҳаҷми умумии маблағи онҳо 3 миллиарду 720 миллион сомониро ташкил медиҳад.

10. Дар низоми сиёсати иқтисодии тарҳрезикардаи Эмомалӣ Раҳмон раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ аз рукнҳои дигари мусоид ба таҳкими истиқлоли давлатӣ ва миллӣ эътироф ва шинохта шудааст. Бо истифода аз маблағҳои буҷет ва сармояи хориҷӣ дар маҷмуъ зиёда аз 1,6 ҳазор километр роҳҳои автомобилгард, 18 километр нақб, 250 пул ва 4 километр иншооти зидди тарма бунёд ва таъмиру тармим карда шуданд. Дар солҳои Истиқлолият шоҳроҳи автомобилгарди "Кӯлоб–Хоруғ–Кулма–Қароқурум", "Душанбе–Чаноқ", "Ваҳдат–Ҷиргатол–Саритош" ва сохтмони нақб дар ағбаи Шаҳристону Чормағзак, ҳамчунин нақбҳои "Истиқлол"-у "Озодӣ" ва пули дорои аҳамияти байналмилалӣ аз болои дарёи Панҷ мавриди истифода қарор гирифтанд. Солҳои оянда татбиқ гардидани се лоиҳаи нав – сохтмони роҳҳои мошингард ба маблағи умумии зиёда аз 4,5 миллиард сомонӣ оғоз гардида, ба раванди истиқлолияти коммуникатсионии давлат нерӯи тоза ато хоҳад намуд.

11. Низоми иқтисодии Тоҷикистонро берун аз фаъолияти соҳаи кишоварзӣ тасаввур кардан имконнопазир аст, зеро натиҷаҳои бобарори иқтисодӣ ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ низ пайвастагии қавӣ доранд. Бо пайгирӣ аз ин ҳадаф яке аз иқдомоти бузургу таърихии анҷомдода тақсимоти 50 ҳазор гектар замин ба аҳолии мамлакат ба меҳвари амал гузошта шуда, дар ростои иҷрои он шумори зиёди аҳолии шаҳру деҳот соҳиби заминҳои наздиҳавлигӣ гаштанд.

Мутобиқи нишондодҳои омор соли 2012 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 16,4 миллиард сомониро ташкил додааст, ки ин нисбат ба соли 2000-ум 3,7 маротиба зиёд буда, баривоҷи истеҳсолоти кишоварзӣ ишорат мекунад *(ҷадвали 6)*.

***Ҷадвали 6***

**Нишондиҳандаҳои умумии иқтисоди кишоварзӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *2000* | *2005* | *2010* | *2012* | *2012 нисбат ба 2000* |
| Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (млн. сомонӣ) | 4467.4 | 6855,9 | 9391,4 | 16447,5 | 3,7 маротиба |
| *Аз он ҷумла,* рустанипарварӣ | 3219,7 | 4724,9 | 6617,5 | 11836,3 | 3,7 маротиба |
| чорвопарварӣ | 1247.7 | 2131,0 | 2773,9 | 4641,2 | 3,7 маротиба |
| Адади корхона ва ташкилоти кишоварзӣ | 13012 | 23162 | 51378 | 73806 | 5,7 маротиба |

Танҳо дар се соли охир дар кишвар зиёда аз 50 корхонаи нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки фаъолияти онҳо ба афзудани иқтидори истеҳсолии соҳа нақши муассир гузошт.

Дар маҷмӯъ, тафсири дастовардҳои иқтисодиёти Тоҷикистон гувоҳӣ аз он медиҳад, ки кишвари азизамон дар ҷодаи дурусту солими сиёсати иқтисодӣ ба сӯи рушду нумӯ роҳ пеш гирифтааст.

***Худойбердиев С.,***
***н.и.п., профессор***

# ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ОН ДАР ҚИТЪАИ АВРУОСИЁ

Об дар қитъаи Авруосиё, махсусан, дар Осиёи Марказӣ на танҳо асоси рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, балки яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад.

Сарчашмаи ғизогирии дарёву чашмаҳо ва кӯлҳои Осиёи Марказӣ ба пиряхҳо вобаста аст. Аз рӯи тадқиқоти олимони ҷаҳон маълум аст, ки аз соли 1956 то соли 2012 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз се маротиба кам шудааст. Ба ҳисоби миёна ҳар сол 0,8% майдони пиряхҳо кам шудааст.

Дар асри XX пиряхҳои хурду миёнаю калон нобуд шуданд. Ҳар сол ҳарорати (атмосфера) замин 2–3 дараҷа боло меравад ва боиси кам гардидани захираи барфу пиряхҳо мешавад. Ҳаҷми дарёҳо хурд мегарданд. Ҳар сол аҳолӣ ба миқдори 7–10% зиёд шуда, талабот ба об то соли 2030-юм 15–20 фоиз зиёд хоҳад шуд.

Шумораи давлатҳои ҷаҳон, ки 5 миллион аҳолӣ доранд, ба 8 адад расидааст. Солҳои наздик саршумори аҳолии Ҷумҳурии мардумии Чин ба 1.500 млрд ва аҳолии Ҳиндустон ба 1.450 млрд нафар мерасад.

Аҳолии Осиёи Марказӣ ба 75 млн нафар мерасад. Соли 2030 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 10 млн нафар хоҳад расид.

Тоҷикистон кишвари кӯҳистон аст. Ҳамаи кӯҳҳои кишварро ба ҳар як сари аҳолӣ тақсим кунем, ба ҳар кас зиёда аз 165,6 сотих рост меояд. Агар заминҳои киштбобро ба ҳар нафар сокини мамлакат тақсим намоем, ба ҳар як нафар 0,8 га рост меояд. Оянда ин миқдор бечунучаро кам мегардад, зеро 71 фоизи заминҳои корами Тоҷикистон бо роҳи сунъӣ обёрӣ карда мешаванд.

Дар ёд дорам, ки соли 2003 дар Анҷумани байналхалқии оби тоза дар шаҳри Душанбе обмони дарёи Нигер (Африқо) ҷаноби Алаби Оломада баромад карда, чунин гуфта буд: "*Ҷаноби Олӣ! Мӯҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон! Шумо дар ҳақиқат дӯсту бародари ба дил наздики мардуми асрҳои аср ташнаи об будаед, ки ҳалли мушкилоти асосии мо камобиро ба муҳокимаи Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод кардед. Гумон доштем, ки халқи тоҷик монанди мо, африкоиҳо, аз камобию беобӣ дар азобанд, ки сарвари давлаташон аз минбари СММ масъалаи оби тоза ва ҳифзи манбаъҳои онро ба миён гузоштааст. Лекин, вақте ба Тоҷикистон омадему рӯдҳову чашмаҳои мусаффо, кӯлҳои бешумор, боғу бӯстонҳо, неъматҳои фаровони аз шарофати об рӯёнидаро дидем, мардуми зебо, меҳнатдӯсту меҳмоннавоз ва собиқ дасту дили кушодро дида, худро дар биҳишти ҳақиқӣ ҳис кардем. Ва баъд фаҳмидем, ки Шумо натанҳо ғами дарди халқи худро мехӯрдаед, балки бори*

ли протоколи КИОТО-ро низ зам карданд. НБО ҳеҷ гоҳ ба экология таъсири манфӣ намерасонад. Давлатҳое, ки истгоҳҳои ҳароратӣ доранд, аз ҳисоби сӯзонидани манбаъҳои углеводорот (ангишт, мазут) ҳаворо олуда месозанд.

Дар қазияи баландии сарбанд (платина) низ ихтилофи дидгоҳҳо вуҷуд дошт. "Русал" 285 метр пешниҳод дошт, аммо дар лоиҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 335 метр мебошад.

Сохтмони НБО Роғун соли 1976 оғоз шуда буд. Иқтидори лоиҳавии он 3600 мВт буда, аз 6 агрегат иборат аст. Ҳар як агрегат 600 мВт қувва дорад. Иқтидори истеҳсоли солонаи он 13,1 млрд квт/соат аст. Агар ҳамсоягони мо ёрии башардӯстонаро ба сиёсат (идеология, геополитика) омехта намекарданд, соли 2006 ду агрегат бо маблағи 590 млн доллар сохта, ба истифода дода мешуд.

Дар натиҷаи созишномаи дипломатии Тоҷикистон бо Эрон НБО-и "Сангтуда-II" сохта шуд, ки иқтидори он 220 мВт буда, дорои арзиши 182 млн доллар аст.

Агар тамоми қувваи барқи НБО-ҳои Норак, "Сангтӯда-I", "Сангтӯда-II" ва 290 НБО-и хурд пурсамар ба истифода дода шавад, он гоҳ мо дорои 31–33 млрд квт қувваи барқ хоҳем шуд. Афсӯс, 4–5 сол аст, ки соле дар Ҷумҳурӣ аз 15,3 то 15,5 млрд қувваи барқ истеҳсол мекунем. Ҳол он ки барои таъмини хоҷагии халқи Тоҷикистон зиёда 20 млрд квт/соат қувваи барқ лозим аст. Аммо, имрӯз ба мо 5 млрд квт/с қувваи барқ намерасад.

Ҳоло як қатор истгоҳҳои барқи хурд пурра кор намекунанд, зеро онҳо дар дарёчаҳои кӯҳӣ сохта шудаанд. Дар фасли зимистон дарёчаҳо ях мекунанд. Онҳо фақат баҳору тобистон ва тирамоҳ кор мекунанд. Дар тобистон бошад, қувваи барқи изофаи мо ба давлатҳои ҳамсоя бо нархи арзон содир карда мешавад.

Аз соли 2009 Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон интиқоли барқро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ намуданд. Зиёда 16–17 сол мешавад, ки халқи тоҷик дар фасли зимистон бо қувваи барқи нокифоя зиндагӣ мекунад. Бо баҳонаи он ки НБО-и Роғун ба экологияи марзи Осиёи Марказӣ таъсири бад мерасонад, пеши роҳи ин сохтмонро мегиранд.

Ҳоло се сол мешавад, ки мумайизи (эксперт) техникаи назди Бонки ҷаҳонӣ вазъи техникии сохтмони НБО-и Роғунро тадқиқ карда истодааст. Аз тарафи "Русал" (Федератсияи Русия) бошад, бар ивази сохтмони НБО-и Роғун аз Тоҷикистон заводи алюминии шаҳри Турсунзодаро талаб карданд. Алайҳи талаби ғоратгаронаи сарвари "Русал" Олег Дерепаско Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи ҳамкориро қатъ намуд.

Давлатҳои ҳамсоя – Ҷумҳуриҳои исломии Афғонистон ва Эрон мақсад доштанд, ки аввалин шуда, қувваи барқи Роғунро харидорӣ менамоянд. Халқи баоридяти мо бо арзиши 280 миллион доллари ИМА саҳмияи сохтмони Роғунро харидорӣ намуд. Ҳоло сохтмони НБО-и Роғун бо қувваи худи Ҷумҳурӣ давом дорад.

Об муаммои асри XXI аст. Соли 2012 соли дипломатияи об эълом шуда буд. Дар конфронс ва машваратҳои Осиёи Марказиву ҷаҳонӣ намояндагони давлатҳои ҳамсояи мо фаъолона иштирок намекунанд. Масъалаи об гӯё танҳо барномаи Вазорати хоҷагии об бошад, дар якчанд машварат фақат ҷонишини вазири хоҷагии оби Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарбар менамоянд. Ҷумҳурии мо бошад, бо сарварии Президенти мамлакат оид ба муҳокимаи ҳалли обҳои Авруосиё солҳои 1992–2009 дар шаҳри Алмаато, соли 1993 дар шаҳрҳои Қизилӯрда ва Истамбул, соли 2002 дар шаҳри Киоти Ҷопон, соли 2003 дар шаҳри Душанбе, соли

2008 дар Копенгаген (Дания), соли 2009 дар Женева, солҳои охир (2012–2013) оиди дарёҳои сарҳадгузар гуфтугузорҳои зиёд доир намуд. Махсусан, мумайизони (экспертҳо) СММ изҳор карданд, ки ҳаҷми обанборҳои поёноби ҳавзаи Арал нисбат ба ҳаҷми оби баҳри Арал 1,5 маротиба зиёд аст.

Дар шаҳри Копенгаген намояндаи СММ изҳор намуд, ки дар ҳар сад сол аҳолии рӯи Замин 1 млрд нафар зиёд шуда истодааст. Ҳоло ба ҳисоби миёна 1 млрд аҳолии сайёра гурусна ва 1 млрд нафар нимгурусна мебошанд. Сол аз сол ҳарорати замин гарм шуда истодааст.

Дар шароити иқлими Осиёи Марказӣ пурсамар истифода бурдани об барои хоҷагии кишвар зарур аст. Танҳо бо роҳи бо об таъмин гардонидани заминҳои корам, азхудкунии заминҳои бекорхобида ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзиро зиёд кардан мумкин аст. Бо ин роҳ як андоза пеши роҳи гуруснагиро гирифтан мумкин аст.

Дар СММ то соли 2003-юм 22 пажӯҳишгоҳи таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ оид ба об фаъолият мебурд. Таклиф менамоем, ки онҳо қарори қабулкардаи Ҳукумати Шӯравиро аз нав дида бароянд ва ба муҳокимаи СММ пешниҳод кунанд, зеро дар асоси он тақсимоти об дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ноодилона пешниҳод шудааст. Бояд гуфт, ки дар қарори Конфронси байналхалқии соли 1972 оид ба об дар шаҳри Хелсинки (Финляндия) омадааст: *"давлатҳое, ки аз марзашон ғизоҳрии дарё сар мешавад, нисбат ба давлатҳое, ки дар поёноб ҷойгиранд, бештар афзалият доранд. Инро ба назар гирифта, харобиҳоеро, ки дар фасли сербориш дар сароби дарё рух медиҳанд, давлатҳои дар поёноб ҷойгиршуда маблағгузорӣ кунанд"*.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки чунин тадбирҳо ба амал бароварда шаванд:

1. Тақсимоти ҳаҷми обҳои Осиёи Марказӣ аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ, бо назардошти шароити табиӣ, махсусан, изотермаи зимистон ва тобистони онро ба инобат гирифта, ба амал бароварда шавад. Зеро Президенти мамлакатамон Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбари СММ изҳор намудааст, ки меъёри истифодабарии об, умуман, тақсимоти он байни давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд аз нав дида баромада шавад.

2. Дар шароити имрӯза чун дарозои солҳои 60–70-уми асри XX дипломатияи халқӣ барои ором намудани халқу миллатҳо оид ба тақсимоти об ба роҳ монда шавад.

3. Дар муҳокимаи вазъи обҳои сарҳадгузар олимони ҷуғрофидон, геологҳо, иқтисодчиёни хоҷагии қишлоқ, гидрологҳо, гидрогеографҳо, гляциологҳо, обуҳавосанҷҳо даъват карда шаванд.

4. Маркази назорати вазъи истифодабарии об дар Осиёи Ҷанубӣ дар шаҳри Душанбе ташкил карда шавад.

5. Ҳар сол дар Осиёи Марказӣ дар мавзӯи "Биёбоншавӣ ва хатари он, гармшавии атмосфера ва обшавии пиряххои Осиёи Марказӣ" конфронсҳои бонуфуз гузаронида шаванд.

6. Тарғиби ҳифзи об, биёбоншавии ландшафт (аз таҷриба ва мушоҳидаи мутахассисон) тариқи рӯзномаю маҷаллаҳо ба роҳ монда шавад.

### Адабиёт:

1. Баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 1992–2003 дар ҷаласаҳои СММ).
2. Паёмҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат (солҳои 2009, 2010, 2011, 2012, 2013, 2014).
3. С. Худойбердиев "Сӯҳбат дар мавзӯи об" (дастнавис), с. 2014.

***Акилов Ф. И.,***
***н.и.ҳ., омӯзгори калон***

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚ – ОМИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОД

Солҳои охир дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюл ба рушди босубот ҳамчун барномаи аввалиндараҷа ва стратегӣ афзуда истодааст. Мақсади асосии сиёсати имрӯзаи давлат тақвияти рушди босубот мебошад. Президенти кишвар Эмомолӣ Раҳмон инро дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид карда буд: *"Мақсади асосии мо тақвияти пайгиронаи рушди босуботи иқтисодии Тоҷикистон ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, бахусус тавассути таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва баровардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳамзамон бо ин, инкишофи босуръати соҳаҳои бунёди дар заминаи рушди бахши хусусӣ мебошад, ки дар даврai гузариш рушди устувори иқтисодиёти моро таъмин менамояд".*

Дар ин замина, чунин омилҳои рушди босуботи иқтисодиро муайян намудан мумкин аст:

– *таъмини истиқлолияти энергетикӣ;*
– *амнияти озуқаворӣ;*
– *баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ;*
– *рушди бахши хусусӣ;*

Дар ин замина бояд дарк намуд, ки рушди ҳар як соҳа бидуни кадрҳои коргарии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ номумкин мебошад ва аз ин лиҳоз рушди соҳаи маориф низ яке омилҳои асосии рушди босуботи иқтисодӣ мебошад.

Ҳангоми таҳлили раванди ҳар яке аз омилҳои дар боло оварда чунин муайян карда шуд, ки омили асосии рушди ҳар як соҳа батанзимдарории ҳуқуқ мебошад, аз ин рӯ батанзимдарории ҳуқуқ омили асосии рушди босуботи иқтисод маҳсуб мешавад. Чунин таҳлилро дар мисоли омилҳои дар боло нишондода дида мебароем.

Солҳои охир дар асоси нақшаву тадбирҳои стратегӣ доир ба истиқлолияти энергетикӣ бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ лоиҳаҳои ҳаётан муҳими энергетикӣ, ба монанди нерӯгоҳи барқии обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2», хатҳои интиқоли барқи "Ҷануб – Шимол" ва "Лолазор – Хатлон", хатти интиқоли барқи байни Тоҷикистону Афғонистон, корҳои барқароросозии нерӯгоҳи Роғун, таҷдиду навсозии иншооти амалкунандаи энергетикии Норак, Қайроққум, Сарбанд, Помир ва Варзоб амалӣ гардида истодаанд. Ҳамзамон бо ин, якҷоя бо шарикони стратегӣ, аз ҷумла бо Бонки Умумиҷаҳонӣ корҳои таҳқиқотии

лоиҳаи нерӯгоҳи Роғун, инчунин таҳияи лоиҳаи хатти интиқоли барқи байналмилалии "CASA–1000" идома доранд. Дар соҳаи дарёфти сарчашмаҳои нави энергияи алтернативӣ ба намуди газ, ангиштсанг як қатор чорабиниҳо, аз қабили ҳафри чоҳҳои нафткашӣ ва газ дар минтақаҳои Сариқамиш ва Саргазон бо ҳамкории ширкати русии Газпром ва ғайра амал шуда истодааст. Умуман дар ин самт зиёда аз 15 ширкати ватанию хориҷӣ дар 87 мавзеи истихроҷӣ корҳои тадқиқотӣ анҷом дода шуда истодаанд.

Ҳамаи ин дар чаҳорчӯбаи амалигардонии Консепсияи рушди соҳаи энергетика барои солҳои 2003–2015 иҷро шуда истодааст, аз ин рӯ рушд, пешравӣ ва аз ҳама муҳим танзими ин соҳаро бидуни қонунгузории мухталиф ва санадҳои қонунии дохиливу байналмиллалӣ тасвир кардан мумкин нест.

Қонунҳо ва санадҳои мухталифе, ки ин соҳаро ба танзим медароранд, инҳоанд: *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи энергетика"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ангишт"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти нафт"; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи инкишофи энергетикаи хурд" ва ғайра.*

Татбиқи сиёсати ҳуқуқ оид ба рушди ин соҳа чунин фаъолиятҳоро тақозо мекунад:

*– такмили заминаи меъёру ҳуқуқ барои интиқоли озоди манбаъҳои пул, қувваи кор ва таҷҳизоти технологии корхонаҳо, шахсони ҳавасманд;*

*– коркарди механизмҳои ҳамкории иштирокчиёни соҳа бо назардошти манфиатҳои онҳо ва ҳимояи сармоягузорӣ;*

*– ҳавасмандгардонии иштирокчиёни соҳа барои рушду тараққиёт ва ғайра;*

*– коркарди механизмҳои пешниҳоди имтиёзҳои андоз, дигар имтиёзҳо;*

*– аз ҳама муҳим рақобатпазир гардонидани фаъолияти соҳа.*

Дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ба чунин натиҷаҳои назаррас ноил шудаем. Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти 2013 сол узви комилҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии савдо гардид. Бо ҳамин раванди ҳамроҳшавии кишвар ба ҳамаи созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ба анҷом расид. Ин имкон медиҳад, ки дар кори Созмони умумиҷаҳонии савдо фаъолона иштирок намуда, манфиатҳои кишвари худро ҳимоя намоем. Барои ин мутахассисони соҳаҳои иқтисод ва ҳуқуқ лозиманд, ки дониши васеъ ва сатҳи баланди касбии байналмилалии барои ин намуди фаъолият зарурӣро дошта бошанд. Баробари ин, ворид шудан ба низоми байналмилалии тиҷорат водор месозад, ки такмили қонунгузорӣ

ва ислоҳотро дар соҳаҳои дахлдор идома диҳем, то тавонем аз имконият... ин созмони бонуфуз баҳравар гардем.

И... ба бар ин, иҷрои пурраву саривақтии барномаҳои қабулкардаи Ҳукумати мамлакат дар самти таъмини ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва рушди он вазифаи муҳимтарин мебошад. Барои рушди ин соҳа такмили қонунгузорӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа мебошад. Дар ин ҷода чунин вазифаҳои мушаххас бояд иҷро карда шаванд:

– *таҳия, қабул ва иҷрои Барномаи таъмини озуқаворӣ;*

– *даровардани тағйирот ба қонунгузории замин вобаста ба мустаҳкам кардани ҳуқуқҳои деҳқон нисбат ба замин;*

– *таҳия намудани стратегияи ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон;*

– *тайёр кардани пешниҳодҳо оид ба муайян намудани андозаи ягона ва андозбандии соддакарда барои ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ.*

Дар ҷодаи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ба дастовардҳои назаррас ноил шудаем. Тоҷикистон чанде қабл бо кушодашавии нақби "Шаҳристон" аз бунбасти коммуникатсионии дохилӣ пурра раҳо ёфта, ба як сарзамини воҳид табдил ёфт. Дар даҳ соли охир ҷиҳати раҳо ёфтани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баромадан ба бандарҳои обии ҷаҳонӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии қариб 3,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Дар натиҷа 1650 километр роҳҳои мошингард таҷдиду бунёд гардида, 109 пул ва 27 километр нақб сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Алҳол дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 5,5 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Таҷдиду барқарорсозии роҳҳо идома дошта, то соли 2015 сохтмону барқарорсозии роҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент, Душанбе – Турсунзода, Кӯлоб – Қалъаихумб, сохтмони терминали замонавӣ дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, хатти роҳҳои оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа (қитъаи Ваҳдат – Ёвон) ва Қӯрғонтеппа – Панҷи поён дар назар дошта шудааст. Бо ин мақсад ҷиҳати амалисозии лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон – Афғонистон – Туркманисто... ки омили муҳими рушди иқтисодии Тоҷикистон ва давлатҳои минтақа ... гардид, андешидани чораҳои зарур идома дорад.

Пеш аз ҳама, амалигардонии ин ҳадафҳо бидуни сармоягузории хориҷӣ бисёр душвор мебошад. Бино бар ин, бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ва моликияти инвесторон кор карда баромада шаванд, ки қабули санадҳои қонунии зиёдро талаб мекунад.

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳим тарбияи кадрҳои коргарии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Дар ин ҷода дар амалия ҷорӣ намудани татбиқи барномаҳои нави таълим, аз он ҷумла гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ, компютерикунии тамоми мактабҳои миёна ва олӣ ва ислоҳоти Академияи илмҳои Ҷумҳурии То-

ҷикистон ҷорӣ шуда истодааст.

Бо назардошти муҳимияти ин масъала аз соли 2010-ум инҷониб зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ самти афзалиятнок эълом шудааст. Дар ин замина тайёр намудани кадрҳои соҳаҳои мухталиф дар кишварҳои хориҷа ва кушодани бахшҳои донишгоҳҳои дигар кишварҳо дар қаламрави Ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар ин давр барномаи давлатии рушди муассисаҳои тарбияи кадрҳои корӣ қабул гардида, нақшаву барномаҳои таълими онҳо таҷдиди назар карда шуданд. Тибқи маълумот дар давоми солҳои 2008–2012 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро 9 ҳазору 300 нафар бо ихтисоси ҳуқуқшинос ва беш аз 40 ҳазор нафар бо ихтисосҳои гуногуни иқтисодӣ хатм кардааст.

Дар ин соҳа санадҳои қонунии мухталифе қабул шудаанд, ки фаъолияти ин соҳаро ба танзим медароранд:

– *Барномаи Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2007–2015;*
– *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ";*
– *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ";*
– *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи парки технологӣ";*
– *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ";*
– *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ".*

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳои боло маълум мешавад, асоси рушди ҳар як соҳа ба танзимдарории ҳуқуқи соҳа мебошад.

Аз ин лиҳоз, он омили асосии рушди босуботи иқтисод ба ҳисоб меравад.

***Маъмурова С.,***
***донишҷӯи соли дуюми ихтисоси***
***ҳуқуқи байналмилалӣ; роҳбари***
***илмӣ н.и.ф., дотсент Солиҷонов Р.***

# НАҚШИ АСАРҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Таърихи охири асри XX ва ибтидои асри XXI собит менамояд, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ миллати тоҷик роҳи пуртазоду даҳшатборро тай кардааст. Ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистонро тӯли ин солҳо аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ оғози тағйирёбиҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию маънавӣ ва тезутунд гаштани низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ тавсиф менамоянд. Боиси хурсандии мо, ҷавонон, аст, ки миллати сулҳофари тоҷик, қабл аз ҳама, бобоён, падарону модарони мо бори дигар исбот намуданд: онҳо ворис миллате ҳастанд, ки барояш муқаддас донистани замин, пок нигоҳ доштани он ва бунёди фалсафаи одамияту суботи ҷомеа арзиши аз ҳама воло мебошад. Омӯзиши афкори умум ва сӯҳбати рӯзмарра бо ҳамсабақону ҳамсолон исботи он аст, ки барои мардуми тоҷик, хоса ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол, арзишҳои волои худшиносӣ, сулҳофаринӣ ва ватандӯстӣ, ки аз фарҳанги авастоӣ ибтидо гирифта, то ба тамаддуни исломӣ ва қарни XXI, ки ҳамчун даврони технологияҳои иттилоотию воситаҳои ҷадиди телекоммуникатсионӣ шинохта мешавад, моҳияти хешро гум накардаанд.

Худшиносии миллӣ ҷараёни хеле мураккаби худшиносии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқу миллат ва умуман ҷомеаро дарбар мегирад. Вокуниши мазмуни худшиносии миллӣ ҳамчун раванди дарки ҳодисаҳо аз ҷониби наслҳо ва интиқоли онҳо ба наслҳои оянда дар замони муосир мазмуни амиқ пайдо мекунад. Омӯхтани шуури миллӣ дар чунин ҳамбастагӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ хеле муҳим аст, зеро маҳз таъсири шароитҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки дар таърих решаҳои чуқур доранд, худшиносии миллиро дар даврони соҳибистиқлолӣ ташкил медиҳад.

Аз фарози қарни XXI ба гузаштаи дури миллатамон назар афканда, набояд фаромӯш созем, ки озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарварии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони сарсупурда навишта шудаанд. Аз ин лиҳоз, истиқлолияти тоҷикон ва шинохти худии худи тоҷикон дар умқи таърих решаҳои амиқи иҷтимоиву фарҳангиро дорост. Аз мағз андар мағзи осори безаволи одамушшуаро Рӯдакиву достонсарои безавол Фирдавсӣ, назму насри оламгири Ҳофизу Саъдӣ, ғазалҳои ноби лирикӣ ва дар ғарибӣ сурудаи Камоли Хуҷандӣ, фалсафаи Форобию Ибни Сино, Аҳмади Дониш рӯҳияи истиқлолхоҳӣ меояд. Қаҳрамониҳои Спитамен, Абӯмуслим, ватанхоҳиву муборизаҳои Темурмалику Шерак, исёни адолатхоҳонаю озодиҷӯёнаи Муқанна, Те

мурмалик, Восеъ ва даҳҳо дигар мисоли равшани муборизаи аҷдодони мо баҳри дарёфти асолату рисолати миллати хеш мебошанд. Муборизаи шадиди мафкуравии фарзандони бузурги миллати мо, ба мисли Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Аловаддин Баҳоваддинов, Абдулғанӣ Мирзоев, Муҳаммад Осимӣ, Сотим Улуғзода ва гурӯҳи калони олимону зиёиёни сарсупурдаву дурандеш набояд аз ёдҳо зудуда гардад. Онҳо, барҳақ, барои бедорӣ ва худшиносии миллӣ ба тариқи таҳқиқу таблиғи таърихи бисёрҳазорсолаи ниёгон ва мероси оламгиру ҷовидона мубориза бурда, халқи моро ба шоҳроҳи манфиатҳои аслии миллӣ ҳидоят намуданд.

Дар ин радиф, барҳақ, бояд иқрор шуд, ки дар эҳёи ҳаёти маънавии ҷомеаи Тоҷикистон ва ташаккули падидаи худшиносии миллӣ нақши асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле муассир аст. Ҳамчун роҳбари сиёсии давлат ӯ аз рӯзҳои аввали фаъолияти хеш ташаккули худшиносии миллиро дар ниҳоди ҳар як фарди ҷомеа, хосатан ҷавонон, яке аз масъалаҳои меҳварии эҳёи маънавиёти ҷомеа меҳисобид. Намояндагони илму фарҳангро "захираи тилло"-и ҷомеа номида, дар лаҳзаҳои тақдирсоз ба андешаву афкори онҳо гӯш медод, бо онҳо мулоқотҳо баргузор менамуд. Муҳимтар аз ин, барои интихоби роҳи дурусти эҳёи ҳаёти маънавии ҷомеаи навини тоҷикон худ ба омӯхтани таъриху фарҳанги гузаштагон оғоз намуд, зеро ӯ чунин мешуморид, ки дар саҳифаҳои таърих қаҳрамониҳо, худфидоӣ ва меҳнати бунёдкоронаи гузаштагони миллат сабт гаштаанд. Баъд аз омӯзиши ҳаматарафа, таҳаммули ботинӣ, яъне таҳлили фалсафии далелҳои таърихӣ, андешаҳои худро дар асари бунёдии худ "Тоҷикон дар оинаи таърих (аз Ориён то Сомониён)" баён намуд. Бояд тазаккур дод, ин асари бунёдӣ дар ташаккули худшиносии миллии тоҷикон нақши ҳалкунанда бозид.

Муаллифи асар таърихи тоҷиконро саҳифагардонӣ намуда, андешаҳои худро дар бораи муборизаи халқи тоҷик барои соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлатсозиву давлатдории тоҷикон баён кардааст. Дар ин радиф таъкид мегардад, ки мо ҳуқуқи хотираи таърихии худро гум карданро надорем, зеро зудуда гаштани хотираи таърих, маҳдудияти шуури таърих ва ҳифз карда натавонистани боигарии иҷтимоию фарҳангии ниёгон масъулияти инсонро дар назди миллату ватан коста гардонида, пояҳои давлат ва истиқлолиятро заиф месозад. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар як қатор суханрониҳо, мақолаҳои илмӣ ва асарҳои бунёдии худ таҷлили ҷашнҳои 1100-солагии давлати Сомониён, 2700-солагии Авесто, ҷашнвораи асосгузори мазҳаби ҳанафия Абӯҳанифа, зиндагардонии номи абармардони миллат, ба монанди Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нус-ратулло Махсум ҳамчун василаи эҳё ва густариш додани худшиносии миллӣ арзёбӣ намудааст.

Андешаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки оиди истиқлолият, фахр, шаъну шарафи ҳар як фарди ватандустанд, хеле ҷолиби диққат мебошанд. Фақат ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба таърих ва фарҳанги миллати хеш метавонад, худшиносии миллии инсонро боло барад. У таъкид намудааст, миллате, ки забону адабиёт, расму ойин ва дигар арзишҳои фарҳангии миллати худро эҳтиром намекунад, соҳибистиқлолиашро дифоъ карда наметавонад.

Ба ин муносибат дар назди муаллиф якчанд масоили методологӣ ба миён меояд. Аз ҷумла, ҷомеаи муосир, ки сифатан падидаи нав аст, чӣ тавр ба гузашта пайваст карда шавад? Чӣ тавр каҷфаҳмиҳо дар талқини таърих аз байн бурда шаванд? Ва бояд эътироф намуд, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон ба ин саволҳо дар китоби худ ҷавоби амиқ додааст. Ӯ таъкид месозад, ки *"мо ба таърих ба хотири эҳёи он дар асли мурочиат намекунем, балки мо бо мақсади эҳё намудани рӯҳи созандагиву бунёдкории ниёгонамон ва зиндагардонии хотираи падарону бобоёни худ мурочиат менамоем ва ба ин васила дар ниҳоди мардумамон ҳисси худшиносиву ватанхоҳиро ташаккул медиҳем. Аз ин лиҳоз, мо ба таърих ҳамчун таҷрибаи ташаккули худшиносии миллӣ, соҳибистиқлолӣ, давлатсозӣ ва пешгӯӣ кардани ояндаи худ мурочиат менамоем"*. Худшиносию ватанхоҳӣ мисли решаҳое мебошанд, ки ба туфайли онҳо дигар арзишҳои волои миллӣ (анъанаҳои миллӣ, расму ойинҳо) барқароранд. Вобаста ба ин, қобили зикр аст, ҳатто дар давраҳое, ки тоҷикон зери юғи ин ё он аҷнабиҳо қарор доштанд, ин решаи амиқи таърих имкон надод, ки илму фарҳанг, адабиёту санъати миллӣ, таҷрибаи фарҳангофарину сулҳофарини миллати мо ба нестӣ равад. Маҳз ҳамин решаи таърихӣ имкон фароҳам овард, ки арзишҳои иҷтимоиву фарҳангии миллии мо аз умқи таърих то ба насли имрӯза ҳамчун неъмати бебаҳо ирсол дода шаванд.

Муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор нигоҳ доштани Истиқлолият, таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус, наврасону ҷавонон, муттаҳид намудани ҳамаи гурӯҳҳову қишрҳои ҷомеа, ваҳдату ризоияти миллӣ ҳадафҳои стратегии давлату ҷомеаи муосири Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, ки дар маҷмӯъ моро ба сӯи бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ ҳидоят менамояд.

Дар асарҳои Президент ба омӯзиши ҳуввияти миллии тоҷикон диққати хоса дода шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ҳуввияти миллӣ падидаест, ки аз андеша, ойин ва арзишҳои ба ҳам алоқаманди ҷомеа иборат аст. Муаллиф таъкид месозад, ки ҳангоми таҳлилу омӯзиши ин масъала бояд дар назар дошт, ки худшиносии миллӣ нафақат шинохти худ, балки муносибати одамонро ба дигар миллатҳо низ инъикос менамояд. Ба таври дигар, худшиносии миллӣ василаи дарёфти ҷойгоҳи миллати хеш дар байни дигар тамаддунҳо мебошад.

Забон заминаи муҳими худшиносии миллист. Аз ин рӯ, вақте ки мақоми забони тоҷикӣ дар кулли қаламрави Тоҷикистон чун забони муоширати ҳамаи қавмҳо ба таври амиқ дарк мегардад, таъриху фарҳанги миллӣ чун боигарии кулли тоҷикистониён эътироф гашта, маърифат мешавад, он гоҳ мо дар бораи тоҷику тоҷикистонӣ чун як миллати воҳид сухан ронда метавонем. То он даме, ки мо байни мафҳумҳои тоҷику тоҷикистонӣ фарқ гузорем ва ба ин мафҳумҳо ваҳдат набахшем, парокандагии этникиву маҳаллӣ ҳама вақт боқӣ мемонад. Барои самаранок ташаккул ёфтани худшиносии миллӣ бояд дар ҷомеа сиёсати ягонаи милливу фарҳангӣ пеш гирифта шавад, онро ҳамаи аҳзобу ҷунбиш ва ақалиятҳои қавмӣ бечунучаро бипазиранд. Ин андешаҳои Президенти Тоҷикистон, ки дар асарҳояш матраҳ гаштаанд, татбиқи амалии хешро дар сиё-

...ти миллии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон инъикос ёфта истодаанд.

Ҳамин тариқ, худшиносии миллии тоҷикон дар таърих решаҳои амиқ до... Дар фалсафаи муосир худшиносии миллӣ ҳамчун аз ҷониби фард бо... миллӣ шинохтани робитаҳои ҷамъият, шинохтани мансубияти худ ба ...умети муайяни миллию этникӣ, шинохтани ягонагии худ бо ҳамин миллат ...иф мешавад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки шуури миллӣ ҷузъи ҷудонаша...ҳастии миллат мебошад.

Ҷомеашинос профессор А. С. Самиев дар заминаи таҳлили асарҳои Эмо...лӣ Раҳмон ба чунин хулоса меояд: *"Шуури миллӣ, пеш аз ҳама, мақулаи ...ифаи иҷтимоӣ буда, хислати таърихӣ дорад, яъне дар ҷараёни таърих ...исти ба вижагиҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ маз...муну мундариҷаи вай тағйир меёбад"*. Ҳамзамон, худшиносии миллӣ нафақат ...ситаи дарёфти "худии худ"-и инсон, балки ин падидаест, ки дар он фикру ан...шаҳо оиди дигар миллатҳову халқиятҳо, кӯшишу ормонҳои онҳо, умуман тақ...ри ояндаи инсоният инъикос меёбад. Аз ин лиҳоз, худшиносии миллӣ тарзи ...ии ҷустуҷӯ ва дарёфти ҷойгоҳи миллати хеш, ҳар як фарди ҷомеа дар ...оми мураккаби муносибатҳои миллӣ дар миқёси олам мебошад.

Дар охир бояд тазаккур дод, ки барои ҳар як шаҳрванд, аз ҷумла ҷавонон, ...ати дарёфти мансубияти худ ба миллати фарҳангсозу бунёдкори тоҷик, ...рҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳнамои зиндагӣ хидмат менамояд.

### *Адабиёти истифодашуда:*


1. "Андешаи миллии тоҷикон", зери назари доктори илми таърих, профессор Каримов О. Қ. Нашриёти "Ношир", Хуҷанд, 2011, 583 саҳ.; "Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан". Душанбе, "Дониш", 2006, с. 8–39; Солиҷонов Р. "Истиқлолият ва андешаи миллӣ". Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 6 декабри соли 2008, №142 (21499), с. 3; Маҳмадов А. "Идеяи миллӣ – роҳбаладй зиндагии шоиста". Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 18 апрели соли 2013, №55 (22192), с. 2; Шамолов А. "Миллатсозӣ ва идеяи миллӣ". Рӯзномаи "Садои мардум", 8 феврали соли 2013, №17 (3002), с. 1–2; Қудусов Х. "Идеяи миллӣ – такягоҳи устувори ҷомеа". Рӯзномаи "Садои мардум", 14 маи соли 2013, №57 (3042), с. 3 ва ғайра.
2. "Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 апрели соли 2013. Душанбе, "Шарқи Озод", 2013, с. 54.
3. "Андешаи миллии тоҷикон", зери назари доктори илми таърих, профессор ...римов О. Қ. Нашриёти "Ношир", Хуҷанд, 2011, с. 493.
4. "Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 апрели соли 2013. Душанбе, "Шарқи Озод", 2013, с. 57.
5. Самиев А. Х. "Историческое сознание как самопознание общества". Душанбе, издательство РТСУ, 2009, с. 337.
6. Махмадов А. "Идеяи миллӣ – роҳбаладй зиндагии шоиста". Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 18 апрели соли 2013, №55 (22192), с. 2.
7. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар назди ...тодон ва шогирдон ба муносибати 15-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Хуҷанд, 2008, с. 12.
8. Эмомалӣ Раҳмон. "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён" (китоби дуюм). Лондон, 1999, с. 3.

Маърӯзаҳо дар бахшҳо

## Бахши тиҷорат ва ҳуқуқ

**Аминов И. А.,**
**д.э.н. доцент**

# К ВОПРОСУ РЕФОРМИРОВАНИЯ ФОРМ СОБСТВЕННОСТИ В СИСТЕМЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Развитие регионального хозяйства в условиях создания "новой рыночной экономики" Таджикистана обуславливают необходимость преобразования отношений собственности и на их основе формирования новых типов хозяйств, адекватных рыночной экономической системе. Многообразие форм собственности и, следовательно, хозяйствования требует новых подходов к организации и проведению высокоэффективных научных исследований.

Развитие различных форм собственности, расширение хозяйственной самостоятельности предприятий и новых форм регулирования, их финансово-хозяйственной, коммерческой и иной деятельности, во многом зависит от демонополизации отраслей экономики в целях формирования новых типов коллективных и частных предприятий, индивидуальных собственников, а также типов договорных объединений, адекватных рыночным отношениям, инфраструктуры отраслей экономики, перехода на свободные рыночные цены и т.п.

В условиях развития рыночных отношений административное и хозяйственное подчинение, доминирующее в годы функционирования Советского Союза, постоянно уступает равноправному партнерству в системе горизонтальных организационно-экономических и коммерческих отношений. Это предполагает создания условий, способствующих формированию и оптимальному сочетанию крупных, средних и малых предприятий с различными видами собственности, индивидуальных бизнесменов и т.п.

Первым шагом на пути формирования адекватных рынку хозяйствующих субъектов, является преобразование предприятий государственной формы собственности в коллективные и индивидуальные предприятия, которые могут объединиться в различные удобные для них договорные объединения типа акционерных обществ, ассоциаций, товариществ, консорциумов, концернов и т.п.

Если принять в качестве исходной методологической основы то, что рыноч-

ная экономика это экономика многообразия её составляющих, то построение новой рыночной экономики должно основываться на многообразии форм собственности. Поэтому проблему собственности нужно рассматривать как многогранную проблему, но вместе с тем мало исследованную экономической наукой и требующую к себе особое внимание.

Следует отметить, что многообразие форм собственности обуславливают разные формы бизнеса, изменяется роль каждой формы ТТБ в построении и развитии национальной экономики нового типа. По определению С. И. Ожегова "собственность – это: а) имущество, принадлежащее кому-чему-нибудь; б) принадлежность кого-чего-нибудь, и кому-чему-нибудь с правом распоряжения". Производным словом от "собственности" является "собственник", т.е., "владелец какого-нибудь имущества" [6, с. 681].

Так В. А. Грималюк, оценивая роль форм собственности в реализации возможностей производительных сил и производственных отношений, называет ее "передаточным механизмом" [4, с. 30]. Л.И. Абалкин связывает проблему реализации возможностей экономической теории с "формой собственности" [1,с. 12]. Эти высказывания российских ученых свидетельствуют о необходимости глубокого осмысления закономерностей становления и развития форм собственности. Поэтому при разработке национальной модели новой рыночной экономики и определения её структуры, нужно учитывать многообразие форм собственности и, следовательно, различные формы товарно-торгового бизнеса.

Собственность и её формы являются продуктом международного разделения труда, специализации производства и, следовательно, она развивается и изменяется вместе с обществом.

Уместно, будет отметить, что суд является носителем судебной власти на территории РТ (ст. 28 проекта УПК). Однако, в статье 68 проекта УПК, где говорится об обстоятельствах, подлежащих доказыванию по уголовному делу, не сказано о выявлении причин и условий совершения преступлений. Следовательно, разработчики посчитали, что нет необходимости в выявлении причин и условий совершенного преступления. Рост преступности в нынешнее время объясняется причинами, носящими глубинный характер. В основе роста преступности лежит падение нравов, кризисные явления в обществе (в основном в экономической и социальной сферах), низкий уровень жизни народа, обострение не только национальных, но и местнических противоречий, безработица, последствия гражданской войны, беззаконие и т. д. Если не бороться с этими явлениями и не устранить эти социально-экономические и другие причины преступности, то никакие решительные меры не дадут желаемого результата.

Новое уголовное законодательство Республики Таджикистан, по отношению к старому предусматривает различные виды наказания, большие сроки лише-

ния свободы, различные санкции экономического характера и т. п.

Однако и с введением максимальных санкций общество не может искоренить преступность в целом. История показывает, что на различных этапах возрождения того или иного государства, последние стремились бороться с преступностью с помощью жестких санкций. Тем не менее, преступность из года в год сохранялась, отмечался ее рост, появлялись новые ее виды и искоренить преступность практически не удавалось.

При строительстве правового светского демократического государства, к чему мы стремимся, прежде всего, нам следует подумать о верховенстве закона и эффективности его применения на практике. Применение законов, действие в соответствии с ними во время осуществления правосудия – это обязанность и долг суда. Сюда же входит и укрепление законности и правопорядка. Крайне важно, чтобы суд не входил в систему принудительных органов и удерживал бы последние от несправедливых насильственных акций в отношении членов общества.

Судам, при осуществлении правосудия, надлежит повысить предупредительное воздействие своей деятельности, она должна способствовать воспитанию членов общества в духе неуклонного соблюдения законов и уважения прав и достоинств личности. А для осуществления этой задачи судебные органы должны активизировать работу по выявлению причин и условий, способствующих совершению преступлений, обратив особое внимание на преступность среди несовершеннолетних и молодежи. Именно данная категория членов нашего общества является наиболее уязвимой, и склонной к правонарушениям.

Законы Республики Таджикистан указывают на то, что должностные лица судебной системы должны систематически обобщать судебную практику, так как суды всех категорий и рангов всегда рассматривают дела по отношению к конкретному индивиду.

Для усиления борьбы с преступностью и эффективности работы судов следует коренным образом пересмотреть и вопросы социально-экономической защищенности судов, всесторонне обеспечить независимость суда на уровне законодательства и реализовать их на практике.

Для эффективного функционирования суда как субъекта профилактики, необходимо, чтобы для него четко были определены цель работы и объект воздействия, его функции не дублировались бы с другими субъектами этой деятельности. Одним из важных условий осуществления профилактической деятельности является ее осуществление подготовленными кадрами в этой области.

Профилактический эффект деятельности суда связан, прежде всего, с выполнением его основной задачи – осуществлением правосудия. Вынося справедливый и обоснованный приговор по уголовным делам, суд обеспечивает общую и специальную превенцию, вносит вклад в предупреждение рецидива. Справедливое решение по гражданским, семейным, трудовым, хозяйственным делам способствует устранению или смягчению криминогенных ситуаций, факторов, детерминирующих криминальную мотивацию и облегчающих ее реализацию.

Немаловажную роль в профилактике преступности при осуществлении правосудия судом играет проведение выездных судебных заседаний по месту жительства или работы подсудимого (подсудимых). Профилактическую функцию

выполняет и освещение хода и результатов судебного процесса в средствах массовой информации. Примечательно то, что в средствах массовой информации нашей республики эффективно используется именно этот способ.

В некотором смысле статистическая аналитическая работа, обобщение судебной практики имеют профилактическую направленность.

Исходя из вышеизложенного, в законодательном порядке следует учесть профилактическую функцию суда. Членам Государственной комиссии по составлению проекта УПК нужно обратить внимание на мнение ученых этой области, учесть упущения своих зарубежных коллег при его разработке и составлении каждой статьи проекта. Для улучшения работы комиссии, желательно, провести ряд семинаров, круглых столов по данной проблеме.

Законодательно закрепив роль суда в профилактике преступности в нашей республике, мы сможем внести существенный вклад в строительство правового государства.

### *Список используемой литературы*


1. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе, "Шарки озод", 2005.
2. Радутная Н. В. "О независимости судей" // "Социалистическая законность", 1989, №11, с. 10.
3. Стасенков Г. "Судья должен быть зависим только от закона" // "Российская газета", 1994, 4 сентября.
4. Холиков К. Н. "Правовое государство и проблемы конституционного надзора" // "Правовое государство и органы юстиции". Душанбе, 1990, с. 29–37.
5. Усманов О. У. "Верховенство закона один из основных принципов правового государство" // "Государство и право". Душанбе, 2001, с. 1–18.
6. Фоков А. П. "Судебная власть в системе разделения властей (научно-правовие философские и исторические аспекты)" // "Государство и право", 2000, №10, с. 51–56.


***Зарипова Г. С.,***
***ассистент***

# РЕКЛАМА ВА АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Реклама калимаи лотинӣ (reclamare) буда, маъноям "баланд фарёд задан ё хабар расондан" аст. Дар замонҳои Юнони қадим ва Рими қадим эълонномаҳо бо овози баланд, фарёдзанон дар ҷойҳои ҷамъшавии халқ ба аҳолӣ расонида мешуданд. Мафҳуми "реклама" бошад, аз забони итолиёвӣ гирифта, маъноям "талаб намудан, фарёд задан" аст. Ин, пеш аз ҳама, ба тайёркунандагони реклама баъзе таъсироти худро расонидан буд. Чун асосгузори реклама шахсеро бо номи Рино қабул намудаанд, ки нусхаҳои рекламаи ӯро дар кофтуковҳои археологии шаҳри қадимаи Юнон ёфтанд. Аввалин матни реклама, ки он аз рекламаи муосир шаҳодат медод, ҳанӯз дар Мисри қадим ва Юнони қадим пайдо шудааст. Эълонҳо хеле оддӣ буда, характери иттилоотӣ доштанд. Ин гуна эълонҳо дар

девори биноҳо ҷойгир мешуданд. Ба сифати маҳсулот папирус ва хишт истифода мегардид. Рекламаи ин давр бо чунин хусусиятҳояш фарқ мекард: *бе сохтор; набудани танзими ҳуқуқи реклама*.

Дар Рими қадим эълонҳои реклама дар деворҳои махсусе, ки бо ин мақсад қомат афрохта буданд, ҷой дода мешуданд. Ин деворҳо бо номи "альбумса"-ҳо ёд мешуданд. Ҳокимияти шаҳр бошад, кӯшиш менамуд, ки навиштани рекламаҳоро дар деворҳои хонаҳои истиқоматӣ маҳдуд намояд. Ғайр аз ин, барои ҷойгиркунии реклама аз тахтаҳои чӯбин ва лавҳачаҳои мисин истифода мебурданд.

Реклама иттилоотест, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъи воситаҳо оид ба шахси воқеӣ, маҳсулот, ғояҳо ва ташаббусҳо паҳн мешавад ва барои доираи васеи шахсони пешбинишуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки роҳҳои муаррифии молу маҳсулот ва хидматрасониҳоро интихоб намоянд. Шакли маъмули муаррифӣ реклама мебошад.

Яке аз соҳаҳои паҳнгардидаи ин фаъолият рекламаи савдо мебошад ва матлаби таъсироти рекламавии молҳо, коргоҳҳои савдо, хидматрасониест, ки аз ҷониби ин коргоҳҳо ба амал бароварда мешавад.

Чӣ хеле аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ маълум аст, реклама дар ҳаёти инсон ҷои махсус ишғол менамояд. Пеш аз ҳама, реклама дар худ маълумотеро дорад, ки дар шакли кӯтоҳшудаи бадеӣ, маънавӣ, зебо ва бодиққат буда, ба мафкураи истеъмолкунандагон дар бораи маҳсулот ва хидматрасониҳо бештар фактҳои муҳим ва маълумот дақиқ мерасонад. Баробари ин бояд қайд кард, ки реклама ҳамеша ахборот, аммо ахборот на ҳамеша реклама мебошад.

Реклама, аз як тараф, ба истеъмолкунандагон маълумоти лозимеро, ки барои харидан ва истифодабарии маҳсулот лозим аст, баррасӣ менамояд. Аз тарафи дигар, бо маълумотнокии худ ва таъсирнокиаш ба шахс таъсироти калон мерасонад. Хуллас, худ аз худ маълум мегардад, ки реклама яквақта кор ва санъат мебошад.

Чӣ хеле дар боло зикр гардида буд, рекламаи савдо бояд барои баланд бардоштани сифати хидматрасонии савдои харидор мусоидат намояд. Ба воситаи реклама харидорон, истеъмолкунандагон маҳсулоти ба онҳо лозимро зудтар дастрас менамоянд, инчунин, ба осонӣ ва камхарҷ намудани вақти худ ба даст меоранд. Албатта, ба фурӯшбарории маҳсулот ҳам зудтар мешавад, самаранокии меҳнати фурӯшандагон баланд гардида, хароҷот камтар мешаванд. Барои аҳолӣ, инчунин, маълумотро дар бораи баъзе иттиҳодияҳои савдо, хидматрасонӣ, вақти корбарии онҳо, усули ба фурӯшбарории маҳсулот хусусиятҳои махсуси фаъолиятбарии онҳо низ ниҳоят муҳим мебошад.

Барои рекламаҳои савдо ва дигар намуди реклама чунин хусусиятҳои рекламаи бовиҷдонона хос мебошанд: *ростқавлӣ; аниқӣ; саҳеҳӣ; мақсаднокӣ; инсондӯстӣ; салоҳиятнокӣ*.

Ростқавлӣ чунин хусусияте мебошад, ки ташкилкунандаи чорабинии рекламавиро вазифадор менамоянд, то ки маълумотро дар бораи маҳсулот, сифати онҳо, хусусият ва бартариашон мувофиқи ҳақиқӣ будан ба амал барорад. Аниқӣ ва саҳеҳӣ талаб менамояд, ки ҳамаи рақамҳою нишондиҳандаҳое, ки дар матни воситаи реклама ишора мегарданд, дуруст, мувофиқи маълумот аниқ ва саҳеҳ

бошанд.

Рекламаҳо бояд ба талабот ҷавобгӯ бошанд ва дар доираи меъёрҳои мавҷуда нашру паҳн карда шаванд.

Талаботи умумӣ ба реклама инҳоянд:

*– реклама бояд бе дониши махсус ё бе татбиқи воситаҳои техникӣ дар лаҳзаи пешниҳоди он, сарфи назар аз шакл ё воситаҳои истифодашавандаи паҳнкунӣ, маҳз ҳамчун реклама шинохташаванда бошад;*

*– рекламаи молҳое, ки иҷозатнома, сертификатсияи ҳатмиро талаб менамоянд, қайди "ҳатман сертификатсия кунонида шавад" дошта бошад;*

*– реклама набояд дар шаҳрвандон ҳисси зӯроварӣ, таҷовуз, воҳима барангезад, инчунин, набояд ба амалҳои хатарноке даъват намояд, ки метавонад, ба саломатии шахсони воқеӣ зарар расонад, ё ба бехатарии онҳо таҳдид намояд ва ба идроки инсон беихтиёр таъсир расонад;*

*– реклама набояд ба амалҳое, ки қонунгузории ҳифзи табиатро вайрон мекунад, оварда расонад;*

*– агар барои фаъолияти рекламадеҳ иҷозатнома зарур бошад, дар реклама бояд рақами иҷозатнома, ҳамчунин, номи мақомоте, ки онро додааст, зикр карда шавад;*

*– дар реклама истифода кардани объектҳои дорои ҳуқуқҳои махсус (моликияти зеҳнӣ) бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст.*

Мақсаднокии реклама маънои онро дорад, ки маҳсулоти фиристодашаванда маҳсулоти рекламашуда ва ҳолати бозор мебошад, субъекти он истеъмолкунандагонанд. Риоя намудани хусусияти мақсадноки сарфи воситаҳои илҷвагиро нигаҳ медорад. Самаранок истифодабарии ин ё он реклама, азбаски барои доираи номуайяни одамон таъин гардидааст, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо забони давлатӣ, инчунин, бо майлу хоҳиши рекламадеҳон мувофиқан бо забонҳои дигар бо ҳуруфоти хурд интишор карда шавад. Ин қоида ба радиошунавонӣ, намоиши телевизион ва нашрияҳое, ки пурра бо забони давлатӣ, бо забонҳои халқҳои сокини қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегиранд ва ба забонҳои хориҷӣ, инчунин, ба нишонаҳои аз қайдгузаштаи мол (нишонҳои хидматрасонӣ) дахл надоранд.

Инсондӯстии рекламаи савдо маънои онро дорад, ки вай баҳри тараққӣ додани шахсият, васеъ кардани ҷаҳонбинии вай, мустаҳкам намудани саломатӣ ва ғайра мусоидат мекунад. Дар замони муосири бозоргонӣ воситаҳои паҳн намудани реклама ниҳоят гуногун мебошад. Бештари онҳо ба воситаҳои техникӣ тараққӣ ёфтаанд ва аз рӯи таъиноти худ, ҷои истифодабарӣ, хусусияти истифодашавӣ таснифоти муҳим доранд. Чуноне зикр шуд, пеш аз ҳама, реклама дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ ва бо салоҳдиди рекламадиҳандагон, инчунин ба дигар забонҳо, мутаносибан бо ҳарфҳои хурд паҳн карда мешавад. Реклама набояд дар шаҳрвандон ҳисси зӯроварӣ, воҳима барангезад, инчунин набояд ба амалҳои хатарноке даъват намояд, ки метавонанд, ба саломатии шахсони воқеӣ зарар расонанд, ё ба бехатарии онҳо таҳдид намоянд ва ба идроки инсон беихтиёр таъсир расонанд.

Рекламаи бевиҷдонона яке аз намуди реклама аст, яъне чунин реклама мебошад: шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки аз молҳои рекламашаванда истифода на-

мекунанд, беобрӯ менамоянд.

Дар замони пешрафт ва рушди иқтисоди бозоргонӣ фаъолияти соҳибкорӣ рӯз аз рӯз инкишоф ёфта истодааст. Садаи XXI асри техника ва технология, илм ихтирооту навгонӣ мебошад. Дар ин давр ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ аз пешрафтҳо дар канор намонданд. Падид омадани навгониҳо, махсусан дар соҳаи иқтисоди ҷаҳонӣ ба мушоҳида расид. Гузашта аз ин, иқтисоди миллии мамлакатҳо бо роҳу усулҳои гуногун, инкишофи бахши хусусӣ пеш рафта, соҳибкории инфиродӣ яке аз шаклҳои муосири фаъолияти тиҷорат гаштааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин пешрафтҳо ва аз навсозиҳои иқтисодӣ дар канор намонда, барои рушди соҳибкории хусусӣ шароиту имкониятҳои мусоид фароҳам овардааст. Баъди барҳам хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани давлатҳо усулҳои нави иқтисоди бозоргонӣ рӯи кор омаданд, ҳадаф аз зикри ин нуктаҳо аз он иборат аст, ки роҳи интихобнамудаи мамлакатамон дар самти иқтисод дуруст буда, натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст.

Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Сулҳу субот ва оромӣ имкон дод, ки дар қатори дигар соҳаҳо фаъолияти соҳибкорӣ низ пеш равад. Дар натиҷаи амалӣ шудани сиёсати давлат дар бахши иқтисодиёт, сол аз сол беҳтар шудани вазъи зиндагии аҳолӣ ва бо ҷои кори доимӣ таъмин кардани сокинони мамлакат ба назар мерасад. Барои муаррифӣ ва ба фурӯш баровардани молу маҳсулот нақши реклама назаррас аст. Паҳнкунии реклама дар бозорҳои мол, ҷараёни истеҳсол ва ҷойгиркунии онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама" аз 1 августи соли 2003 танзим мекунад. Қонуни мазкур субъектҳоро аз рақобати бевиҷдононаи соҳаи реклама боздошта, рекламаи номатлуб ва оқибатҳои манфии онро пешгирӣ менамояд.

Имрӯз дар хиёбону кӯчаҳои марказӣ ва нуқтаҳои савдо назари мо ба ҳар гуна рекламаҳо мерасад, ки онҳо тарғибгари молу маҳсулот, хидматрасонӣ ва ё ба анҷомрасонии фаъолияти муайян мебошанд. Дар замони муосир фаъолияти соҳибкориро бе реклама тасаввур кардан имконнопазир аст, зеро реклама дар бораи молу маҳсулот ва хидматрасониҳо иттилоот медиҳад. Аммо, реклама аз намудҳои дигари иттилоот фарқ мекунад. Он мумкин аст, ба тарзи шифоҳӣ ё хаттӣ, бо ёрии расму тасвир интишор ёбад.

Имрӯзҳо мо бо шаклҳои гуногуни реклама дучор меоем, ки бароямон дар бораи ин ё он маҳсулот ё хидматрасониҳо маълумот медиҳанд.

Шакл ва андозаҳои реклама гуногун буда, бо хоҳиши шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ омода карда мешавад. Вобаста ба ин масъала чанде пеш Раиси шаҳри Хуҷанд Раҷаббой Аҳмадзода бо роҳбарони ширкатҳои полиграфӣ вохӯрӣ доир намуд. Дар он мулоқот зикр карда шуд, ки вобаста ба зебо гардидани ҳусни шаҳр ба шаклу андозаи рекламаҳо аҳамият дода шавад.

Ба сабаби он ки реклама барои доираи номуайяни одамон таъин гардидааст, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, чуноне қайд намудем, бояд бо забони давлатӣ, инчунин, бо майлу хоҳиши рекламадеҳон мувофиқан бо забонҳои дигар бо ҳуруфоти хурд интишор карда шавад. Аммо, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯзҳо рекламаҳо дар шаклу андозаҳои гуногун нашру паҳн шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки вазифаҳои реклама маълумот расонидан дар бораи

молҳо, хусусиятҳои молҳо ва шарту шароити ба фурӯшбарорӣ, дар бораи ширкатҳо, корхонаҳое мебошад, ки ин гуна маҳсулот истеҳсол менамоянд ва ё хидматҳои гуногун пешкаш мекунанд.

Реклама чараёни иҷтимоию идоракунӣ, ташкил намудан ва ивазшавии баробари маҳсулот ва муқаддасот мебошад. Бомуваффақият гузаронидани чорабиниҳои рекламавӣ метавонанд, ба баландшавии талабот оварда расонад, талаботи истеъмолкунандагонро тағйир диҳад ва дар натиҷаи он талаботро зиёд намояд. Чӣ хеле бармеояд, натиҷаи ҳамаи вазифаҳои реклама ба он оварда мерасонад, ки мақсади асосӣ ташаккул додани талабот ва ҳавасмандгардонии пешниҳодот аст. Дигар мавқеи муҳими реклама дар он зоҳир мегардад, ки баҳри баландравии сармоягузорӣ ва зиёд шудани ҷойҳои кор мусоидат мекунад, рақобатнокиро нигаҳ медорад, бозори фурӯшро васеъ менамояд, нисбати зудгардиши воситаҳо мусоидат менамояд.

Аслан мақсади реклама ташаккул додан ва дастгирӣ намудани майлу рағбат ба он аст, ки дар натиҷа рағбату ҳавас ба мол, ғояву ташаббус зиёд мешавад ва барои ба фурӯш рафтану амалӣ гардидани онҳо мусоидат менамояд.

Хулоса, реклама бояд тарғибгари молу маҳсулоти босифат бошад ва аз он доираи васеи одамон баҳраманд гарданд.


**Адабиёт:**

1. Панкратов Ф. Г., Баженов Ю. К., Шахурин В. Г. "Рекламная деятельность". М., "Дашков и К", 2004.
2. Полукаров В. Л. "Основы рекламы". М., "Дашков и К", 2004.
3. Ершова И. В. "Предпринимательское право. Вопросы – ответы". М., "Юриспруденция", 2000.
4. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003.
5. Денисон Тоби У. "Учебник по рекламе". Минск, 1997



*Абдуллоева Д. Ф.,*
*ассистент*


# ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ И ПРИНЦИПЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДЕПУТАТОВ МАДЖЛИСА НАРОДНЫХ ДЕПУТАТОВ ОБЛАСТЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Народным депутатом признаются все депутаты парламента, местных органов государственной власти избранными населением республики. Член Маджлиси Милли и депутаты Маджлиси Намояндагон, также депутаты местных органов государственной власти в соответствии с законодательством Республики Таджикистан являются народными депутатами.

Народные депутаты в соответствии с Конституцией Республики Таджикис-

тан, конституционными законами и иными нормативно-правовыми актами избираются народом как народные избранники и соответственно уполномочиваются для осуществления государственной власти.

Правовое положение народного депутата также регулируются конституционными законами "О Маджлиси Оли Республики Таджикистан" от 19 апреля 2000 г., "О Горно-Бадахшанской автономной области" 4 ноября 1995 г., и "О местных органах государственной власти" от 17 мая 2004 г. Надо отметить, что место народного депутата в деятельности Маджлиси Оли Республики Таджикистан также определяется регламентом, который принимается в сессиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан, регламентами Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, регламентами Маджлиси намояндагон Республики Таджикистан и другими нормативно-правовыми актами [1,стр.181–196].

Конституция Республики Таджикистан 1994 года установила правила и основы деятельности членов Маджлиси Милли и депутатов Маджлиси Намояндагон. Также для более полного регулирования статуса этих категорий государственных служащих принят отдельный конституционный закон. Но следует указать, что для установления правового статуса депутатов местных Маджлисов в Конституции такого положения не предусмотрено. Одним из условий деятельности депутатов местных органов государственной власти и отдельных должностных лиц является соблюдения сроков предусмотренных действующим законодательством [2, стр. 38–52].

Согласно конституционному закону Республики Таджикистан "О выборах депутатов в местные Маджлисы народных депутатов" [3] выборы депутатов в Маджлис народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, в областные, городские и районные Маджлисы народных депутатов проводятся, как правилю одновременно и назначаются Президентом Республики Таджикистан не позднее чем за семьдесят пять дней до истечения срока полномочий депутатов. О дне выборов не позднее трех дней после их назначения сообщается в печати и в других средствах массовой информации (ст. 23).

Для выборов депутатов образуется следующее количество территориальных избирательных округов: в Маджлис народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, областные и Душанбинский городской Маджлис народных депутатов – не более 70 избирательных округов; в городские и районные Маджлисы народных депутатов – не более 40 избирательных округов.

От каждого избирательного округа избирается один депутат соответствующего Маджлиса народных депутатов (ст. 7).

Кандидаты в депутаты местных Маджлисов народных депутатов с момента их выдвижения участвуют в предвыборной кампании на равных условиях. Кандидаты в депутаты имеют право выступать на предвыборных и иных собраниях, заседаниях, совещаниях, в печати, по телевидению и радио.

Кандидат в депутаты может выступать с программой своей будущей деятельности. Программа кандидата в депутаты не должна противоречить Конституции и законам Республики Таджикистан. Кандидат в депутаты в случае его избрания ответственен перед избирателями за выполнение своей предвыборной программы.

В Конституции 1978 года глава 11 состоящая из пяти статьей была посвя-

щена вопросу правового положения народных депутатов. В этой главе депутат как представитель народа в представительных органах мог без отрыва от производства и основной своей деятельности заниматься и депутатской деятельностью. Кроме того, Закон Республики Таджикистан "О статусе народных депутатов в Таджикской ССР" от 24 апреля 1990 года, которая основывалась на Конституцию 1978 года, устанавливала правовой статус народных депутатов.

В соответствии с Конституцией 1994 года был принят Закон Республики Таджикистан "О статусе народных депутатов в Республике Таджикистан" от 3 ноября 1994, в которой устанавливался свободный мандат деятельности народных депутатов.

Организация и деятельность Маджлисов народных депутатов областей, городов и районов, их депутатов в республике регулируется Конституционным законом Республики Таджикистан "О местных органов государственной власти" [4].

Правовой статус народных депутатов местных Маджлисов установлено в Законе Республики Таджикистан "О правовом статусе народных депутатов Маджлисов ГБАО, областей, городов и районов" от 13 декабря 1996 года. Согласно статьи первой данного Закона, депутат Маджлиса народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, областного, городского и районного Маджлисов народных депутатов является полномочным представителем населения, проживающего на соответствующей территории, и выражает его волю и интересы в соответствующем Маджлисе народных депутатов. Они участвуя в работе Маджлисов народных депутатов, решают важнейшие вопросы экономического, социального и культурного развития соответствующих территорий, обеспечивают исполнение на местах конституционных законов, законов и решений вышестоящих органов государственной власти.

В связи с этим можно выделить основные принципы, касающиеся статуса народного депутата Маджлисов народных депутатов:

1. Принцип независимости: юридически депутаты не должны подчиняться воле избирателей, партийных органов и органов государственной власти. Они рассматриваются как представители всей нации, а не одного избирательного органа. Отсюда логически вытекает запрещение императивного мандата и отзыва депутата, так как согласно конституциям демократических государств народные избиратели в своей деятельности руководствуются только конституцией и своей совестью. Это так называемый принцип свободного мандата.

Принцип независимости, кроме вышеуказанного, также включает в себя депутатские привилегии (гарантии), и прежде всего, иммунитет, тремя важнейшими составляющими элементами которого являются следующие: свобода слова, депутатская неприкосновенность и, безусловно, свобода голосования. Первый (индемнитет) сводится к тому, что депутат не может быть привлечен к уголовной, административной (налагаемой в судебном порядке) ответственности за высказывания в парламенте (за исключением ответственности за оскорбление и клевету) и за голосование, поскольку они осуществляются в силу мандата. Второй элемент – депутатская неприкосновенность – означает, что депутат областного, городского и районного Маджлиса народных депутатов обладает правом неприкосновенности на соответствующей территории. Он не может быть задержан, за исключением случаев задержания на месте совершения преступ-

зятость осуществления депутатом своих полномочий. В ст. 23 данного закона указаны гарантии трудовых прав депутата, что депутат Маджлиса народных депутатов, кроме Председателя, в период своих полномочий не может быть по инициативе администрации уволен с работы на предприятии, в учреждении или организации всех форм собственности, исключен из колхоза, иного кооператива, учебного заведения или переведен в порядке дисциплинарного взыскания на нижеоплачиваемую работу без предварительного согласия соответствующего Маджлиса народных депутатов, а в период между сессиями – соответствующего Председателя Горно-Бадахшанской автономной области, областей и города Душанбе. В иных случаях перевод и перемещение допускается только с согласия самого депутата, согласно действующему законодательству.

Перечисленные принципы составляют основу деятельности народного депутата Маджлисов народных депутатов.

С полномочиями депутатов Маджлисов народных депутатов неразрывно связан вопрос и об их ответственности. В ст. 14 Закона Республики Таджикистан "О правовом статусе депутата Маджлисов народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов" указаны обязанности депутата перед населением и порядок решения соответствующих вопросов определяются регламентами Маджлисами народных депутатов соответствующей территории.

Следует согласиться с тем, что ответственность депутатов местных Маджлисов народных депутатов реализуется, *во-первых*, как позитивная ответственность, т. е. ответственная деятельность по решению вопросов местного значения; *во-вторых*, как негативная ответственность – ответственность депутатов перед населением в результате утраты доверия, а также перед государством – в случае нарушения действующего законодательства, перед физическими и юридическими лицами – в порядке, предусмотренном действующим законодательством. При этом порядок привлечения к ответственности регулируется нормами разных правовых отраслей.

Основная деятельность депутата Маджлисов народных депутатов заключается, как было уже отмечено, в личном участии в работе представительного органа соответствующего региона и принятии соответствующих решений. Данная деятельность находит подробное регулирование в уставах и регламентах представительных органов государственной власти.

Выполняя свои депутатские полномочия, каждый депутат осуществляет свою депутатскую деятельность в своём избирательном округе. В работе с населением депутат принимает меры по обеспечению прав, свобод и законных интересов своих избирателей. С этой целью депутат: *а) рассматривает поступившие от избирателей предложения, заявления и жалобы; б) способствует правильному и своевременному решению содержащихся в них вопросов; в) ведет прием граждан; г) изучает общественное мнение и при необходимости вносит предложения в соответствующие органы государственной власти и местного самоуправления, общественные объединения и т. д.* Связь депутата с населением необходима для того, чтобы избранники народа были знакомы с общим состоянием (экономическим, социальным и др.) территории своего округа, а также с условиями труда и быта избирателей [8, стр. 29].

Из перечисленных форм работы с населением можно выделить прежде всего рассмотрение жалоб, заявлений, предложений. Депутат способствует реше-

нию вопросов в пределах своих полномочий. Депутат при этом не сможет привлечь кого-либо к юридической ответственности, однако может обратиться в соответствующие инстанции с требованием устранения нарушения и наказания виновных лиц. В случае если рассмотрение конкретного обращения не входит в компетенцию депутата, последний в доступной форме информирует граждан об органах и должностных лицах, рассматривающих обращения граждан, об их компетенции и порядке работы.

Следующая форма – прием граждан по личным вопросам. Действующее законодательство не устанавливает периодичности и порядка проведения депутатом приемов граждан. Депутат сам определяет процедурные вопросы, связанные с проведением приема. Во время приема граждан депутат, изучая общественное мнение, выявляя нужды и запросы избирателей, разъясняет населению постановлениями и решениями Маджлисов народных депутатов, законодательные акты органов государственной власти, знакомит избирателей с мероприятиями, направленными на поддержание материального и культурного благополучия населения, на удовлетворение их необходимых потребностей. В настоящее время для приема граждан областным депутатам в центре каждой области республики имеются отдельные здании для проведения сессий Маджлисов народных депутатов и постоянной работы исполнительных органов государственной власти. В них также имеется отдельный кабинет для постоянной работы депутатов, который называется "Хонаи вакилон". Но депутатам, которые находятся и работают вдали от центра области не всегда доступно такие условия. Потому что они приезжают только на сессии или по другим депутатскими полномочиями. В тех местах, которые они постоянно находятся (в центре города, поселке или в джамоатах), не всегда имеются условия для приема граждан. Хотя в законе о статусе депутатов Маджлисов народных депутатов указано, что, депутат не реже двух раз в год обязан отчитываться перед избирателями округа о своей работе, о ходе выполнения предвыборной программы (ст.14).

Поэтому, было бы приемлемо выделять в зданиях местных органов исполнительной власти районов и городов, в джамоатах отдельные кабинеты для приема граждан областными депутатами. Если данное условие находить свое отражение в законодательствах республики, требование ст. 14 данного закона не оставалось бы на бумаге.

### *Литература:*

1. Конституция и конституционные законы Республики Таджикистан. Душанбе, 2005.

2. Имомов А. "Выборы и парламент Республики Таджикистан" (на тадж. яз.). Душанбе, 2001.

3. Конституционный закон Республики Таджикистан "О выборах депутатов в местные Маджлисы народных депутатов", принятый 10 декабря 1999 г., №859.

4. Конституционный закон Республики Таджикистан "О местных органов государственной власти", принятый 17 май 2004 г., №28.

5. Закон Республики Таджикистан "О правовом статусе народных депутатов Маджлисов ГБАО, областей, городов и районов", принятый 13 декабря 1996 г., измененный 31.12.08, №461.

6. Авакьян С. А. "Депутат: статус и деятельность". М., 1991.

7. Стоян А. "Депутат от народа или от кого?" // "Киевские ведомости", 1998, 11 декабря.

8. Авакьян С. А. "Депутат: статус и деятельность". М., 1991.

*Раҳматова Н.,*
*ассистент*

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: МУАММОҲО ва РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

Ҳимояи ҳуқуқии ҳуқуқ барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ бо шартҳои умумии ҳуқуқ ва шартҳои махсуси конститутсионӣ, ки дар маҷмӯъ низоми кафолатҳои фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд, таъмин карда мешавад.

Воситаҳои ҳуқуқи танзими муносибатҳои иқтисодӣ умуман барои таъмин намудани речаи ҳуқуқи ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ дар самтҳои зерин равона шудаанд:

*– муқаррар кардани меъёр, қоида, санадҳои рафтори соҳибкор дар ҳудуди фаъолияти иқтисодии худ;*

*– ба амал баровардани назорат барои риояи ин қоидаҳо;*

*– татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ дар ҳолати вайрон кардани тартиботи ҳуқуқи муқарраршуда ё ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дигар.*

Ҷавобгарӣ дар соҳаи соҳибкорӣ маҷмӯи чораҳои маҷбуркунии давлатиеро мемонад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ пешбинӣ шуда, барои соҳибкор оқибатҳои манфиро дар шакли маҳрум намудан аз ҳуқуқ, бино бар вайрон намудани тартиботи ҳуқуқ ё ин ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони дигар ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ меоранд.

Ба ҷавобгарӣ кашидани соҳибкор ба як қатор шартҳо ва ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, ба шартҳои умумии ҳуқуқ мувофиқ мебошанд ва имкон медиҳанд, ки ҳолати конститутсионии соҳибкор хеле хуб муайян карда шавад, аз ҷумла: *шарти боадолатии ҷазо; инфиродикунонии ҷазо; баробарӣ дар назди қонун.*

Чун қоида ҷавобгарӣ, бино бар фаро расидани маҷмӯи фактҳои ҳуқуқӣ, татбиқ карда мешавад.

Ҷавобгарӣ ҷузъи зарури низоми воситаҳои танзими фаъолияти соҳибкорӣ буда, риояи меъёрҳои ҳуқуқро аз ҷониби соҳибкорон таъмин менамояд. Муқарар намудани чораи ҷавобгарии соҳибкор барои ба тарзи дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои хеш ба мазмуни ҳолати ҳуқуқи соҳибкор таъсири бевосита мерасонад, ки бо шарт, мақсад ва татбиқи ҷавобгарӣ маҳдуд карда мешавад.

Мақсади муқаррар ва татбиқ кардани чораи ҷавобгарӣ аз ҷониби давлат барои ин пешбинӣ шудааст:

*– ҳавасманд гардонидани соҳибкор барои риояи тартибот, қоида, меъёрҳо, стандартҳо дигар талабот ва манъкуниҳое, ки дар ҳудуди онҳо фаъолияти соҳибкорӣ ба роҳ монда мешавад;*

*– муҳайё намудани имконияти ҷазодиҳии соҳибкор барои риоя накардани ӯҳдадориҳои худ;*

*– таъмини барқароркунии ҳуқуқ ва манфиатҳои вайроншудаи дигар соҳиб-*

*корон ва умуман ҷамъият;*

*– дар оянда пешгирӣ намудани вайронкунии талаботи муқарраргардида аз ҷониби соҳибкорон ва шахсони дигар.*

Дар замони ҳозира мафҳуми ҷавобгарӣ дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ пурра таҳқиқ нашудааст. Дар адабиётҳо ҷавобгарӣ дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ бо истилоҳи "ҷавобгарии хоҷагӣ", "ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи иқтисодиёт", ки синонимҳи якдигар мебошанд, ифода мешавад. Чанд нишонаи умумии мафҳуми ҷавобгарии соҳаи ҳуқуқи соҳибкориро фарқ намудан мумкин аст:

<u>якум</u>, татбиқи чораи ҷавобгарӣ ҳамеша хусусияти маҷбуркуниро дорад, ҷавобгарӣ дар доираи соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, шакли маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки давлат онро татбиқ менамояд;

<u>дуюм</u>, чунин шакли маҷбуркунӣ дар меъёрҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби давлат муқаррар шудаанд, таҷассум ёфта, аз меъёрҳои ахлоқ, ки ҳамчун меъёрҳои нонавиштаанд, фарқ дорад;

<u>сеюм</u>, ҷавобгарӣ ҳамеша бо татбиқнамоии санксияҳое, ки хусусияти молумулкиро доранд, алоқаманд бошад, яъне, он санксияест, ки ба ҳуқуқвайронкунанда дар шакли ӯҳдадориҳои иловагӣ ё бекор намудани ҳуқуқи ба ӯ тааллуқдошта алоқаманд мебошад, ки дар натиҷа барои соҳибкор оқибати манфӣ меорад, ӯҳдадории иловагӣ бо пардохти ҷарима, ноустуворона, зарар, фоиз барои истифодабарии маблағҳои пулӣ шахсони бегона, бино бар ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, баргардонидани зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонида шудааст, бо назардошти хароҷот барои талабот барои хӯрока, доруворӣ ва ҳоказо алоқаманд аст.

Маҳрум намудан аз ҳуқуқ асосан хусусияти молумулкӣ дошта, дар рӯёнидани амвол ба фоидаи давлат таҷассум меёбад. Имконияти татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ дар шакли маҳдуд ё маҳрум кардан аз ҳуқуқҳои дигар, ки қабл аз ҳама, боиси маҳдуд ё маҳрум намудани қобилияти ҳуқуқдории соҳибкор мегардонад, ба манфиатҳои молумулкии соҳибкор таъсир мерасонанд.

Масъалаи ҷавобгарии соҳибкор барои ҷиноятҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҷиноӣ мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки бархе аз масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии ҷиноии соҳибкор дар адабиётҳои ҳуқуқи ватанӣ мавриди баҳсу мунозира қарор дода шуданд.

Маҳз боби 27 Кодекси ҷиноятӣ бевосита ба ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ бахшида шудааст.

Тамоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро шартан ба чунин намудҳо ҷудо кардан мумкин аст:

*– ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва бонк (моддаҳои 258, 266, 268, 277, 278 КҶ ҶТ);*

*– ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти пул, когазҳои қиматнок ва дигар ҳуҷҷатҳои пардохт (моддаҳои 281, 283 КҶ ҶТ);*

*– ҷиноятҳо дар соҳаи ба тартибдарории асъор (м. 284–287 КҶ ҶТ);*

*– ҷиноятҳои бо вайронкунии манфиатҳои истеъмолкунандагон алоқаманд (моддаҳои 267, 272, 276, 280, 294 КҶ ҶТ);*

*– ҷиноятҳои вобаста ба муфлисшавӣ (моддаҳои 269, 271 КҶ ҶТ).*

Монеъӣ ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ чунин аломатҳо дорад: *а) радди*

*ғайриқонунии бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ, корхона ё корхонаи тиҷоратӣ; б) саркашӣ аз бақайдгирии онҳо; в) радди ғайриқонунии додани иҷозати махсус (литсензия) барои татбиқи фаъолияти муайян; г) саркашӣ аз додани иҷозатнома; ғ) ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ; д) ҳамчунин, дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо аз ҷониби шахси мансабдор бо сӯиистифодаи мақоми хидматӣ.*

Аломатҳои иловагии ин таркиб дар меъёри ишорашуда қайд шудаанд, агар чунин кирдор: *а) бо риоя накардани қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд; б) ба миқдори калон зарар расонда бошад (м. 258 Кодекси ҷиноятӣ).*

Соҳибкории ғайриқонуниро чунин аломатҳо тавсиф медиҳанд: *а) татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ; б) татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат ҳатмӣ мебошад, ё бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ; в) машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат содир шудааст (м. 259 Кодекси ҷиноятӣ).*

Истеҳсол, ба даст овардан, нигаҳдорӣ, ҳамлу нақл бо мақсади муомилот ё ба муомилот баровардани молу маҳсулоти тамғаношуда, ки ҳатман бояд бо тамғаҳои боҷи аксиз, тамғаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда тамға карда шаванд, агар он ба миқдори калон содир шуда бошад *(м. 259 Кодекси ҷиноятӣ).*

Соҳибкории сохта, яъне таъсиси корхонаи тиҷоратӣ бидуни нияти анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти бонк, ки бо мақсади ба даст овардани кредит, озод шудан аз андоз, ба даст даровардани дигар фоидаи молумулкӣ ё рӯйпӯш кардани фаъолияти манъгардида, агар он ба шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад *(м. 260 Кодекси ҷиноятӣ).*

Давлат фаъолияти озоди соҳибкориро кафолат дода бошад ҳам, барои танзими он ва ҷавобгарӣ нисбати қонуншиканӣ дар ин соҳа санадҳои меъёри ҳуқуқии зиёд қабул карда истодааст. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 26 апрели соли 2013 ба Маҷлиси Олии ҶТ дар бораи самтҳои асосии фаъолияти давлат қайд кард, ки яке аз самтҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёт рушди бемайлони соҳибкорӣ аст. Чунончӣ, дар моддаи 258 КҶ ҶТ дар бораи монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ гуфта мешавад:

"Радди ғайриқонунии бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ ё корхона, ё корхонаи тиҷоратӣ ё саркашӣ аз бақайдгирии онҳо, радди ғайриқонунии додани иҷозати махсус (литсензия) барои татбиқи фаъолияти муайян ё саркашӣ аз додани чунин иҷозатнома, ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкории инфиродӣ ё корхона, ё корхонаи тиҷоратӣ, ҳамчунин, дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо, ки аз ҷониби шахси мансабдор бо сӯиистифода аз мақоми хидматӣ содир шудааст.

Мувофиқи моддаи 12-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тоҷикистон ба фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ иҷозат дода шудааст. Ҳуқуқу манфиатҳои қонунии соҳибкорон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ бо Консти-

тутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Қонуни ҷиноятӣ ҳифзи баробарии ҳамаи намудҳои фаъолияти соҳибкориро аз сӯиистифодаи шахсони мансабдор дар ҷодаи амалӣ намудани ваколатҳо оиди иҷозатдиҳӣ, назоратӣ ва дигар амалияҳои танзими фаъолияти соҳибкорӣ бармеоянд, кафолат медиҳад (аз ҷумла, оиди қабули қарор, ба амал баровардани тафтиш, гузоштани ӯҳдадорӣ, додани иҷозатномаи махсус (литсензия), назорат аз болои риояи қоидаҳои савдо, расонидани хидмат, андозбандӣ ва ғайра). Азбаски ин ҷиноят дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (соҳибкорӣ) содир мешавад, бино бар ин, новобаста аз он ки субъекти ҷиноят шахси мансабдор мебошад ё шаҳрванди оддӣ, намуди махсуси сӯиистифода аз ваколати мансабӣ (моддаи 314 КҶ ҶТ) ба ҳисоб рафта, дар ҳолати содир намудани чунин кирдор танҳо бо моддаи 258 КҶ ҶТ бандубаст мегардад.

Мувофиқи банди 3 моддаи 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифтае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши он, иҷрои кор ё расонидани хидмат равона карда шудааст.

Фаъолияти соҳибкорӣ ҳама гуна фаъолиятест, ки сарфи назар аз натиҷаи чунин фаъолият, барои ба даст овардани фоида ё даромад равона гардидааст.

Мувофиқи моддаи 15-уми Кодекси андози ҶТ фаъолияти марбут ба хариду фурӯш ё супоридани амвол ё иҷораи амвол дар ҳолати риоя кардани ақалан яке аз шартҳои зерин фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, агар:

*а) чунин фаъолият мунтазам сурат гирифта, он барои шахсе, ки муомилоти зикргардидаро иҷро менамояд, фаъолияти муқаррарӣ бошад;*

*б) молҳои (корҳо, хидматрасониҳо) истеҳсолнамудаи (иҷрокарда, расонида) фурӯшанда пешниҳод карда мешаванд;*

*в) чунин амалиёт дар доираи фаъолияти савдо, савдою миёнаравӣ ё фаъолияти миёнаравӣ анҷом дода мешавад.*

Ба сифати ҷабрдидагони ин ҷиноят соҳибкори инфиродӣ, корхона ва корхонаи тиҷоратӣ баромад мекунанд.

Асос ва тартиби бақайдгирии фаъолияти соҳибкориро қонунгузории ҷорӣ муқаррар менамояд, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" №485 аз 25-уми майи соли 2009, ки он муносибатҳоеро, ки дар натиҷаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ҳангоми таъсисдиҳӣ, аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии онҳо, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо, пешбурди феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва қайди баҳисобгирии намояндагиҳо ва бахшҳои шахсони ҳуқуқӣ ба миён меоянд, танзим менамояд.

Ҳаракати мазкур дар он ифода мегардад, ки новобаста аз он ки соҳибкори инфиродӣ ё корхонаҳо тартиби бо қонун пешбинишудаи таъсисдиҳии худро риоя кардаанд, вале шахси мансабдори дахлдор бе асосҳои қонунӣ дар бораи рад кардани бақайдгирии онҳо қарор мебарорад.

Саркашӣ аз бақайдгирӣ дар беҳаракатии шахси мансабдор ифода мегардад, яъне шахси мансабдори давлатӣ вазифаҳои худро оид ба қайди соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳо дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун бе асосҳои

узрнок иҷро намекунад, ҳол он ки аз ҷониби ҷабрдида асос ва тартиби оғоз намудани фаъолияти худ риоя карда шудааст.

Радди ғайриқонунии додани иҷозати махсус (литсензия) барои татбиқи фаъолияти муайян низ яке аз намудҳои ҷиноятe ҳисобида мешавад, ки бо монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ алоқаманд аст. Асос ва тартиби литсензиякунонии намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкориро қонунгузории ҷорӣ муқаррар менамояд, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" №37 аз 17-уми майи соли 2004, ки он намудҳои фаъолиятеро муайян мекунад, ки иҷозатномадиҳиро талаб карда, асосҳои ҳуқуқии додани иҷозатнома (литсензия)-ро барои машғул шудан ба намудҳои мушаххаси фаъолият муқаррар карда, барои риояи стандартҳо ва талаботи зарури тахассусӣ баҳри амалигардонии ин намудҳои фаъолият ва таъмини ҳимояи манфиату амнияти шахс, ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст.

Ҳаракати мазкур дар он ифода мегардад, ки новобаста аз он ки соҳибкори инфиродӣ ё корхонаҳо аз қайди давлатӣ бо тартиби бо қонун пешбинишуда гузаштаанд, вале шахси мансабдори дахлдор бе асосҳои қонунӣ ба онҳо қарор дар бораи рад кардан оид ба додани иҷозати махсус (литсензия) мебарорад.

Саркашӣ аз додани иҷозатнома дар беҳаракатии шахси мансабдор ифода мегардад, ки дар он шахси мансабдори дахлдор вазифаҳои худро оид ба додани иҷозатнома (литсензия) дар мӯҳлатҳои бо қонун муқарраршуда, бе асосҳои узрнок иҷро намекунад, ҳол он ки аз ҷониби ҷабрдида асос ва тартиби гирифтани чунин иҷозатнома риоя карда шудааст.

Ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкори инфиродӣ ё корхона ва ё корхонаи тиҷоратӣ дар маҳдуд намудани қобилияти амалкунии соҳибкори инфиродӣ ё қобилияти ҳуқуқдории ташкилоти тиҷоратӣ инъикос меёбад. Ҳаракатҳои мазкур дар манъ кардан оид ба бастани ягон намуди шартнома, расонидани хидмат ё иҷро намудани кор, инчунин, пешкаш намудани шартҳои иловагӣ ҳангоми бастани шартнома, фаъолияти истеҳсолӣ ё идоракунии онҳо дахолат кардан, мисол, бо роҳи маҷбур кардани таъини шахси мушаххас ба мансаби муайян ва ғайра ифода мегардад.

Дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳар гуна ҳаракатҳое мебошад, ки барои маҳдуд намудани имкониятҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳо равона карда шудааст (мисол, ғайриқонунӣ ташкил ва гузаронидани маҷлиси саҳҳомон, ғайриқонунӣ талаб кардани ҳуҷҷатҳои гуногун ва воситаҳои моддие, ки фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳоро таъмин мекунанд, мамониат кардан ба истифодаи бино, қитъаи замин, ки соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳо ба он ҳуқуқ доранд, гузаронидани тафтишоти иловагӣ ва ғайра).

Сӯиистифода аз мақоми хидматӣ дар он ифода мегардад, ки шахси мансабдор ҳаракатҳоеро, ки ба ваколати ӯ дохил мебошанд, ғайриқонунӣ ба амал бароварда, онҳоро бо манфиатҳои хидматӣ ё давлатӣ асоснок намуда, аз мақоми хидматии худ истифода бурда, имтиёзҳои мавҷударо маҳрум менамояд, литсензияро қатъ менамояд ё ба дигар оқибатҳои ногувори ҳуқуқӣ меоварад.

Ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани ҳаракатҳои дар диспозитсияи моддаи мазкур номбурда хотимаёфта ҳисоб мешавад.

Тибқи маълумоти ҷойдошта соли 2013 дар вилояти Суғд 380 адад ҷинояти

иқтисодӣ ва дорои хусусияти коррупсионӣ содир шуд, ки ин назар ба ҳамин даври соли гузашта 35 адад зиёд аст. Аз теъдоди умумии ҷиноятҳои ошкоршуда 100 ададашро ҷиноятҳои вазнин ташкил медиҳанд. Маблағи зарари аз ин ҷиноятҳо расонида 20 000 сомониро ташкил медиҳад.

***Номгӯи адабиёти истифодашуда:***


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6.11.1994. Душанбе, "Шарқи озод", 2003.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ дар бораи самтҳои асосии сиёсати давлат аз 26.04.2013 // www. president.tj.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.01.2000, қисми1. Душанбе, "Шарқи озод", 2003.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998, бо тағйиру иловаҳои соли 2008. Душанбе, "Ирфон", 2008.
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2008, №455. Душанбе, "Матн", 2011.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қайди давлатии шахсони ҳуқуқӣ" аз 25 апрели соли 2003 // www.parlament.tj
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.09.2012. Душанбе, "Шарқи озод", 2012.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3 аз 13.04. 2009. Душанбе, 2009
9. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Шарипов Х. Х. // Душанбе, "Глобус", 2006.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ" аз 10.03.1993 // www.parlament.tj.
11. Маҳмадхонов О. "Танзими давлатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон", маводи таълим. Душанбе, 2012.
12. Б. О. Самадов "Ҳуқуқи тиҷоратӣ", маҷмааи дастури таълим. Хуҷанд, 2012.


***Ҳоҷибоева Н. Д.,***
***ассистент***

# ҲИФЗИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

Ҳифзи давлатӣ ва ҷамъиятии ҳуқуқи истеъмолкунандагонро мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, мақомоти давлатии назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ), мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин, иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) ба ӯҳда доранд.

Мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи бартараф кардани ҳаракатҳои ғайриқонуниеро, ки бо қонун манъ карда шудаанд, яъне дар бозорҳои мол аз мавқеи ҳукмфармоии худ сӯиистифода кардани субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), бастани созишнома ё иҷрои амалҳои мувофиқа-

шударо дорад, ба ҷо меоварад. Дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ риояи қонунгузориро дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон назорат мекунад.

Мақоми зиддиинҳисорӣ ба инҳо амрия ирсол менамояд: *ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати хотима додани ҳуқуқвайронкуниҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба нафурӯхтани моли мӯҳлати коршоямиаш гузашта, инчунин, оид ба нафурӯхтани моле (иҷрои кор), ки бояд мӯҳлати коршоямиаш муқаррар карда мешуд, вале он муқаррар нашудааст ва оид ба боздоштани фурӯши мол (иҷрои кор, хидматрасонӣ) ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дурусту кофӣ дар бораи мол (кор, хидматрасонӣ); ҷиҳати маводи риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба мақоме, ки барои амалӣ намудани шакли дахлдори фаъолият иҷозатнома додааст, ҷиҳати ҳалли масъалаи боздоштани амали иҷозатномаи мазкур ё оид ба пеш аз мӯҳлат бекор кардани он; ҷиҳати мавод ба мақомоти прокуратура, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи тобеият барои ҳалли масъалаҳои огоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи аломатҳои ҷиноят, ки бо вайрон намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон алоқаманданд.*

Мақоми зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад, дар ҳолатҳои ошкор гардидани вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба суд муроҷиат намояд, ба манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба қатъи фаъолияти истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ё фаъолияти соҳибкори инфиродӣ барои вайронкунии бисёркарата ва дағалонаи ҳуқуқҳои бо қонун ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқ муқарраршудаи истеъмолкунандагон, инчунин, ба соҳибкорони инфиродӣ оид ба маҷбурӣ ситонидани ҷарима барои саркашӣ аз иҷрои амрияҳо ё барои сари вақт иҷро накардани онҳо ба суд даъво пешниҳод кунад.

Мақоми зиддиинҳисорӣ метавонад, аз ҷониби суд барои иштирок дар мурофиаи суд ҷалб карда шавад ё бо ташаббуси худ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои додани хулосаҳо аз рӯи парванда дар мурофиаи суд иштирок намояд.

Бо мақсади таъмини бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ) мақоми давлатии оид ба стандартонӣ, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назорати санитарию эпидемиологӣ, мақомоти озмоишӣ (экспертиза) ва сертификатсияи маҳсулоти фарматсевтӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ, мақомоти ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ, дигар мақомоти идоракунии давлат дар доираи салоҳияти худ назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ)-ро анҷом медиҳанд: *назорати риояи талаботи бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ)-ро ба итмом мерасонанд; барои бартараф намудани талаботи бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ), талаботи аз истеҳсолот гирифтани чунин мол (кор, хидматрасонӣ), истеҳсол накардан ва нафурӯхтани чунин мол (иҷрои кор, хидматрасонӣ), нафурӯхтани моли мӯҳлати коршоямиаш гузашта ва моле (коре), ки бояд ба он мӯҳлати коршоямӣ муқаррар мешуду вале муқаррар карда нашудааст, инчунин, талаботи боздоштани фурӯши мол (иҷрои кор, хидматрасонӣ) ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дурусту кофӣ оид ба мол (кор, хидматрасонӣ), оид ба гирифтани онҳо аз истеъмолкунандагон ва дар ин хусус хабардор намудани истеъмолкунандагон амрия ирсол ме-*

*кунанд; ҳангоми аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) риоя нагардидани талаботи бехатарии мол (кор, хидматрасо-нӣ) нисбати онҳо ба суд даъво пешниҳод мекунад.*[4]

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ)-ро анҷом медиҳанд, инчунин, ташкил ва иҷрои корҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хидматрасонӣ) ба талаботи муқарраршуда ба зиммаи мақоми давлатии оид ба стандартонӣ, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

Мақоми давлатии оид ба стандартонӣ, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташ чунин вазифаҳоро ба ҷо меоварад:

*– тартиби сертификатсия кардани мол (кор, хидматрасонӣ)-ро муайян менамояд;*

*– мақомоти сертификатсияи намудҳои мушаххаси мол (кор, хидматрасонӣ), ҳамчунин, лабораторияҳои (марказҳо) озмоиширо барои санҷишҳои дахлдор ваколатдор месозад;*

*– ба дуруст сертификатсия шудани мол (кор, хидматрасонӣ) назорат мекунад;*

*– феҳристонии давлатии моли (кор, хидматрасонӣ) сертификатсияшуда, мақомоти ваколатдорро доир ба сертификатсия, лабораторияҳои (марказҳо) озмоиширо ба роҳ мемонад;*

*– дар бораи эътирофи сертификатсияҳое, ки ба мақомоти хориҷӣ ва байналмилалӣ додааст, қарор қабул менамояд, дар муносибатҳои мутақобила бо ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ аз рӯи масъалаҳои сертификатсияи мол (кор, хидматрасонӣ) аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад;*

*– риояи қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ, сифат ва бехатарии молҳои ниёзи мардумро назорат мекунад.*

Чораҳои ҷазои таъиннамудаи мақоми зиддиинҳисорӣ, мақоми давлатии оид ба стандартонӣ, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии молро анҷом медиҳанд, қатъиян ба амал бароварда мешаванд.

Мақоми зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда)-ро барои саркашӣ аз иҷро ё дер иҷро кардани амрияҳои қонунии ӯ оид ба қатъи вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима бандад. Ҷаримаро шахси мансабдори мақоми зиддиинҳисорӣ таъин мекунад.

Мақоми давлатии оид ба стандартонӣ, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ)-ро дар доираи салоҳияти худ анҷом медиҳанд, ҳуқуқ доранд, дар ҳолатҳои зерин ҷарима банданд:

*– барои саркашӣ намудан аз иҷро ё дер иҷро кардани амрияҳои қонунии онҳо аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*– ба моле (кор, хидматрасонӣ), ки ба талаботи пешниҳодгардидаи бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ) ҷавобгӯ намебошад, барои ба истеъмолкунанда расонидани зарар дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*– барои фурӯши мол (иҷрои кор, хидматрасонӣ), аз ҷумла моли воридот бе ҳуҷҷатҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хидматрасонӣ) ба талаботи ҳатмии стандартҳо дар ҳаҷми арзиши моли фурӯхташуда (кори иҷрогардида, хидмати расонида);*

*– барои аз тарафи мақомоти сертификатсия риоя накардани қоидаҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хидматрасонӣ), инчунин, ба лабораторияи (марказ) озмоишӣ пешниҳод кардани натиҷаҳои нодурусти озмоиши мол (кор, хидматрасонӣ) ҳангоми тасдиқи ҳатмии мувофиқати он дар ҳаҷми арзиши дукаратаи иҷрои кор (хидматрасонӣ) оид ба тасдиқи мувофиқат.*

Ҳаҷми ҷаримаи пешбинигардидаи моддаи мазкур дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти андозаи зарари расида ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад. Ҷарима аз рӯзи баровардани қарор дар хусуси рӯёнидани он дар мӯҳлати сӣ рӯз пардохта мешавад.

Истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагон, фурӯшандагон) мол (кор, хидматрасонӣ), мақомоти сертификатсиякунонӣ, лабораторияҳои (марказҳо) озмоишӣ ҳуқуқ доранд, дар хусуси пурра ё қисман нодуруст эътироф намудани амрияҳои мақоми зиддиинҳисорӣ, мақоми давлатии оид ба стандартонӣ, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ)-ро анҷом медиҳанд ва оид ба бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои дахлдор доир ба ҷаримаситонӣ бо ариза ба суд муроҷиат намоянд.

### Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳимоя карда шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сохторҳои дахлдор ташкил карда мешаванд, ки вазифаҳои зеринро ба ҷо меоваранд:

*– шикояти истеъмолкунандагонро баррасӣ мекунанд ва ба онҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон маслиҳат медиҳанд:*

*– шартномаҳои бо фурӯшандагон (иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагон) бастаи истеъмолкунандагонро бо мақсади ошкор намудани шартҳое, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозанд, таҳлил мекунанд;*

*– ҳангоми ошкор намудани моли (кор, хидматрасонӣ) дорои сифати номатлуб, инчунин, барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунандагону барои муҳити зист хатарнок мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ)-ро амалӣ мегардонанд, фавран огоҳ месозанд;*

*– дар ҳолати ошкор намудани фурӯши мол (иҷрои кор, хидматрасонӣ), ки маълумоти дуруст ва кофӣ надорад, ё мӯҳлати коршоямиаш гузаштааст, ё худ мӯҳлати коршоямиаш зикр нашудааст, агар муқаррар намудани ин мӯҳлатҳо ҳатмӣ бошад, фурӯши мол (иҷрои кор, хидматрасонӣ)-ро то пешниҳод намудани маълумот бозмедоранд, ё қатъ мекунанд;*

*– ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (доираи номуайяни истеъмолкунандагон) муроҷиат мекунанд.*

### Ҳуқуқи иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо)

Дар асоси моддаи 28-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон

ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад, дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои дорои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.

Шаҳрвандон ҳуқуқи ихтиёран дар иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) муттаҳид шуданро доранд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) дар мавридҳои пешбининамудаи оинномаи иттиҳодияҳои мазкур (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) ҳуқуқ доранд:

*– дар таҳияи талабот ба бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ), ҳамчунин, ба стандартҳое, ки талаботи ҳатмиро дар ин соҳа муқаррар менамоянд, ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда танзим менамоянд, иштирок кунанд;*

*– озмоиши (экспертиза) мустақилонаи сифат ва бехатарии мол (кор, хидматрасонӣ)-ро аз рӯи супориш дар ташкилотҳои дахлдор ё дар мавриди доштани лабораторияҳои худӣ гузаронанд, ба шарте ки мақомоти дахлдор барои салоҳияти техникӣ доштани онҳо иҷозат дода бошанд;*

*– риоя шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва қоидаҳои хидматрасонии тиҷоратӣ, маишӣ ва дигар намудҳои ба истеъмолкунандагон хидматрасониро тафтиш намоянд, бо супориши истеъмолкунандагон дар гузаронидани озмоиш доир ба риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон иштирок кунанд;*

*– ба мақомоти идоракунии давлат ва ташкилотҳо доир ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хидматрасонӣ), истеҳсол накардан, аз муомилот гирифтани моле (кор, хидматрасонӣ), ки барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист хавфу хатар доранд, таклифҳо пешниҳод намоянд;*

*– ҳамроҳи мақомоти идоракунии давлат дар назорати татбиқи нархҳои идорашаванда ширкат варзанд, тарофаҳоеро, ки мақомоти давлат барои ба ҷо овардани хидмати аҳолӣ (истеъмолкунандагон) муқаррар мекунад, мустақиман озмоиш (экспертиза) намоянд;*

*– ба мақомоти прокуратура ва мақомоти идоракунии давлат дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони барои истеҳсолу фурӯши моли (иҷрои кор, хидматрасонӣ) ба талаботи муқарраргардида нисбати бехатарӣ ва сифати мол (кор, хидматрасонӣ) номувофиқ, ҳамчунин, барои риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон айбдоранд, мавод пешниҳод намоянд;*

*– аз мақомоти прокуратура хоҳиш намоянд, ки дар бораи беэътибор донистани санадҳои мақомоти идоракунии давлат ва санадҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки хилофи қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонанд, эътироз баён кунанд;*

*– барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (доираи номуайяни истеъмолкунандагон) ба суд муроҷиат намоянд* [3].

Фаъолияти ҳамаи ин мақомот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти корашон, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, маҳз барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон равона карда шудааст, лекин, аз чӣ сабаб бошад, боз ҳуқуқвайронкуниҳо дар намуди сифати пасти маҳсулоти ба фурӯш баромадаро мебинем.

фиреби истеъмолкунандагон мушоҳида мешавад, ба талаботи бехатарӣ барои ҳаёт ё саломатии истеъмолкунанда ҷавобгӯ набудани молро дар ҷойҳои нигаҳдорӣ мушоҳида мекунем. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолияти мақомот дуруст ба роҳ монда нашуда, ба ин ҳолат шояд худи истеъмолкунанда низ гунаҳгор бошад. Барои чӣ? Чаро чунин савол ба миён меояд?

Ҳамаи ҳолатҳои дар боло овардаро истеъмолкунанда мушоҳида мекунад, бевосита бо он вомехӯрад, лекин ба ягон мақоми давлатӣ оиди ин масъалаҳо мурочиат намекунад ва барои бартараф кардан кӯшиш ҳам наменамояд.

Пас, саволе ба миён меояд: чӣ гуна ин ҳолатҳоро бартараф бояд кард? *Якум*, бояд худи истеъмолкунандагон ҳуқуқҳояшонро ҳифз намоянд ва шуурнокии ҳуқуқи истеъмолкунанда бояд баланд карда шавад. *Дуюм*, ҷавобгариро барои вайронкунандагони қонун ҳаматарафа таъмин бояд кард. *Сеюм*, мақомоти давлатӣ нагузоранд, ки молҳои пастсифат барои фурӯш баровarда шаванд, инчунин, хидматрасонии сифатан паст бартараф карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, "Паёми Сомониён", 2003.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" аз 1.08.2012, №890 сайти электронии mmk.tj
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2004, №12.
4. Гафарова Г. Р. "Защита прав потребителей", учебное пособие. М., "Юстиц-ИНФОРМ", 2007.
5. Маҷаллаи "Стандарт ва Сифат" (муассис: Тоҷикстандарт). Душанбе, ҶДММ "Полиграф-групп", 2012, №7.
6. Рӯзномаи "Саломат бошед", 19.03.2013, №6.


*Авазматова Г. Н.,*
*ассистент*

# ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

Рыночное пространство, как среда реализации предпринимательской деятельности, определяя возможности реализации функциональных признаков предпринимательства, является полем приложения предпринимательской деятельности и одновременно синтезатором, который обеспечивает функциональное развитие наиболее конкурентоспособным предприятиям. Изменение роли предпринимательства в общественной жизни стало причиной изменения и его социальной оценки. Предпринимательство нельзя рассматривать в качестве самопроизводительной силы. Как свидетельствует практика, результативность предпринимательства и оказываемое им прогрессивное влияние существенно раз-

личаются во времени и пространстве. Это говорит о том, что функциональная роль предпринимательства сама является продуктом экономического развития общества и специфических условий, в которых оно осуществляется [5].

Роль предпринимательства как вида деятельности неизмеримо возрастает. Усложнение деятельности повлекло за собой усложнение и предпринимательской функции, а также основной задачи.

Основной задачей предпринимательства является не приспособление к меняющимся условиям, а способность преобразовать сами условия хозяйствования в соответствии с тенденциями развития общественных потребностей и производства [3]. Это значит, что цель предпринимательской деятельности не должна быть связана с максимизацией частного результата, а должна обеспечивать долгосрочную устойчивость хозяйственной организации.

Устойчивое развитие предприятия, ранее рассмотренное нами как переход от одного уровня нарушенного под воздействием внутренних и внешних возмущающих факторов, на другой качественно и (или) количественно новый уровень состояния равновесия, пропорциональности, сбалансированности и эффективности, основных финансово-экономических процессов функционирования предприятия, является главным фактором дальнейшего процветания предприятия.

Конечно, реализуя функцию собственника, предприниматель должен обеспечить наибольшую доходность и, как правило, он будет стремиться к максимизации дохода. Однако как хозяйственник, стремясь к обеспечению долгосрочной устойчивости предприятия, он должен формировать и ранжировать свои цели с учётом внешних воздействий. Ещё Дж. М. Кейнс отмечал, что содержание предпринимательства состоит не в рационализме и новаторстве, а в способности правильно оценить развитие макроэкономической ситуации [4, 493].

Приобретение устойчивых рыночных преимуществ возможно только посредством нововведений. Обладание новаторством даёт предпринимательству возможность в корне изменить его взаимодействие с окружающей средой [5].

И здесь необходимо подчеркнуть, что "окружающая среда" представляет собой факторы, влияющие на развитие предпринимательства, комбинация которых может быть представлена в виде подсистем, каждая из которых представляет собой определенный срез среды предпринимательства рис 1, 2.



Кроме перечисленных факторов, влияющих на развитие предпринимательства, под влиянием которых формируются цели и задачи краткосрочного среднесрочного и долгосрочного характера для достижения устойчивого развития, существуют и другие, внешние, такие как:

- *институциональные факторы (развитие банковской системы, страхового дела, развитость каналов снабжения, наличие рыночных посредников, развитие связи и информационного обеспечения);*
- *правовые факторы (степень развития хозяйственного права, регулирование взаимоотношений агентов хозяйственного оборота, законодательная защита предпринимательства, характер регулирующего вмешательства государства);*
- *политические факторы (устойчивость политических институтов, характер взаимоотношения общества и государства), а также внутренние факторы, которые отражают особенности внутренней организации хозяйственных ячеек (масштабность организации, особенности иерархической структуры, форма и характер управления организацией, личностные качества предпринимателя).*



Сами признаки предпринимательства являются шкалой оценивания уровня его устойчивости. Один из признаков современного предпринимательства – новаторство. С экономической точки зрения новаторство представляет собой не открытие и не изобретение, а практическую реализацию предпринимательской идеи, то есть коммерциализацию новых, технологических, организационных и иных достижений [6, 74]. И действительно, если рассматривать предпринимателя, как лицо, борющееся за лучшие результаты хозяйствования, то очевидным становится его стремление к долгосрочной устойчивости предприятия и преодоления рыночной неопределённости. В свою очередь лучший способ преодоления рыночной неопределённости – это изменение самой рыночной ситуации в выгодном для себя направлении. А это возможно только посредством инновационной деятельности. Действительной причиной инновационной активности предпринимателей является конкуренция.

Практика предпринимательской деятельности в любой ее форме доказывает, что степень устойчивости зависит от способности предприятия выдержать внешние или внутренние воздействия и возмущения.

Одним из таких возмущений является конкуренция. Конкуренция выступает в качестве основной регулирующей рынок силой, которая является экономическим инструментом, устанавливающим границы реализации экономической свободы и личного интереса [6, 95].

Мировая история развития предпринимательства знает немало примеров соперничества между компаниями, которое помогло им достичь устойчивого развития, а затем и преимущества на рынке. Таким примером может послужить соперничество между компаниями Coca-cola и Pepsi – одно, из наиболее часто упоминаемых в литературе за всю историю предпринимательства. Поражает постоянство, с которым Coca-cola и Pepsi противостоят друг другу: "А" изобретает, "В" копирует, "В" изобретает "А" копирует *(табл.1.)*. Каждая компания стремится создать себе уникальное преимущество в форме нового товара, новой модели бизнеса и при этом отслеживает усилия одной стороны, что бы в случае необходимости ответить тем же.

***Таблица 1***

| *Инновация* | *Копия* |
|---|---|
| 1980 г.: Coca-cola прекращает использовать сахар и переходит на дешёвую фруктозу в виде кукурузного сиропа. | Pepsi делает то же самое тремя годами позже. |
| 1984 г.: В своих «диетических» напитках Pepsi переходит с сахарина на аспартам. | Coca-cola переходит на аспартам спустя полгода. |
| 1984 г.: Pepsi предоставляет двухлитровую бутылку. | Coca-cola предоставляет свою двухлитровую бутылку через четыре месяца. |
| 1985 г.: «Seven - Up» проводит успешную рекламную компанию, рассказывающую о достоинствах напитка без кофеина. | В том же году Coca-cola и Pepsi выпускают версии напитков без кофеина. |

Роджер Энрико, занимавший в 1988 г. пост исполнительного директора Pepsi, в интервью сказал: "Если бы не Coca-cola, нам трудно было бы поддерживать себя в хорошей конкурентной форме. Если бы компании Coca-cola не существовало, нам пришлось бы молиться, чтобы её кто-нибудь создал" [7, 23–24].

Любой предприниматель заботится в первую очередь об укреплении собственного положения путём расширения своей рыночной власти, то есть ограничения конкуренции. Но здесь возникает вопрос о стимулах самообновления. Ведь самообновление и является как раз тем инструментом, который способен обеспечить превосходство. То, что с ростом монополизма на рынке интенсивность преобразовательных процессов, необходимых для развития фирмы, снижается.

Однако самосовершенствование и преобразовательная деятельность лишь видимая сторона конкуренции. Суть же в обеспечении лучших условий хозяйствования для себя. В конкурентном взаимодействии это означает ограничение равенства условий для его участников, что может привести к устранению самой конкуренции и установлению абсолютной монополии. Следовательно, конкуренцию не следует рассматривать в качестве самодостаточного механизма устойчивого развития предпринимательства, если нет регулирующего воздействия со стороны общества.

Для создания благоприятного климата развития предпринимательства важнейшим фактором служит поддержание состязательных условий за лучшие результаты хозяйствования. Чем конкурентной является экономика, тем полнее проявляется новаторство в качестве признака предпринимательства. Экономика предпринимательского типа – это экономика с высоким уровнем конкуренции. Притом конкуренции, которая не приспосабливается к условиям рынка, а активная деятельность, которая способствует преобразованию самих этих условий [6, 100].

Говоря о составных частях предпринимательской среды и воздействии общеэкономических факторов следует указать особую роль государства. Оно способно оказывать существенное влияние на состояние среды предпринимательства, задавая многие параметры хозяйственной деятельности.

Главная задача государства состоит в том, чтобы обеспечить благоприятную атмосферу для реализации функций предпринимательства и его устойчивого развития. Усилия государства должны быть направлены на:

- *создание условий для инвестирования (налоговое законодательство, гарантии, бюрократические процедуры);*
- *обеспечение реализации интересов инвесторов (информационное обеспечение, регулирование финансового рынка);*
- *стимулирование новаторской деятельности (льготы, информация, инкубаторы).*

Экономическое развитие каждого государства обусловлено многими факторами, в том числе и реформами, проводимыми для дальнейшего осуществления стратегии устойчивого развития предпринимательства. Для каждой страны характерен свой переход к рыночным отношениям и формированию предпосылок устойчивого развития экономики.

Трансформационный период в экономике Таджикистана, несомненно, связан, с реформами, проводимыми за последнее время, подтверждает неразрывность развития экономики страны с развитием предпринимательства. Одним из обще-

экономических факторов, создающих благоприятную почву для устойчивого развития предпринимательства, является инвестиционная среда.

В Программе экономического развития Республики Таджикистан на период до 2015 года, было подчеркнуто: *усовершенствованное законодательство и регулирование в области инвестиций и предпринимательства снизят предпринимательские и инвестиционные риски, дадут возможность обеспечить рациональную внутреннюю занятость, расширят доступ и привлекательность Таджикистану для внутренних и внешних инвесторов. Необходимо создать орган поддержки предпринимательства, который будет оказывать реальную помощь бизнес-структурам посредством улучшения предпринимательского климата* [1].

Одним из таких органов в Республике Таджикистан является "Фонд поддержки предпринимательства", закон об учреждении, которого был принят в феврале 2013-го года. В том же году на поддержку предпринимательства было выделено 2 млн сомони. В настоящее время госпредприятие "Фонд поддержки предпринимательства" функционирует при Госкомитете Республики Таджикистан по инвестициям, и основной целью его является поддержка предпринимателей Таджикистана путём предоставления малых и средних кредитов с низкими процентами [8].

Благодаря данным реформам число действующих предприятий, занятых предпринимательской деятельностью по Согдийской области с 2008-го года до декабря 2012 года возросло почти в два раза, а выручка от реализованной продукции (работ и услуг) выросла на 483077,3 тыс. сомони [9].

***Таблица 2***

| | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** |
|---|---|---|---|---|---|
| *Число действовавших предприятий занятых предпринимательской деятелностью, на конец года* | 469 | 537 | 670 | 742 | 931 |
| *Выручка от реализованной продукции (работ, услуг) за год, тыс. сом.* | 6888,9 | 9356,4 | 14444,7 | 19116,6 | 22700,6 |
| *В том числе реализовано непосредствено населению, тыс. сом.* | 108084,6 | 147282,6 | 300920,9 | 377236,8 | 591161,9 |

Обеспечение условий для присвоения полученных результатов, извлечения и присвоения дохода является одним из признаков среды предпринимательства. Чем развитыми и зрелыми являются рыночные институты, тем с меньшими препятствиями сталкивается предприниматель и тем быстрее складываются условия для его развития. Налоговая политика государства является одним из рычагов регулирования экономики. Она, несомненно, влияет на уровень сохранения равновесия предприятия в условиях воздействия факторов как внутренних так и внешних. В новом Налоговом кодексе для прогресса малого и среднего предпринимательства предусмотрены более 240 льгот и послаблений. Только в прошлом году сумма предоставленных льгот составила 3,6 миллиарда сомони, а в этом

году достигнет четырёх миллиардов сомони [2].

Для создания условий устойчивого развития сферы предпринимательства целесообразно разработать и осуществить комплекс дополнительных мер по созданию благоприятных правовых и социально-экономических условий формирования целостной системы государственной и общественной поддержки. Лишь проанализировав все факторы внешней и внутренней среды предпринимательства можно выявить основные направления его устойчивого развития.

Эта работа должна конкретизироваться последующим основными направлениями: *формирование и совершенствование правовой базы, обеспечивающей развитие среднего и малого бизнеса; стимулирование атмосферы общественного признания предпринимательства, способствующей его эффективному функционированию; регулирование перераспределением ресурсов между предприятиями различных отраслей с целью изменения структуры регионального валового продукта; обучение участников современного предпринимательства и, прежде всего, предпринимателей, способных к инновационной, рисковой деятельности во всех сферах экономики и реализующих эти возможности в практической деятельности; разработка системы взаимоувязанных комплексных региональных программ по поддержке предпринимательства; финансовая, кадровая, правовая, имущественная и иная поддержка развития предпринимательства; поддержка развития товарного, кадрового, финансового рынков и их инфраструктуры; стимулирование привлечения инвестиций в сферу малого и среднего бизнеса;*

*– защита экономических интересов участников малого и среднего предпринимательства;*

*– формирование конкурентной среды, которая будет способствовать развитию экономической состязательности, где конкурентные преимущества обеспечиваются за счет непрерывного обновления технологии и техники, на базе достижений науки и техники, инновационного менеджмента и маркетинга;*

*– полной реализации инновационных и рисковых способностей предпринимателей.*

Рыночное хозяйство является исходным пунктом предпринимательства, а принципы его организации выступают в качестве определяющих условий осуществления предпринимательской деятельности.

Подводя итог, можно сделать следующие выводы. Устойчивое развитие предпринимательства должно обеспечиваться процессом, включающим в себя реализацию стратегии стабилизации экономического положения субъектов предпринимательства; создание благоприятного климата для дальнейшего развития предпринимательства; поддержание социально-политической стабильности общества; обеспечения условий для обучения участников современного предпринимательства; развитие конкурентной среды и другие условия, влияющие на степень устойчивости предпринимательства.

Устойчивое развитие предпринимательства необходимо, так как благодаря предпринимательской инициативе создаются новые продукты и услуги, внедряются новые способы производства и приложения труда, открываются новые рынки.

Предпринимательство является не только продуктом социально-экономического развития общества, которое требует постоянного и пристального внимания к

себе со стороны последнего.

**Литература:**

1. "Программа экономического развития Республики Таджикистан на период до 2015 года". Постановление Правительства РТ 1 марта 2004 года, №86.

2. Послание Президента РТ Эмомали Рахмона Маджлиси Оли РТ, 23.04.14.

3. Бусыгин А. В. "Предпринимательство" // "Предпринимательство: Интерпакс–2004, 640 с.

4. "Большая экономическая энциклопедия". М., "Эксмо", 2007 г., 816 с.

5. Рэй Д. "Роль предпринимательства в экономическом развитии" // "Предпринимательство в промышленных развитых странах". М., 1992.

6. Тарануха Ю. В. "Предприятие и предпринимательство в трансформируемой экономике". М., издательство "Дело и Сервис", 2003, 368 с.

7. К. Крипендорф. "36 стратегий для победы в эпоху конкуренции" // перев. с англ. СПб. "Питер", 2005, 256 с.

8. http://tajik.tj/news/detail.

9. "Статистический ежегодник Согдийской области" // Худжанд, Главное управление агентства по статистике при Президенте РТ в Согдийской области, 2013.

5. Рэй Д. "Роль предпринимательства в экономическом развитии" // "Предпринимательство в промышленных развитых странах". М., 1992.

6. Тарануха Ю. В. "Предприятие и предпринимательство в трансформируемой экономике". М., издательство "Дело и Сервис", 2003, 368 с.

7. К. Крипендорф. "36 стратегий для победы в эпоху конкуренции" // перев. с англ. СПб. "Питер", 2005, 256 с.

8. http://tajik.tj/news/detail.

9. "Статистический ежегодник Согдийской области". Худжанд, Главное управление агентства по статистике при Президенте РТ в Согдийской области, 2013.

***Рӯзиев Д. Т.,***
***ассистент-магистр***

# МУАММОҲОИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНАИ ЗАМОНИ МУОСИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баъди ба Истиқлолият соҳиб шудан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузарониданиислоҳоти иқтисодӣ шароитҳо фароҳам оварда шуданд, ки нисбати низоми мутамарказонидан ба иқтисоди бозоргонӣ равона карда шуда буд.

Чунон ки маълум аст, яке аз душвориҳои ҳама гуна давраи гузариш интихоби самтҳои асосӣ ва таҳияи стратегияи гузариш ба сохторҳои бозор мебошад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора шудааст: *«Мо азм дорем, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисод, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, тавсеаи имкониятҳои содироти мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ*

*ва дастгирии соҳибкорӣ, самаранокии бозори меҳнат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили низоми идораи давлат ва тақвияти неруи инсониро ҳал намоем».*

Баробари гузариш ба иқтисоди бозор шароит фароҳам овардан барои рушду равнақи корхонаҳои савдо ба миён омад.

Миқдори асосии неъматҳои моддиро барои таъмини талаботи шахсиашон аҳолӣ ба воситаи соҳаи савдо дарёфт мекунанд. Корхонаҳои савдои чакана яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи иқтисодиёт ба шумор меравaнд. Савдои чакана ҳудуди ҳаёти иҷтимоии мардумро нишон медиҳад, зеро мардум бевосита метавонанд, молҳои дилхоҳашонро (хӯроквори ва ғайрихӯроквори) бо роҳи савдои чакана аз бозор ва мағозаҳо дастрас намоянд.

Савдои чакана шакли пулии ҳаҷми фурӯш ба аҳолӣ барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ, инчунин, фурӯши майдаяклухт ба муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо (беморхонаҳо, боғчаҳои бачагона, хонаҳои истироҳат) барои таъмини мизоҷонашон мебошад. Моҳияти иқтисодии савдои чакана дар муносибатҳои ивази молҳо ба пул ифода меёбад. Дар савдои чакана мол ба истеъмолкунандагони охирин расида, ҷараёни фурӯш ба охир мерасад.

Миқдори асосии неъматҳои моддиро барои таъмини талаботи шахсиашон аҳолӣ ба воситаи соҳаи савдо дарёфт мекунанд. Бо мақсади дуруст ва пурра дарк кардани моҳияти савдои чакана зарур аст, ки мафҳумҳои асосиро шарҳ диҳем:

<u>Корхона</u> – звенои асосии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, субъекти алоҳидаи хоҷагидорӣ, ки дорои шахси ҳуқуқӣ аст. Зинаи охирини фаъолияти субъектҳои бозор савдо мебошад. Чунки он талаботи харидоронро самаранок таъмин менамояд.

<u>Савдо</u> шакли гардиши моли ҷамъи амалиёти хоҷагидорӣ ва технологӣ мебошад, ки ҷараёни ивазшавии мол ва ё хидматрасониро бо пул ифода менамояд. Савдо дар шароити иқтисоди бозор маҷмааи мураккаби чорабиниҳоро иҷро мекунад, ки ҳаракати молро аз истеҳсолкунанда то истеъмолгар таъмин менамояд.

<u>Корхонаи савдо</u> звенои асосии савдо буда, ҳамчун субъекти мустақили хоҷагидорӣ бо статуси шахси ҳуқуқӣ баромад мекунад ва барои харид, нигаҳдорӣ, фурӯши мол, пешниҳоди хидматрасониҳои иловагии гуногун мувофиқи талаботи харидорон бо мақсади гирифтани фоида фаъолият мебарад.

Корхонаҳои савдои яклухт ҳамчун миёнаравҳои тиҷораткунанда махсус гардонида шудаанд, алоқаҳои хоҷагидориро байни корхонаҳои истеҳсолӣ ва корхонаҳои савдои чакана, корхонаҳои дигари савдои яклухт, корхонаҳои истеҳсолӣ барпо мекунанд, инчунин, хариду фурӯши молҳоро аз анборҳояшон ташкил менамоянд ва хидматгузориҳои мувофиқро низ дар назар доранд.

17-уми майи соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ба қувваи эътибор даромад. Дар моддаи 17-уми ҳамин қонун номгӯи намудҳои фаъолияти шаҳрвандон, ки барои он иҷозатнома талаб карда мешавад, муайян карда шудааст. Савдои чакана бо молҳои намудҳои ҷудогона дар ин номгӯи махсус номбар карда шудааст, лекин намудҳои фаъолиятҳое низ қайд гардидаанд, ки дар мазмуни онҳо савдои чакана дохил мешавад. Ба он фаъолияти дорусозӣ, фурӯши маҳсулоти нодир ва антиқа, фаъолияти байторӣ ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

Мувофиқи моддаи 19-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳии баъзе намудҳои фаъолият", қонунҳо ва санадҳои дигари меъёри ҳуқуқ, ки тартиби иҷозатномадиҳиро танзим менамоянд, дар қисмате, ки ба қонуни мазкур мухолифат надоранд, амал мекунанд. Иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои фаъолияте, ки дар моддаҳои алоҳидаи қонун зикр наёфтаанд, аз рӯзи маври-

ди амал қарор гирифтани қонуни мазкур қатъ мегардад. Иҷозатномаҳое, ки пеш аз интишори расмии қонуни мазкур дода шудаанд, то мӯҳлати дар онҳо нишондода эътибор доранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаи иҷозатномагирии фаъолияти дорусозӣ ва савдои чаканаи воситаҳои табобат, инчунин, асбобҳои барои соҳаи тиб таааллуқдоштаро тасдиқ намудааст.

Савдои чакана дар фаъолияти соҳибкорӣ чунин соҳаест, ки бо фурӯши мол бевосита ба истеъмолкунандагон вобастагӣ ва алоқамандӣ дорад. Дар асл савдои чакана муносибатҳои бевоситаеро, ки байни фурӯшанда ва харидор ба амал меоянд, дарбар мегирад. Ин муносибатҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон", Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд ва назорат мекунанд.

Асосҳои таснифоти анъанавии намудҳои савдои чакана дар қонунгузории соҳаи тиҷорат ҷои хидматрасонии савдоро муайян менамояд.

Барои асос чунин таснифотро ҷудо мекунанд: *1. Савдо аз рӯи мавҷудияти ҷои нуқтаи савдо. 2. Савдо аз рӯи мавҷудияти ҷои харидорон.*

Ғайр аз ин, нуқтаҳои савдоро аз рӯи шакли сохтмон ба *доимӣ* (статсионарӣ) ва *муваққатӣ* (ғайристатсионарӣ) ҷудо мекунанд.

7 майи соли 2014 дар бозори "Панҷшанбе" ва чанде аз мағозаҳо, амсоли "Амид", "Анис", "Оазис" тадқиқоти маркетингӣ гузаронидем *(ниг. ба ҷадвали 1).*

***Ҷадвали 1***

| № | Номгӯи молҳои хӯроквори | Нархи бозори «Панҷшанбе» | Нархи «Оазис» | Нархи «Анис» | Нархи «Амид» |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Биринҷ (хитой) | 5 сомонӣ | 5,30 дирам | 6 сомонӣ | 5,50 дирам |
| 2 | Бодиринг | 5 сомонӣ | 4,85 дирам | 4,50 дирам | 6,40 дирам |
| 3 | Гречка | 4,50 дирам | 6 сомонӣ | 4,30 дирам | 4,50 дирам |
| 4 | Гӯшти гов (лаҳм) | 38 сомонӣ | 38 сомонӣ | 40 сомонӣ | 40,50 дирам |
| 5 | Карам | 5 сомонӣ | 4,70 дирам | 4,50 дирам | 2 сомонӣ |
| 6 | Картошка | 5 сомонӣ | 5,20 дирам | 4,80 дирам | 4,80 дирам |
| 7 | Намаки дурушт (майда) | 1 сомонӣ | 80 дирам | 65 дирам | 1 сомонӣ |
| 8 | Орд (навъи олӣ) | 4,50 дирам | 5,30 дирам | 2,95 дирам | 3 сомонӣ |
| 9 | Помидор | 15 сомонӣ | 17 сомонӣ | 16 сомонӣ | 12 сомонӣ |
| 10 | Пиёз | 3 сомонӣ | 4,50 дирам | 2,50 дирам | 3,70 дирам |
| 11 | Равған пахта (1литр) | 5 сомонӣ | 7 сомонӣ | 5 сомонӣ | 6 80 дирам |
| 12 | Сабзӣ | 2,50 дирам | 2,90 дирам | 2,50 дирам | 2,80 дирам |
| 13 | Спичка | 1,20 дирам | 1,40 дирам | 1 сомонӣ | 1 сомонӣ |
| 14 | Чойи №110 | 5 сомонӣ | 4,15 дирам | 4,80 дирам | 5 сомонӣ |
| 15 | Шакар | 4,50 дирам | 4,50 дирам | 4,25 дирам | 4,50 дирам |
| 16 | Шир (1 литр) | 4 сомонӣ | 4,85 дирам | 4,20 дирам | 4 сомонӣ |

Гардиши чаканаи мол арзиши моли истеъмолӣ мебошад, ки ба аҳолӣ барои истеъмоли ниҳоӣ ё барои истифодабарии рӯзгор бо пули нақд фурӯхта шудааст. Ғайр аз ин, ба гардиши чаканаи мол арзиши хӯроквории низ дохил мешавад, ки муассисаҳои савдои чаканаи мол ба ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ (муассисаҳои кӯдакистон, табобатгоҳ, истироҳатгоҳ, хонаҳои маъюбон ва ғайра) аз рӯи ҳисоби ғайринақдӣ мефурӯшанд.

*Ҷадвали 2*

**Гардиши моли чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистан дар ҳамаи соҳаҳо, солҳои 2009–2013, миллион сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо | 5929,4 | 6374,1 | 6814,2 | 7294,6 | 7737 |
| Сектори давлатӣ | 72,9 | 87,3 | 74,9 | 78,6 | 79,6 |
| Сектори ғайридавлатӣ | 5856,5 | 6286,8 | 6739,4 | 7216,0 | 7657, |
| аз он ҷумла:<br>савдои тиҷоратӣ | 245,0 | 336,1 | 315,9 | 345,4 | 380,8 |
| савдои кооперативии «Тоҷикматлубот» | 113,0 | 111,3 | 126,7 | 136,5 | 143,3 |
| бозори номуташаккил | 5498,5 | 5839,4 | 6296,8 | 6734,1 | 7133, |

Вилояти Суғд яке аз вилоятҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи Тоҷикисто ба шумор рафта, корхонаҳои савдои чакана дар он равнақ ёфта истодаас. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таносуби бештари гардиши моли чакана ба вилоят Суғд рост меояд.

*Ҷадвали 3*

**Гардиши моли чакана дар вилояти Суғд дар ҳамаи соҳаҳо, солҳои 2009–2013, бо нархҳои амалӣ, миллион сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо | 2019,2 | 2510,6 | 2392,0 | 2625,4 | 2811,8 |
| Сектори давлатӣ | 14,9 | 15,5 | 14,6 | 15,2 | 15,05 |
| Сектори ғайридавлатӣ | 2004,3 | 2495,1 | 2377,4 | 2610,1 | 2796,65 |
| *аз он ҷумла:*<br>*савдои тиҷоратӣ* | *111,7* | *177,6* | *141,6* | *157,7* | *172,65* |
| *савдои кооперативии «Тоҷикматлубот»* | *41,4* | *43,8* | *45,2* | *49,6* | *51,5* |
| *бозори номуташаккил* | *1851,2* | *2273,7* | *2190,6* | *2402,9* | *2572,6* |
| Таносуб (бо фоиз) | | | | | |
| Ҳаҷми умумии гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Сектори давлатӣ | 0,7 | 0,6 | 0 | 0 | -0,35 |
| Сектори ғайридавлатӣ | 99,3 | 99,4 | 100,0 | 100,0 | 100,35 |
| *аз он ҷумла:*<br>*савдои тиҷоратӣ* | *5,5* | *7,1* | *6,0* | *6,4* | *6,65* |
| *савдои кооперативии «Тоҷикматлубот»* | *2,1* | *1,7* | *1,8* | *1,8* | *1,65* |
| *бозори номуташаккил* | *91,7* | *90,6* | *92,3* | *92,3* | *92,6* |

Дар замони муосир ҷорӣ намудани чунин намуди хидматрасонӣ ба мақсад мувофиқ аст, инчунин намудҳои хидматрасонии савдои чаканаро дар ҳудуди вилоят бояд ҷорӣ кард *(нигаред ба расми 1)*

Баробари ҷорӣ гаштани чунин намудҳои хидматрасонии савдои чакана дар вилоят он барои болоравии дараҷаи хидматрасонӣ дар соҳаи савдо мусоидат мекунад. Масалан, дар маркази вилоят – шаҳри Хуҷанд мағозаҳои "Анис" ва "Сабзина" ("Оазис") аз қабили мағозаҳои маъмуле мебошанд, ки шумораи зиёди мизоҷони худро доранд. Ин мағозаҳо бо арзон будани нархҳо ва номгӯи зиёди молҳояшон писанди ҳамагон гаштаанд. Ин мағозаҳо асосан бо фурӯши маҳсулоти хӯроквори машғуланд. Мағозаи "Анис" молҳои худро то қадре арзон кардааст, ки аз нархи молҳои бозори Панҷшанбе қариб фарқе надоранд. Мағозаи "Оазис" бошад, фаъолияти шабонарӯзӣ ва хидматрасонии баъди фурӯшро (бурда расонидани мол то манзил) хуб ба роҳ мондааст, ки ин писанди ҳамагон аст.

Гардиши чаканаи молҳо аз соҳаҳои гуногун, алалхусус, бахшҳои давлатию ғайридавлатӣ, савдои тиҷоратӣ ва кооператсияи матлубот ташаккул меёбад. Инчунин, бозори номуташаккил дар ҳаҷми умумии гардиши мол ҷои худро дорад.

Баробари зиёд шудани ҳаҷми гардиши савдои чакана ин давраҳо болоравии иқтисодиёти вилоятро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои дар боло ҷамъоварда ва ҳисобкарда маълум менамоянд, ки савдои чакана ва дар маҷмӯъ вазъи иқтисодӣ дар вилояти Суғд тамоюли болоравӣ доранд. Дар ҷараёни савдо, алалхусус, савдои чакана амалиёти банақшагирӣ аз ҷониби муассисаҳои чаканафурӯш муҳим аст. Ҳангоми банақшагирӣ болоравии ҳаҷми умумии фурӯши маҳсулот, зиёдшавии он ба ҳар як сари аҳолӣ, ки хидмат расонида мешавад, беҳтар намудани таркиби гардиши молии савдои чакана, баланд бардоштани ахамияти маҳсулоти ғайриозуқаворӣ, зиёд намудани суръати болоравии сифатнокии маҳсулоти хӯроквори, шиддатнок гардондани суръати болоравии фурӯши молҳо, хидматрасонии маишӣ ва хоҷагӣ аҳамияти калон дорад. Ба муассисаҳои савдои чакана зарур аст, ки пеш аз банақшагирӣ арзиши моли чаканаро дар ҳаҷми умумии фурӯши корхонаҳо дар минтақа дарозои ду-се соли охир омӯзанд ва маълумотро дар бораи хусусиятҳои дигаргуншавии мавқеи дигар корхонаҳои савдо таҳлил намоянд. Инчунин, рақибони худро бояд омӯзанд, ғайр аз ин, нишондиҳандаҳои ташкилотҳои оморро дар бораи даромаднокии аҳолӣ низ истифода баранд ва дар мавзеи худ дар асоси буҷетҳои оилавӣ амал кунанд.

### *Адабиёт:*


1. Бойматов А., Қодиров А. "Асосҳои соҳибкорӣ ва маркетинг". Хуҷанд, "Хуросон", 2002
2. Қодиров А. Л. "Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ". Хуҷанд, "Хуросон", 2002.
3. Агафонова М. Н. "Оптова и розничная торговля". М., "Бератор-Пресс", 2002.
4. Голубков Е. П. "Маркетинговые исследования: теория, методология и практика", учебник, 3-е изд., перераб. и доп. М., издательство "Фиипресс", 2003.
5. Дашков Л. П., Памбухчиянц В. К. "Организация, технология и проектирование торговых предприятий", учебник для студентов высших учебных заведений, 4-е изд., перераб. и доп. М., информационно-внедренческий центр "Маркетинг", 2001.
6. Котлер Ф. Армстронг Г., Соеднрс Дж. "Основы маркетинга" // пер. с англ., 9-е изд. М., "Вильямс", 2005.
7. Наврӯззода Б. "Муқаддимаи бозоргонӣ: 32 дарси маркетинг". Душанбе, "ДДТ", 1993
8. Панкратов Ф. Г., Серегина Т. К. "Коммерческая деятельность". М., "Маркетинг", 2002.
9. Половцева Ф. П. "Коммерческая деятельность", учебник. М., "ИНФРА", 2001.
10. Синецкий Б. И. "Основы коммерческой деятельности". М., "Юристъ", 2000

## Бахши менеҷмент

Усмонов И. У.,
н.и.и., профессор

# ПАЙДОИШИ МЕНЕҶМЕНТИ МУОСИР ДАР СОХТОРИ КООПЕРАТСИЯИ МАТЛУБОТ

Менеҷмент дар сохтори кооператсияи матлубот баробари пайдоиши якумин ҷамъияти матлубот ташаккул ёфтааст. Усулҳо ва шаклҳои менеҷменти ҷамъият ва иттифоқи матлубот аз рӯи афзоиши ҳаҷми муомилоти соҳаҳои гуногуни фаъолияти онҳо доимо тағйир ва такмил ёфтаанд.

Менеҷменти ҷамъияти матлубот имрӯзҳо бо муаммоҳои ба бозори дохила ва беруна расонидани молҳои истеъмолӣ рӯ ба рӯ шудааст ва амалиёти стратегии он рӯз аз рӯз пурзӯр гашта истодааст. Дар мубоизаи рақобатноки шадид ҳамон ҷамъияти матлубот бурд мекунад, ки талаботи бозорро пеш аз дигарон омӯхта, онро қонеъ карда тавонад.

Солҳои охир дар Тоҷикистон вазъият хеле тағйир ёфт. Сохтори идоракунии маъмурӣ ба сохтори идоракунии иқтисодиёти бозор табдил ёфт чараёни демократикунонӣ ба шаҳрвандон ҳуқуқ ва озодӣ овард, аз сабаби рӯ овардан ба ислоҳоти технологияи инноватсионӣ, электронӣ ва иттилоотӣ тарзи зиндагии тоҷикон дигаргун гашт. Ин ҳама дар чунин ҳолатҳо ба амал омад:

* *гузаштан ба иқтисодиёти бозор ва демократия;*
* *парокандашавии Иттифоқи Шӯравӣ;*
* *гузаштан ба муносибати бозор, озодона интихоб намудани истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон, баромадан ба бозори байналмилалӣ;*
* *ба узвияти Созмони ҷаҳонии савдо қабул шудани Тоҷикистон;*
* *дар бозори дохилӣ пайдо гаштани истеҳсолкунандагони хориҷӣ ва шиддатноктар шудани рақобат* (нигаред ба ҷадвали 1 дар саҳифаи 111).

Нархҳои шартномавӣ, интихоби озоди интиқолкунандагон, истеҳсолкунандагон, озодии иқтисодиёти беруна, рақобатнопазирии маҳсулоти ҷамъият ва иттифоқҳои матлубот, инчунин, як қатор дигар омилҳо дар якҷоягӣ сохтори кооператсияи матлуботро ба бӯҳрон оварда расониданд.

Бӯҳрон дар Тоҷикистон хислати таркибӣ дорад, бино бар ин, дар қатори чораҳои андешидаи зиддибӯҳронии макроиқтисодӣ андешидани чораҳои зиддибӯҳронии дорои хислати таркибӣ низ лозим аст, чунки мавҷуд набудани ин гуна чораҳо дар вобастагӣ бо сиёсати фискалӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти кооператсияи матлубот ба норасоии пул оварда расонд. Норасоии сармояи гардиш, пардохтнопазирии ташкилотҳои кооператсияи матлубот дар оқибат онҳоро барои иваз намудани молҳо ба молҳо, яъне истифодаи бартер маҷбур намуд ва

*Ҷадвали1*

**Марҳалаҳои рушди кооператсияи матлубот**

| *Марҳалаи рушди оммавии кооператсияи матлубот (огози асри XX – солҳои 30- юм)* | *Марҳалаи баландшавии нуфузи кооператсияи матлубот (солҳои 30–90)* | *Марҳалаи пастшавии нуфузи кооператсияи матлубот (аз солҳои 90 то имрӯз)* |
|---|---|---|
| Бозори бемаҳдудият; тайёркунӣ ва коркарди маҳсулоти ба андозаҳо мувофиқ; арзиши аслии паст; ҷалби диққат ба муҳити дохилии ҳудуди хидматрасонии ҷамъияти матлубот | Тайёркунӣ ва коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ; баландшавии дараҷаи рақобат; рушди бозори молҳои истеъмолӣ; диққат ба баландшавии нуфузи ҷамъияти матлубот | Рақобати сахт; кӯҳнашавии босуръати воситаҳои асосӣ; ҷаҳонишавии соҳибкории сохтори кооператсияи матлубот; ҳалли вазифаҳои стратегӣ |

пулҳоро аз воситаи муҳими муомилот будан маҳрум кард.

Ба Тоҷикистон омадани соҳибкорони хориҷӣ дар қатори овардани имкониятҳои нав муаммоҳои нав низ оварданд. Имкониятҳои ҷалб намудани сармоя омӯхтани таҷрибаи пешқадами технологияи идоракунӣ мебошад. Муаммоҳо рақобатнопазирии маҳсулоти корхонаҳои кооператсияи матлубот аз рӯи қафомонии технологӣ ва идоракунӣ мебошанд.

Дигаргуниҳои демократӣ дар Тоҷикистон нафақат озодии сухан ва замина барои барқарор намудани давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ гаштанд, балки барои иҷро намудани буҷетҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ замина гузоштанд.

Гузаштан ба шароити бозор ва ташаккулёбии бозори меҳнат ба баландшавии ҷавобгарии иҷтимоии корхонаҳои ташкилотҳои кооператсияи матлубот асос гардиданд.

Дигаргуниҳои солҳои охир дар пеши корхонаҳои ташкилотҳои кооператсияи матлубот як қатор душвориҳои дохилисоҳавии ислоҳотталаб гузоштанд:

* *таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар қонунҳои ба ин сохтор дахлдор (экологӣ, байналхалқӣ, маъмурӣ, андоз, меҳнат, шаҳрвандӣ, рақобатӣ);*
* *коркарди зерсохтори менеҷменти самараноки ташкилотҳои кооператсияи матлубот, ки дар гузаронидани амалиёт ба қонунҳои иқтисодӣ, шартҳо ва усулҳои идоракунии муосир, тартиби қабули қарорҳои идоракунӣ риоя намояд;*
* *дар асоси истифодабарии ақидаҳои стратегӣ, навоварӣ (инноватсионӣ), молиявӣ, истеҳсолӣ ва ғайра баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои кооператсияи матлубот ва маҳсулоти корхонаҳои соҳаҳои гуногуни онҳо;*

** баланд бардоштани дараҷаи самарабахшӣ ва устуворнокии амалиёти ташкилотҳои кооперасияи матлубот;*

** ҳифзи ҳуқуқи аъзоёни ҷамъиятҳои матлубот ва иттифоқҳои матлубот, бо иттилооти амиқ таъмин кардани фаъолияти молиявию иқтисодии онҳо;*

** таъмини ҳаётпазирии бизнес (пулчаллонӣ) дар кооперасияи матлубот аз рӯи кушод будани сохтор, мутобиқшавии корхонаҳо ба тағйирёбии муҳити беруна ва талаботи онҳо.*

Давлат ҷанбаҳои ғайрибозории хоҷагидории ҷамъиятҳои матлубот ва иттифоқҳои онҳоро, ба монанди бехатарии экологӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзоён ва кормандон, аз нав тақсим намудани даромадҳо, рушди илм ва техника, барҳам додани номувофиқиҳои таркибӣ ва минтақавии сохтори кооператсияи матлубот, рушди самараноки муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ва ғайра, танзим менамояд.

Давлат ин амалиётро иҷро карда, дар сатҳи макродараҷа бе дахолат ба фаъолият, бе маҳдудияти механизми худтанзимкунии ташкилотҳои кооперасияи матлубот (амалӣ гаштани ивазшавии molу пул дар байни онҳо), яъне талабот ва пешниҳоди онҳоро танзим менамояд.

Шаклҳои таъсиррасонии давлат гуногун мебошанд (андозбандӣ; қарздиҳӣ; барқарор намудани сиёсати тарофавӣ ва ғайра).

Гузаштан ба сохтори хоҷагидории бисёр марказнок бояд нақши худидоракунии ташкилотҳои кооперасияи матлуботро дар ҷамъи дараҷаҳои боло, миёна ва поён таъмин намояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон марказҳои хоҷагидории кооперасияи матлубот бештар ба дараҷаи минтақавӣ мегузаранд ва дорои мустақилияти иқтисодӣ мегарданд. Ин ҳолат дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ба зиёд гардидани шумора ва мураккабшавии вазифаҳои ҷамъиятҳои матлуботу иттифоқҳои онҳо асос мегардад. Дар натиҷа идоракунӣ дар дараҷаи болоии сохтори ҷумҳуриявии кооперасияи матлубот оддитар мегардад ва дар маҷмӯъ унсури идоракунии тасодуфиро кам менамояд, ба баландшавии дараҷаи идораи сохтор мусоидат менамояд.

Ғояи муҳими тимсоли нави идоракунии кооперасияи матлубот истифодаи усулҳои иқтисодиёти бозор ва усулҳои маъмурӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳиссаи бахши иқтисодиёти кооперасияи матлубот дар муомилоти ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби васеъшавии соҳибкории хусусӣ кам мешавад, лекин ба ин нигоҳ накарда, ба ин сохтор қисми назарраси маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат рост меояд. Аз ин сабаб нақши ҷамъиятҳои матлубот ва иттифоқҳои онҳо, ки аз ҷиҳати захираҳои иқтисодӣ, молиявӣ, кадрӣ таъмин ва рақобат пазиранд, дар рушди иқтисодиёти миллӣ бояд баландтар гардад.

Ҳамин тариқ, ғояи идоракунии ташкилотҳои кооперасияи матлубот чун сохтори кушоди ба иҷтимоёти аъзоён майлдошта ва ба бозори истеъмоли рӯовардa ифода мешавад. Ҳар як ташкилоти кооперасияи матлубот, ки дар шароити муносибати бозор амал мекунад, бояд масъалаҳои дохилии худро бо муҳити беруна алоқаманд намояд, таҳқиқоти маркетингӣ гузаронад, алоқаҳои байналхалқиро васеъ гардонад, ба ҷалби сармояи хориҷӣ эътибор диҳад ва иртиботи ҳаматарафаи байни сохтори кооперасияи матлуботро ҳамчун масъалаи муҳим мунтазам таъмин намояд.

Майли иҷтимоии ташкилотҳои кооперасияи матлубот онро ифода менамо-

яд, ки онҳо баробари иҷрои амалиёти иқтисодӣ ба амалиёти иҷтимоии аъзоён ва дигар истеъмолкунандагон эътибори ҷиддӣ дода, дархости онҳоро мунтазам қонеъ мегардонанд, барои баланд бардоштани сифати зиндагиашон ва гузаронидани ҳаёти осоишта мусоидат менамоянд.

### *Адабиёт:*

1. Валиев С. Ҳ., Усмонов И. У. "Асосҳои идоракунии ташкилотҳои кооперативсияи матлубот". Душанбе, ҶДММ "Бебок", 2012, саҳ. 127–135.

2. Валиев С. Х., Усмонов И. У. "Управление организациями потребительской кооперации". Душанбе, ООО "Бебок", 2012, с. 183.

3. Газибеков С. А. "Управление потребительской кооперацией в условиях перехода к рыночной экономике". Душанбе, изд.-во "Ирфон", 2007, с. 160.

4. Чаянов А. В. "Основные идеи и формы организации крестьянской кооперации". М., 1919, с. 12.

***Газибеков С. А.,***
***д.э.н., профессор***

# ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОЙ КООПЕРАЦИИ

Современный период развития системы потребительской кооперации Таджикистана характеризуется увеличением количества хозрасчетных организаций и предприятий, а также улучшением показателей их экономической деятельности и значимости в экономической и социальной жизни республики.

Методические подходы к обоснованию проблем развития потребительской кооперации, как в краткосрочной, так и в долгосрочной перспективе основаны на экстраполяции установленных тенденций развития регионов, отраслей и деятельности потребительской кооперации в целом.

** создание информационной базы, представляющей собой систему показателей, позволяющих получить всестороннюю количественную и качественную характеристику основных закономерностей и особенностей развития спроса и товарного предложения на потребительском рынке. Исследование рынка потребительских товаров, в частности сбор, обработка первичной и вторичной информации, является достаточно сложным, дорогостоящим и трудоемким процессом, требующим работы высококвалифицированных специалистов.*

** усилить работу по подготовке квалифицированных работников в системе торговли, что обеспечит повышение уровня обслуживания потребителей в сфере торговли и общественного питания.*

Учет и практическое внедрение предложенных нами вышеперечисленных мероприятий обеспечит эффективное функционирование и развитие потребительского рынка в Согдийской области.

***Список литературы:***

1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. "Основные показатели торговли и услуг в Республике Таджикистан", статистический сборник, 2013 г.

2. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.04.2013.

3. Факеров Х. Н. "Потребительский рынок: проблемы регулирования". Душанбе, "Ирфон", 2002.

4. Факеров Х. Н. "Теория и практика становления инфраструктуры потребительского рынка". Душанбе, "Ирфон", 2002.

5. Хабибов С. Х., Факеров Х. Н., Джамшедов М. "Потребительский рынок Таджикистана". Душанбе, "Ирфон", 2003.

***Почоева М. А.,***
***ассистент***

# ОСОБЕННОСТИ УПРАВЛЕНИЯ МАЛЫМ БИЗНЕСОМ В ЭКОНОМИКЕ РТ

Для развития экономики Республики Таджикистан необходимо сформировать деятельность малых фирм, которые являются важным фактором повышения уровня жизни страны.

В настоящее время число малых предприятий по отраслям экономики РТ распределилось следующим образом (от общей численности предприятия %): *торговля и общественное питание – 44,5%; строительство – 15,8%; промышленность – 15,7%; наука и научное обслуживание – 4,5%; общая деятельность по обеспечению функции рынка – 4,0%; другие отрасли экономики – 15.5%*

За последние годы число малых предприятий значительно увеличивается. Если на конец 2008 г. их численность составляла 2291, то на начало 2012 г. число малых предприятий достигло 3890 тыс. и относительно увеличилась численность работающих на малых предприятиях, которая 2008 г. в целом по Республике Таджикистан среднесписочная численность работников составила 19401 человек, в 2012 году то этот показатель составил 19651 человек *(таблица 1)*.

***Таблица 1***

**Динамика числа предприятий малого бизнеса в РТ за 2008–2012 г.**

| | | *2008* | *2009* | *2010* | *2011* | *2012* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Число МП | *ед.* | 2291 | 2658 | 2865 | 3367 | 3890 |
| Численность работников, в т.ч. женщин | *чел.* | 19401 | 20850 | 19887 | 18744 | 19651 |

**(Источник: *Статистический сборник РТ. Душанбе, 2013 г.*)**

Говоря о роли малого бизнеса, если опираться на опыт развитых стран, можно сформулировать вывод, что поступательное развитие малого бизнеса является важнейшим фактором успешного решения многих проблем. Формирование конкурентных цивилизованных рыночных отношений, способствующих лучшему удовлетворению потребителей, населения и общества в товарах (рабочих и услуг); расширение ассортимента и повышение качества товаров (работ и услуг). Стремясь к удовлетворению запросов потребителей, малый бизнес способствует повышению качества товаров и культуры обслуживания; созданию дополнительных рабочих мест, сокращению уровня безработицы; активизации научно-технического прогресса; освоению и использованию местных источников сырья и отходов крупных производств.

Вот и основные показатели деятельности малого бизнеса по регионам РТ на 2012 г. *(таблица 2)*

***Таблица 2***

**Основные показатели деятельности малого бизнеса по регионам РТ (на 2012 г.)**

| | *Число действующих предприятий малого бизнеса* | *Средне-списочная численность работающих (человек)* | *Объем реализованных продукций (работ,услуг) (млн. сомони)* | *Фонд заработной платы (млн. сомони)* |
|---|---|---|---|---|
| Республика Таджикистан | 3890 | 19651 | 2849,9 | 177,9 |
| Хатлонская область | 89 | 601 | 13,4 | 2,4 |
| Согдийская область | 931 | 4605 | 591,25 | 22,7 |
| г. Душанбе | 2479 | 11403 | 1737,5 | 134,7 |
| РПП | 386 | 2950 | 506,6 | 17,9 |
| ГБАО | 5 | 92 | 1,2 | 0,2 |

**Источник: *Статистический сборник РТ. Душанбе, 2013 г.***

По данным таблицы можно сделать вывод о том, что число действующих предприятий малого бизнеса на 2012 год в Республике Таджикистан достигло 3890 предприятий. Среднесписочная численность работающих на предприятии малого бизнеса составило 19651 человек. Объем реализованной продукции (работ и услуг) по республике достиг 2849.9 (млн. сомони) и фонд заработной платы малых предприятий по республике составил 177,9 (млн. сомони).

Большое значение для развития и процветания малого бизнеса имеет политика государства. Последнее же в зависимости от тех задач, которые стоят перед экономикой, оказывает поддержку то крупному, то малому бизнесу.

В Республике Таджикистан сложилась определенная инфраструктура поддержки малого бизнеса на уникальном уровне субъектов Республики Таджикистан. К уникальным органам развития малого бизнеса, его поддержку (в том числе функциональную) относятся Президент Республики Таджикистан, Маджлиси Милли Республики Таджикистан, Правительство Республики Таджикистан, службы, государственные комитеты. Так в реализации республиканских комплексных программ поддержки развития малого бизнеса принимают участие следующие министерства: экономики и финансов, по налогам и сборам, труда и социального развития, развития конкуренции и поддержки бизнеса, юстиции, образования и др.

Как показывает опыт, малый бизнес успешно развивается. В регионах страны создано и функционирует действенная инфраструктура малого бизнеса, так как малые предприятия являются активными субъектами и в рыночной экономике, в первую очередь на территории Республики Таджикистан, которые имеют право применять законы, детальные акты по поддержке и развитию малого бизнеса и формировать органы поддержки малых предприятий. Важной функцией местных органов самоуправления является разработка и реализация региональных программ поддержки и развития малого бизнеса.

По данным бывшего Государственного комитета Республики Таджикистан по поддержке и развитию малого бизнеса, почти во всех регионах Республики Таджикистан созданы государственные органы поддержки и развития малого бизнеса, в регионах действуют региональные фонды поддержки развития малого бизнеса, а также другие институты, инфраструктуры развития малого бизнеса. Однако наиболее развитая система государственных органов поддержки и развития малого бизнеса функционирует в Худжанде, которая в 2010 г. торжественно отметила 22-х летний период развития малого бизнеса.

Имеются множество больших трудностей малого бизнеса в переходной экономике. Сегодня, для Таджикистана наиболее важным приоритетом экономических реформ является развитие частного предпринимательства, малого и среднего бизнеса. Использование здоровой инициативы людей, работающих на свой страх и риск в целях получения прибыли, создающих различные формы производства, основанные на частной собственности, может значительно повысить эффективность использования действующих фондов, повысить занятость, обеспечить людей заработной платой.

С целью ускорения экономических реформ и обеспечения устойчивого социально-экономического развития страны Правительству Таджикистана и Национальному банку следует активизировать своё сотрудничество с междуна-

родными финансовыми организациями, в том числе с Международным валютным фондом, Всемирным банком, Азиатским банком развития, Исламским банком развития, Европейским банком реконструкции и развития и другими международными финансовыми институтами.

Анализируя концепции бизнеса, место и роль малого бизнеса в рыночной экономике Республики Таджикистан и ключевое место, которое оно занимает в структуре экономики развитых стран, можно сделать следующие выводы и предложения:

1. Учитывая, что бизнес является особым видом экономической активности, необходимо отметить роль государства в отношении создания общих условий для функционирования малого бизнеса в рыночной экономике Республики Таджикистан.

2. Отметить, что важным направлением государственной поддержки малого бизнеса является содействие и помощь отдельным мелким предприятиям в целях их лучшей адаптации к условиям хозяйствования в Республике Таджикистан.

3. Важная роль отводится вновь созданному Агентству по антимонопольной политике и поддержке бизнеса при Правительстве Республики Таджикистан, который призван координировать создание благоприятных условий для развития малого бизнеса, путем создания конкурентной среды и доступа к финансовым, материально-техническим и информационным ресурсам государства.

4. Требует немедленного пересмотра системы регистрации, налогообложения и кредитования малого бизнеса, которые в настоящее время являются тормозом на пути формирования цивилизованного бизнеса в Республике Таджикистан.

5. Создать благоприятные условия по развитию МП в приобретении и экспортно-ориентированных направлениях экономики РТ, в частности, путем снятия барьеров в регистрации члена ВЭС, а также в лицензионных таможенных процедурах.

### *Список использованной литературы:*

1. Послание Президента РТ Эмомали Рахмона Маджилиси Оли (15.04.09). "Согдийская правда", №32, 18.04.2009.

2. Памбухчиянц О. В. "Технология розничной торговли", 4-е изд. М., изд.-во "Дашков-Компани", 2006 г.

3. Симоненко В. Д. "Основы потребительской культуры" М., "Вита-Пресс", 2004 г.

4. Никишин В. В. "Маркетинг розничной торговли. Теория и методология". М., изд.-во "Экономика", 2003 г.

5. Барагин Л. А. и другие. "Торговое дело: экономика, маркетинг, организация", учебник, 2-е изд.-е. М., "ИНФРА", 2002 г.

6. Основы предпринимательского дела. М., издательство "БЕК", 1996 г.

7. Государственный комитет статистики РТ. Статистический ежегодник РТ (официальное издание). Душанбе, 2011 г.

8. Агентство по статистике при Президенте РТ. Статистический ежегодник РТ, 2013 г.

*Саъдиев И. И.,*
*донишҷӯи соли сеюми*
*ихтисоси менеҷмент; роҳбари*
*илмӣ н.и.и., дотсент Қоситов О.*

# САБАБҲОИ МУФЛИСШАВИИ КОРХОНАҲО ВА ОҚИБАТҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ОН (дар мисоли корхонаҳои ҶТ)

Мақсади омӯзиши мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки мо бояд моҳияти муфлисшавӣ, нишонаҳои он, намудҳои муфлисшавӣ ва сабабҳои муфлисшавии корхонаҳоро муайян намуда, роҳҳои аз муфлисшавӣ бароматанро баррасӣ намоем.

Моҳияти муфлисшавӣ. Ин аз ҷониби қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаботи қарздиҳандагон оид ба ӯҳдадориҳои пул ва ё иҷро карда натавонистани ӯҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд, ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст.

Механизми муфлисшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муфлисшавӣ" аз санаи 8.12.2003, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёри дахлдори дигар татбиқ карда мешавад.

Нишонаҳои рушди хатарнок:

– *афзунгардии хароҷотҳои иловагӣ ва идоракунӣ;*
– *пастравии даромаднокӣ ва фоиданокии ташкилот;*
– *истифодаи маблағҳои қарз барои рӯйпӯш намудани қарзҳои пешина;*
– *ғайриқобил будани усули идоракунӣ оиди баҳодиҳии объективии вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона;*
– *аз даст додани ҳиссиёт ва масъулияти идоракунӣ.*

Муфлисшавӣ, дар навбати худ, ба ду зергурӯҳ ҷудо мешавад: *муфлисшавии қалбакӣ* ва *муфлисшавии ғаразнок.*

Муфлисшавии қалбакӣ аз ҷониби роҳбар ё соҳиби корхона, инчунин, аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ ошкоро дурӯғ эълом кардани муфлисшавиии худ бо мақсади гумроҳ кардани қарздиҳанда барои мӯҳлати пардохти қарзро оқиб партофтан ва ҳатто барои тамоман напардохтани қарз мебошад.

Муфлисшавии ғаразнок қасдан ташкил ва ё афзун намудани қобилияти ғайрипардохт будани корхона аст, ки аз ҷониби роҳбар ё соҳиби он (инчунин, соҳибкори инфиродӣ барои манфиатҳои шахсӣ ва ё манфиати шахсони дигар) содир карда мешавад.

Сабабҳои муфлисшавии корхонаҳои мамлакат чуниананд:

Аз лаҳзаи ба миён омадани бӯҳрони иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқиятҳои назарраси ҳолатҳои корхонаҳо ба мушоҳида мерасанд:

*як қисми онҳо* якбора ба муфлисшавӣ дучор гардиданд; *қисми дигар* мӯҳлати дурудароз дар ҳолати негативӣ муқовимати бенатиҷа нишон медиҳанд; *қисми сеюм* вазъияти душворро ба манфиати худ истифода мебаранд; *қисми чаҳорум* метавонистанд, аз зери бӯҳрон бароянд.

**Маводи иттилоотӣ**

Дар Вазорати рушди иқтисод ва савдо дарозои нӯҳ моҳи соли ҷорӣ 12 корхонаи истеҳсолӣ дар Тоҷикистон рӯ ба муфлисшавӣ ниҳодааст. Ба гуфтаи раиси Кумитаи андози Ҷумҳурӣ парвандаи 28 корхонаи дигар барои дар додгоҳи иқтисодӣ баррасӣ намудан қарор дорад ва агар қарзи андозро напардозанд, муфлис эълом карда мешаванд.

Ба гуфтаи Вазорати рушди иқтисод муфлис эълом шудани ин ширкатҳо маънии қатъ кардани фаъолиятро надорад, зеро раванди муфлисшавӣ шохаҳои дигар дорад, ки бар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Ва ба ин далел ин ширкатҳо ҳоло фаъолияти худро идома медиҳанд. Сабабҳои муфлисшавии корхонаҳоро вазири рушди иқтисод ва яке аз иқтисоддонони тоҷик чунин тавзеҳ додаанд:

Фаррух Ҳамралиев, вазири рушди иқтисод ва савдо, сабаби муфлисшавии корхонаҳоро ин гуна тавзеҳ додааст: *омили якум, ба сатҳи донишу маҳорати идоракунии роҳбар вобастагӣ дорад; дуввум, бархе аз корхонаҳо маҳсулоти истеҳсолкардаи худро фурӯхта наметавонанд, ки ин яке аз сабабҳои асосии муфлисшавӣ арзёбӣ мегардад; саввум, иқтисодиёти мамлакат дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ қарор дорад ва омилҳои беруна ба инкишофи он бевосита таъсир мерасонанд, бино бар он, бархе аз корхонаҳо ба рақобат тоб оварда наметавонанд.* Аз ин рӯ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар ҳамкорӣ бо дигар вазоратҳою идораҳо як гурӯҳи корбарӣ ташкил кардааст, то барои корхонаҳои ватанӣ, ки мол тавлид мекунанд, имтиёзҳои андоз фароҳам созад, то ки молҳои тавлидшуда дар бозор рақобатпазир бошанд.

Ҳоҷимуҳаммад Умаров, иқтисоддони тоҷик, аз ин иқдоми вазорат истиқбол карда, чунин ибрози ақида намуд, ки далели аслии муфлисшавӣ кӯҳнагии воситаҳои истеҳсолот аст ва хуб мешуд, агар вазорат на барои пардохти андоз имтиёз диҳад, балки кӯмаки молиявӣ мекард, то корхонаҳои рӯ ба муфлисшавӣ ниҳода навовариҳои замонавӣ ворид намоянд. Ба ақидаи Ҳоҷимуҳаммад Умаров корхонаҳои фаъол дар Тоҷикистон на танҳо дар бозори хориҷӣ, балки дар бозори дохилӣ низ рақобатпазир намебошанд, ҳол он ки 90 дарсади воситаҳои истеҳсолии корхона фарсуда шудаанд ва бо чунин дастгоҳҳо моли бозоргир истеҳсол кардан ғайриимкон аст.

Чӣ тавре ки раиси ширкати "Бинокорӣ ва Сервис" Муҳаммадсолеҳ Кабиров ибрози ақида намудааст, агар 75 дарсади далели аслии муфлисшавӣ надоштани фарҳанги корхонадорӣ ва банақшагирии роҳбар бошад, 25 дарсади имкони муфлисшавӣ гаронии андозҳо дар Тоҷикистон аст.

Маҳз аз ҳамин сабабҳо вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии корхонаҳо мураккаб мегардад.

Ба оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии манфии муфлисшавии корхонаҳо инҳо тааллуқ доранд: *талафоти зиёди ҷои кори кормандон ва ҳамзамон сарчашмаи даромади пул; афзоиши сатҳи бекорӣ дар мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он; афзоиши ҳосили ҷамъи маблағи қарз аз музди маош, нопоямии соҳаи иҷтимоиёт; баландшавии сатҳи нархи молҳо дар бозор ва ғайра.*

Роҳҳои баромадан аз муфлисшавӣ дар корхонаҳо чунинанд:

1. Ба таври доимӣ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона ва баррасӣ намудани сабабҳои муфлисшавӣ.

2. Андешидани чораҳои зарур барои бартараф намудани камбудиҳои баррасигардида.

3. Ҷалб намудани мутахассисон ва коргарони баландихтисос дар корхона.

4. Реструктуризатсияи (бозсозӣ) фаъолияти корхона баҳри пурзӯр гардонидани талаботи харидорон дар бозор.

# *Бахши молиявӣ ва фаъолияти гумрук*

*Раҳмонов Ш. А.,*
*н.и.и. дотсент*

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ВАТАНӢ

***"Дар ҳақиқат гумрук дар ҳаёти ҳар як давлати соҳибистиқлол аҳамияти фавқулодда дорад ва гузашта аз ин дарвозаи ҳар як давлат аст. Зеро аз кори мақомоти гумрук натанҳо таъмини молиявии соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, балки бехатарии иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва экологии он вобастагии бевосита дорад.***

***Инчунин, амнияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва муҳити зист дар кишвар мустақиман ба фаъолияти мақомоти гумрук вобаста аст".***

***Эмомалӣ РАҲМОН***

Эъломи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти таъмини манфиатҳои иқтисодии мамлакат, таъсиси муассисаҳои гумрукро дар сарҳад ва дохили кишвар дар баробари дигар мақомоти назорати давлатӣ ба миён овард. Дар тӯли солҳои истиқлол хадамоти гумрук баробари дифои вазифаҳои фискалӣ ва таъминии иҷрои қисми даромади буҷети давлат, инчунин, дар самти ҳифзи амнияти иқтисодӣ, нигаҳдории осори арзишманди фарҳангиву таърихӣ, амалӣ намудани сиёсати имрӯзаи давлат бобати танзими тиҷорати хориҷӣ сарбаландона фаъолият менамоянд.

Мақомоти гумруки кишвар дар партави сиёсати собитқадамонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки бо истифода аз захираҳои мавҷуда дар таҳкими иқтисодиёт ва ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлат ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ нақши арзанда гузорад.

Таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони Истиқлолият то имрӯз ҳадафи стратегии давлат ва ҳукумат мебошад. Ҷиҳати татбиқи минбаъдаи ин ҳадафҳо ҳукумати кишвар азми қатъӣ дорад, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин, тақвияти иқтидори содироти кишвар, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳсозии вазъи бозори меҳнат ва рушди инсониро пайгирона ҳаллу фасл намояд. Ин ҳама самараи татбиқи воқеии самтҳои стратегӣ ва усулҳои асосии сиёсати хориҷии давлат, ҳифзу таъмини манфиатҳои миллии кишвар, баланд бардоштани обрӯ ва эътибори он дар арсаи

байналмилалӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди беруна барои таҳкими истиқлолияти миллӣ ва таъмини рушди устувори кишвар мебошад.

Пеш аз он кимасъалаҳои нақши мақомоти гумрук баҳри ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таъмини амниятӣ иқтисодии кишварро таҳлил намоем, аввал доир ба ин масъала тасавурот дошта бошем, мафҳум ва асосҳо доир ба ин гуна масъалаҳоро ҳангоми татбиқи сиёсати давлат бояд донем.

Хадамоти гумрук бо масъалаи ҳимояи бозори истеъмолӣ ва истеъмолкунандагони ватанӣ, аз ҷумла таъмини амнияти иқтисодии кишвар диққати ҳамаҷониба дода, ҳамарӯза бо баррасии масъалаҳои мазкур машғул мебошад. Гуфтан ҷоиз аст, ки давлатҳои тараққикарда ва бештари давлатҳои рӯ ба тараққии ҷаҳони муосир доир ба масъалаи ҳимояи бозори истеъмолӣ ва истеъмолкунандагони ватанӣ таҷрибаи назаррас ҷамъ овардаанд, бахусус, дар ин ҷода чораҳо ва фишангҳои иқтисодии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ нақши муҳим мебозанд. Аз он ҷумла истифодаи чораҳои махсуси ҳимоя, зидди демпинг, ҷуброн ва фишангҳои ғайритарофавӣ, ба монанди квота, литсензиякунонӣ ва маҳдуд намудани содироту воридот дар савдои хориҷӣ, қабули онҳо мебошад. Агар нақш ва вазифаи мақомоти гумрук баҳри ҳимояи бозори истеъмолӣ ва истеъмолкунандагони ватаниро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки яке аз самтҳои он таъмини амнияти озуқаворӣ буда, ҳамарӯза дар мадди назари кормандони хадамоти гумрук ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки воридоти молҳои ниёзи мардум солҳои охир зиёд гардида истодааст. Ин ҳам яке аз роҳҳои таъмини амнияти иқтисодии кишвар мебошад. Аз рӯи таҳлили ҷадвали 1-ум муқоисаи маълумоти нимсолаи аввали соли 2012 бо нимсолаи аввали соли 2013 дида мешавад, ки ҳамагӣ воридоти молҳои ниёзи мардум бо арзиш дар нимсолаи аввали соли 2012-ум 1527002 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил намуд.

Ин нишондиҳанда дар нимсолаи аввали соли 2013 ба 1766657 ҳазор доллари ИМА рост омад, ки ин нишондиҳанда бо ифодаи арзиш 239655 ҳазор доллари ИМА афзудааст, агар бо фоиз нисбати соли 2012 гирем, 115,7% зиёд мебошад. Дар ҷадвали 1-ум воридоти молҳои ниёзи мардум, ба мисоли гандум, орд, шакар, равғани рустанӣ, маҳсулоти нафт ва ғайраро низ таҳлил намудем ва маълум гардид, ки дар ҳақиқат вазифаҳои ҳаётан муҳиме, ки ба дӯши кормандони мақомоти гумрук гузошта шудааст, содиқона иҷро шуда истодаанд. Саҳми мақомоти гумрук дар соли 2013 барои ғанӣ гардонидани буҷети давлат хеле назаррас буда, 3 миллиарду 240,7 миллион сомонӣ аз ҳисоби пардохтҳои гумрук ҷамъ оварда шуд, ки аз нақшаи пешбинигашта 108 миллион сомонӣ зиёд аст. Ҳамзамон, афзоиш ёфтани сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрук, маҳз тавассути пурзӯр намудани назорат аз болои дуруст муайян намудани арзиши гумрукии молҳои воридот, маъмуригардонии дурусти низомҳои гумрук ва ғайра ба даст омадааст. *(Ниг. ба ҷадвали 1, саҳ. 141)*

Дар тӯли амалишавии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ хадамоти гумрук низ барои татбиқи он корҳои шоистаеро ба сомон расонидааст, ки ҳангоми таҳлил ва омӯзиш қарор додани самту фаъолияти фискалӣ дар солҳои охир ба натиҷаҳои бесобиқа ноил гардида, соли 2013 ба буҷети давлат 3 миллиарду 240,7 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрук ворид намудааст, ки нисбат ба ҳаҷми воқеии даромадҳои гумруки соли 2005-уми буҷети кишвар 2 миллиарду 743,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Агар ин нишондодро нисбат ба соли 1995 бинем, ҳамагӣ 929 ҳазор сомониро ташкил медод. Муқоисаи солҳоро аз ташкилёбӣ то имрӯз аз назар гузаронем, яъне аз соли 1992 то соли 2013 дар маҷмӯъ ба буҷети давлат 16 миллиарду 465 миллиону 107 ҳазор сомонӣ пардохтҳои гумрук ворид шудаанд.

*Ҷадвали 1*

**Маълумоти таҳлилӣ нисбати воридоти молҳои ниёзи мардум дар нимсолаи аввали солҳои 2012–2013**

| | *Нимсолаи аввали соли 2012* | | *Нимсолаи аввали соли 2013* | | *Натиҷаҳо аз миқдор* | | *Натиҷаҳо аз арзиш* | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн, бо тонна | Арзиш, ҳазор доллар | Вазн, бо тонна | Арзиш, ҳазор доллар | Бо ифодаи вазн/ҳаҷм | Бо % нисбати соли 2011 | Бо ифодаи арзиш | Бо % нисбати соли 2011 |
| Ҳамаги воридот бо арзиш | - | 1527002 | - | 1766657 | - | - | 239655 | 115.7 |
| Гандум | 169597 | 51283 | 343949 | 73405 | 174352 | 202,8 | 22122 | 143,1 |
| Орд | 139726 | 55449 | 190274 | 69035 | 50548 | 136,2 | 13586 | 124,5 |
| Шакар | 59945 | 36294 | 65600 | 40547 | 5655 | 109,4 | 4253 | 111,7 |
| Равгани рустанӣ | 37573 | 36219 | 33576 | 35324 | -3997 | 89,4 | -895 | 97,5 |
| Маҳсулоти нафт | 255774 | 242959 | 168874 | 196875 | -86900 | 66.0 | -46084 | 81,0 |
| Бензин | 131294 | 118942 | 78662 | 92177 | -52632 | 59,9 | -26765 | 77,5 |
| Сузишвории дизелӣ | 79285 | 76934 | 48065 | 54995 | -31220 | 60,6 | 21939 | 71,5 |
| Оксиди алюм. (глинозём) | 371403 | 181881 | 257015 | 136141 | -114388 | 69,2 | -45740 | 74.9 |
| Семент | 361515 | 32858 | 389896 | 34892 | 23381 | 107,9 | 2034 | 106,2 |
| Воситаҳои нақлиёти сабукрав, ҳазор адад | 11,9 | 42855 | 21,8 | 87776 | 9,9 | 183,2 | 44921 | 204,8 |

Имрӯз метавон бо боварӣ зикр намуд, ки мақомоти гумрук тавонистааст дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ дар ҳоли ҳимояи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони ватанӣ, таъмин намудани амнияти иқтисодии мамлакат, ғанӣ гардонидани буҷети кишвар ва иҷрои дигар вазифаҳои пуршараф дар таърихи 23-солаи худ саҳми босазо гузорад.

Дар натиҷаи омӯзиш доир ба ин масъала бояд дилпурона қайд намуд, ки Хадамоти гумрук дар иҷрои вазифаҳои ҳаётан муҳими хидматӣ ба савганд содиқ монда, баҳри таҳкими иқтисодиёти мамлакат пешсаф ва устувор мемонад ва барои боз ҳам устувор гардонидани таъмини амнияти иқтисодии кишвар хулосаҳои зерин пешниҳод менамоем:

** таъмини амнияти истеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақобатпазирии молҳои хориҷӣ;*

** ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони ватанӣ аз воридшавии молҳои пастсифат;*

** мутобиқгардонии тарофаҳои гумрук ба талаботи СУС (СУТ);*

** дар амал татбиқ намудани таҷрибаи давлатҳои пешқадами ҷаҳон оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ;*

** муҷҷаҳаз гардонидани сохторҳои Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷҳизоти ҳозиразамон баҳри таъмини амнияти иқтисодӣ;*

** мутобиқ гардонидани сохтори кадрҳои Хадамоти гумрук бо стандартҳои байналмилалӣ ва замони муосир;*

** пурзӯр намудани ҳамкории Хадамоти гумрук бо дигар мақомоти давлатӣ доир ба таъмини амнияти иқтисодии кишвар.*

## Адабиёт:


1. Рӯзномаи "Ҷумҳурият". Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 2009.
2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2004.

3. "Ҳамсоли Истиқлол", ш. Душанбе, соли 2011 (бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон).
4. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1(17), 2012.
5. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №2(18), 2012.
6. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3(19), 2012.
7. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4(20), 2012.
8. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1(21), 2013.
9. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №2(22), 2013.
10. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3(23), 2013.
11. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4(24), 2013.

**Дигар сарчашмаҳо:**

1. www.prezident.tj – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. www.parlament.tj – Парламенти (Маҷлиси Олии) Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. www.stat.tj – Кумитаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. 5. www.customs.tj – Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. www.customs.ru – Федералная таможенная служба Российской Федерации.
9. rta.customs.ru – Российская таможенная академия.

***Джалолов Н. М.***
***к.э.н., и.о.доцента***

# ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ВНЕШНЕ-ЭКОНОМИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В период независимого развития, бывшие советские республики, в том числе Республика Таджикистан, столкнулись с достаточно сложными явлениями в мировой экономике, которые непосредственно стали влиять на их внешнеэкономическую безопасность. Однако с самого начала периода независимости, для поднятия национальной экономики на более высокий уровень развития необходимо было держаться позиции открытой экономики [3. с.3].

*"Двери Таджикистана,* – отмечает Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, – *открыты для всех, кто идет к нам с миром, со своим универсальным опытом, новыми технологиями и знаниями, ориентированными в но-*

*вое тысячелетие"* [2. с.57]. В связи с этим, целью реализации государственной экономической политики, направленной на всестороннее обеспечение внешнеэкономической безопасности, становится как решение ряда внутренних задач развития экономики страны, так и задач, возникших под влиянием глобализации и требований экономики переходного периода. В первую очередь, нет четко продуманной государственной политики, нет детально научно-разработанных программ по обеспечению внешнеэкономической безопасности страны в условиях глобализации мировой экономики.

Глобализация ставит перед Республикой Таджикистан задачу: с одной стороны, глобализация способствует экономическому прогрессу, а с другой – напрямую затрагивает вопросы внешнеэкономической безопасности страны. Поэтому включение Республики Таджикистан в мирохозяйственные связи должно сопровождаться должным учетом особенностей отечественной экономики и в частности ее целевой направленности. Каковы пути обеспечения внешнеэкономической безопасности в Республике Таджикистан в ходе этого процесса?

При разработке концепции и сопутствующей ей стратегии внешнеэкономической безопасности в теории экономики исходят из наличия различных внутренних и внешних угроз и проблемы экономической безопасности, которые вызваны переходными процессами становления и развития рыночной экономики, начали рассматривать только тогда, когда экономика приблизилась к пороговым значениям показателей экономической безопасности.

Актуализация постановки этой проблемы вызвана, прежде всего, тем, что сама рыночная экономика не является безопасной в силу неопределенности функционирования рыночного механизма. А переход к открытости экономики еще больше усугубляет значимость угроз, с которыми сталкивается экономическая система в условиях глобализации мировой экономики.

Необходимо отметить, что внешнеэкономическая безопасность имеет объективно-субъективный характер, и поэтому, реализуясь в рамках общих закономерностей развития экономики, она формируется в результате действия хозяйствующих субъектов разных уровней, и в результате приобретает черты качества системы, которая взаимодействует со многими рыночными и нерыночными структурами в условиях глобализации мировой экономики. Такая система оказывает также решающее воздействие на защищенность и эффективность хозяйствующих субъектов внешнеэкономической деятельности в системе внешнеэкономической безопасности и в условиях глобализации мировой экономики.

Следует понять, с какими проблемами внешнеэкономической безопасности Республика Таджикистан сталкивается на мировом уровне. Это связано с усложнением международных экономических связей, глобализацией национальной экономики и экономической системы в целом.

В связи с этим, после суверенитета Республики Таджикистан учитываются факторы, которые напрямую затрагивают вопросы внешнеэкономической безопасности страны – это неэффективность рынка труда, неразвитость инфраструктуры и бизнеса (туризм), проблемы здравоохранения, утечка мозгов и другие.

Соответственно, и весь комплекс мер по защите экономических интересов страны должен осуществляться, в первую очередь в рамках требований обеспечения внешнеэкономической безопасности, а непременным условием дос-

тижения этих требований является реализация системы проектов и программ перспективного характера, как научных и инновационных, так и промышленно-производственных и инвестиционных.

Следует отметить, что в условиях глобализации мировой экономики существует два направления обеспечения внешнеэкономической безопасности страны:

*Во-первых*, это экспансия (экономическая, от лат. expansio – распространение) – расширение сферы экономического влияния, экономических действий страны, концерна, фирмы посредством вытеснения других стран, фирм, захвата рынков, приобретения ресурсных источников [5].

*Во-вторых*, защита национальной экономики от экспансии развитых стран мира – это система организационно-экономических и правовых мер по предотвращению внешних угроз. Такая система оказывает также решающее воздействие на защищенность и эффективность национальной экономики и обеспечения внешнеэкономической безопасности в условиях глобализации мировой экономики.

С этой точки зрения теоретическое обоснование сущности внешнеэкономической безопасности позволяет выстроить причинно-следственную "цепочку" и ее обеспечения, которая включает следующие звенья: внешнеэкономические интересы – внешнеэкономические угрозы (внешние опасности) – внешнеэкономическая безопасность в условиях глобализации.

В этих условиях, по мере роста глобализации мировой экономики развитые страны мира повышают конкурентоспособность своих экономик. В связи с этим для устойчивого развития национальной экономики Республики Таджикистан действительно стоит задуматься о внешнеэкономической безопасности и ее обеспечением. Потому что иначе (в самом нежелательном случае) это может привести к политико-экономическому кризису и потере государственного суверенитета.

Чтобы этого не случилось, основой государственной стратегии должна быть модель экономико-политического развития, учитывающая экономико-стратегические приоритеты страны и экономические законы. Экономические законы – установленные на основе опыта, практической деятельности, выявленные путем научных исследований устойчивые, существенные связи, взаимосвязи между экономическими явлениями, процессами, отношениями, характеризующими их величинами и показателями. Экономические законы, в отличие от физических не обладают всеобщностью, не являются законами природы. Все дело в том, что природа человека как разумного существа проявляется в его экономическом поведении, обусловленном не только объективными законами, но и субъективной волей людей. Поэтому, экономические законы, выявляющие только самые общие, типичные свойства и признаки процессов производства, распределения, обмена и потребления, следует считать скорее закономерностями, чем законами [5], благо-национальные интересы и сводящая к минимуму угрозы внешнеэкономической безопасности.

В этой связи без экономико-стратегического приоритетного подхода к промышленно-производственному и научно-техническому развитию нельзя решить такие проблемы внешнеэкономической безопасности, как обеспечение приемлемого уровня занятости населения, развитости инфраструктуры и биз-

неса (туризм), здравоохранения, утечку мозгов, повышение качества жизни и социальной защищенности населения. Поэтому главная цель политико-экономической стратегии государства должна состоять в концепции устойчивого развития национальной экономики. Для реализации и формирования этой цели представляется необходимым восстановление платежеспособного спроса [4. с.7-20], ведь именно спрос побуждает производителя повышать качество своей продукции, расширять объемы производства. То есть основой макроэкономической политики должно стать создание благоприятных условий для производственной деятельности.

В этой сфере государство должно осуществить комплекс мер, прежде всего, по диверсификации национальной экономики, что в некотором роде и явится гарантией внешнеэкономической безопасности страны. Но как показывает практика, наше государство пока стремится получить максимум дохода именно от разных услуг.

Другим непременным условием достижения требований внешнеэкономической безопасности является реализация системы проектов и программ перспективного характера устойчивого развития, как производственных и инвестиционных, так и научных и инновационных.

Очевидно, что социально-экономическая политика государства должна обеспечивать устойчивое экономическое положение граждан, а также повышение уровня жизни населения. У нас же процесс расслоения общества на богатых и бедных продолжается, что, конечно же, является дестабилизирующим фактором и создает потенциальную угрозу возникновения социальных конфликтов. Между тем, реализация политико-экономической стратегии государства должна сопровождаться не углублением поляризаций общества, а равномерным распределением тяжести приходного периода между различными социальными группами населения. В этих условиях нужно создать действенный государственный механизм, который был бы направлен на регулирование роста доходов экономически сильных групп. Необходимо восстановить основную функцию заработной платы как стимула высокопроизводительного труда, смягчения социальной напряженности в обществе.

Для сохранения, развития и формирования научно-технического потенциала, обеспечивающего стратегические интересы Республики Таджикистан, необходимо определить приоритеты государственной научно-технической и инновационной политики, согласованные с задачами обеспечения внешнеэкономической безопасности страны. Нужно разработать государственные программы по направлениям фундаментальных научных исследований, создать благоприятный инновационный климат в национальной экономике с использованием различных форм государственного стимулирования распространения современных технологий и защиты отечественных товаропроизводителей от конкуренции иностранных поставщиков.

Основным направлением инвестиционной политики государства на переходный период должно стать формирование благоприятных условий, способствующих повышению инвестиционной активности, привлечению частных отечественных и иностранных инвестиций для реконструкции национальной экономики [4. с.7–20].

Вместе с тем, можно определить наиболее приоритетные задачи в условиях глобализации мировой экономики, на данном этапе в области внешнеэкономической деятельности, обеспечивающей внешнеэкономическую безопасность страны, должны стать:

*– формирование либерализации внешней торговли при соблюдении национальных экономических интересов и обеспечении ее внешнеэкономической безопасности, повышение экономической эффективности внешнеэкономической деятельности в условиях интеграции экономики в мировое хозяйство;*

*– перспективное развитие экспортного потенциала, в первую очередь за счет расширения производства товаров и проведение политики импортозамещения;*

*– поддержка отечественных производителей и экспортеров на внешних рынках в целях повешения конкурентоспособности отечественных товаров на мировых рынках;*

*– формирование и организация бесперебойной работы транспортных коммуникаций, соединяющих Республику Таджикистан с внешними рынками.*

При этом для обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан требуется укрепление государственной стратегии, использования в практике научно-исследовательских достижений, как и инновационных, так и производственных и инвестиционных, а также формирования национальной экономической политики. Можно также сделать вывод о том, что среди факторов, определяющих национальную безопасность Республики Таджикистан, выступает устойчивость национальной экономики, как к внешним, так и к внутренним неблагоприятным воздействиям, вызванным процессом глобализации мировой экономики.

Таким образом, нашей стране необходимо решать вопросы формирования механизма обеспечения внешнеэкономической безопасности, чтобы повысить конкурентоспособность национальной экономики.

По нашему мнению, для этого, основой является либерализация внешнеэкономических связей республики, как необходимое условие обеспечения внешнеэкономической безопасности государства, но наряду с этим необходимо формировать протекционистскую политику государства, направленную на защиту отечественных товаропроизводителей и услуг.

### *Литература:*


1. Рахмонов Э. Ш. "Главная цель наших реформ – снижение бедности" // Послание Президента Республики Таджикистан членам Маджлиси Милли и депутатам Маджлиси Намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан // "Экономика Таджикистана: Стратегия развития", 2001, №2, с. 5.
2. Саидов З. Ш. "Внешняя политика Президента Рахмонова". Душанбе, 2001, с. 57.
3. Саидмурадов Л. Х. "Внешнеэкономические интересы малой открытой экономики Республики Таджикистан" // "Общество и экономика", 2005, №5, с.151–160.
4. Саидмурадов Л. Х. "Теоретические вопросы соотношения внешнеэкономических и национальных интересов страны" // "Экономика Таджикистана: Стратегия развития", 2004, №3, с. 7–20.
5. ekslovar.ru

***Қобилов Н. Қ.,***
***н.и.к.,дотсент***

# ОМӮЗИШ ВА ТАШХИСИ ОБҲОИ МАЪДАНИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Мақсади гузаронидани ин тадқиқот аз омӯхтани таркиби кимиёвӣ ва хусусиятҳои шифобахшии оби маъдани "Шифои Зумрад"-и шаҳри Исфара ва муайян кардани минералнокии он мебошад.

Об яке аз моддаи паҳншудатарини кураи Замин буда, неъмати бебаҳои табиат аст, сарчашмаи асосии ҳаёт дар рӯи Замин ва омили муҳимитарини мавҷудоти зинда мебошад. Бе иштироки об ягон раванди кимиёвӣ дар табиат, истеҳсолот ва ҳаёт ба амал намеояд. Наботот, ҳайвонот ва инсон маҳз ба шарофати оби ҳаётбахш умр ба сар мебаранд ва дар ҷойе, ки об ҳаст, ободӣ, гулу гулзор, боғҳои сабзу сердарахт, зебоӣ, шодиву хушҳолӣ вуҷуд доранд.

Эҳтиёҷи инсоният ба оби нӯшиданӣ рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Ҳоло дар рӯи замин миллиардҳо нафар аҳолӣ аз норасоии оби нӯшиданӣ танқисӣ мекашанд. Барои ҳалли масъалаи таъмини аҳолӣ ба обҳои нӯшокӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии ҶТ бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-20" ва "Барномаи беҳтар намудани вазъи таъмини аҳолии Ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшиданӣ барои солҳои 2007–2020"-ро қабул намуд ва бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2005–2015 Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об – барои ҳаёт" эълом гардиданд [1].

Дар вилояти Суғд обҳои маъдани нӯшиданӣ ва табобатӣ хеле зиёданд, онҳо мавриди истифода ва истеҳсол қарор гирифтаанд. Масалан, обҳои «Шифои Зумрад», «Ҳавотоғ», ҶСП "Евро-Азия"–2005 ва «Оби Зулол» мавҷуданд, ки дар таркиби онҳо миқдори зиёди микро- ва макроэлементҳо, намакҳои минералӣ ва йод ҳастанд, онҳо барои солимии ҳаёти инсон ва рушди иқтисодиёти вилояти Суғд заруранд [2].

Дар вилояти Суғд ҶСП "Евро-Азия"–2005 амал мекунад, ки дар он 14 намуди обҳои минералӣ ва нӯшокиҳои ташнашикан истеҳсол мешавад. Дар ин коргоҳ технологияи баландсифати хориҷӣ татбиқ шудааст, ки тавассути он «Лимонад №1» ва оби «Ҳавотоғ» истеҳсол карда мешавад. Онҳо соҳиби патент ва сертификати Тоҷикстандарт гардидаанд.

Оби минералии «Ҳавотоғ»-ро дар Истаравшан аз чуқурии 1600 метр гирифта, дар ҳаҷми 1,25 литр истеҳсол менамоянд. Он бо нури ултрабунафш безарар ва ионизиронида шудааст, минералнокиаш ба 4 г/л баробар аст.

«Оби Зулол»-ро дар Истаравшан аз чоҳ гирифта, истеҳсол менамоянд. Он ба талаботи ҷаҳонӣ мувофиқ буда, соли 2000 сохта шудааст. Таркибаш дар ташхисгоҳи Италиё, Шветсия ва Америко санҷида шудааст. Дар ин корхона лимонади "Насталгия", шарбату нектарҳои яклитра, нӯшокии газдори рангаи «Royal kroyan RCQ» ва оби минералии «Obi Zulol» истеҳсол карда мешаванд. Соли 2001 ин об дар намоишгоҳи Беркли, Колорадо ва ИМА аз байни 400 оби маъдани ҷаҳон сазовори медали тилло гардид. Корхона бо дастгоҳҳои ҳозиразамони Фаронса, Белгия ва Италиё ҷиҳозонида шудааст. Он соли 2013 таҷҳизотеро ба Ҷумҳурӣ барои коркарди меваҷоту сабзавот ворид намуд, ки маблағаш 2 миллион евро буда, дар як сол беш аз 25 ҳазор тонна меваю сабзавотро коркард намуда, афшураҳои гуногуни хуштамъ истеҳсол намуд, ки ҳар сол ба буҷети мам-

лакат ба маблағи 12 миллион сомонӣ андоз месупорад.

Дар таркиби обҳои маъдани нӯшокӣ миқдори моддаҳои токсинӣ аз нишондиҳандаҳои стандарти давлат бояд зиёд набошад. Масалан, элементҳои кимиёвии бериллий, сурма, селен, фтор, радий, стронний, нитратҳо ва намакҳои металлҳои вазнин дар таркиби обҳои минералӣ аз меъёри мӯътадил, яъне аз 0,25–4,5мг/л зиёд набошанд. Мавҷуд будан ё набудани миқдори моддаҳои заҳрнок бо ёрии асбобҳои фанноварӣ (физикавӣ) ва усулҳои гуногуни кимиёвӣ, фанноварию кимиёвӣ санҷида мешаванд.

Тоҷикистони азизи мо сарчашмаи обҳои равони софу поку ангубинвор, ширину гуворо ва дорои чашмасорҳои пурҷӯши ҳаётбахш буда, бар замми ин Ватани биҳиштосоямон обҳое дорад, ки ба ҷисму ҷони инсон дармон бахшида, барои муолиҷаи бемориҳои гуногун истифода мешаванд.

Ба чунин оби шифобахш осоишгоҳи машҳуру бисёрсоҳаи "Зумрад" мансуб мешавад, ки мо дар мавриди омӯзиши оби «Шифои Зумрад» қарор доштем.

***Оби «Шифои Зумрад»***. Чашмаҳои ин оби шифо дар наздикии деҳкадаи КИМ, дар масофаи 30 километр аз маркази ноҳияи Исфара ҷойгир шудаанд. Обҳои шифобахши ин мавзеъро мардуми ноҳияи Исфара, дигар навоҳии вилояти Суғд ва ҷумҳуриҳои ҳамсарҳади Исфара истифода мебаранд.

Бори аввал таҳлили таркиби обҳои маъдани мавзеи КИМ соли 1889 аз тарафи Тейх гузаронида шуд.

Мувофиқи маълумоти Тейх ва дигар тадқиқотчиён оби ин мав-зеъ шаффоф, турштар буда, бӯи гази гидрогенсулфид дорад, мазааш шӯру талх, миқ-дори намаки ошӣ 8946 миллиграмм дар литр, инчунин, гази озоди ҳидрогенсулфидро дорост, ҳарорати об 200$^{C}$, миқдори баромади шабонарӯзии он 3000 литр буда, ба обҳои маъдани гази ҳидрогенсулфид ва хлордошта шомил аст.

Соли 1967, яъне баъди 78 соли тадқиқоти Тейх, бо ташаббуси шӯъбаи тандурустии ноҳия корҳои тадқиқотию ҷустуҷӯии амиқу васеи обҳои маъданноки ин мавзеъ огоз ёфтанд.

Мутахассисони шӯъбаи осиёимиёнагии «Геоминвод» барои омӯзиши ин об 6 чоҳ кофтанд. Аз чуқурии якчанд метр сар карда, то 420 метр оби маъданӣ фаввора зад. Маҳсулнокии чоҳҳои №1 – 0,5 л/сония, №2 – 0,4 л/сония, №6 – 0,8 л/сония аст. Оби маъданноки гази ҳидрогенсулфиддори ин чоҳҳо аз соли 1967 сар карда, "Оби Шифо" номгузорӣ шудааст. Он аз ионҳои натрий ва хлорид хеле бой буда, то 15 экв.% калтсий дорад.

Намакнокии ҳар як литри об ба чуқурии қабатҳои об во-баста буда, аз 87 мг/л то 125 мг/л-ро ташкил медиҳад.

Миқдори гази ҳидрогенсулфиди (сулфидҳо) H2S + HS, ки яке аз омилҳои шифобахш ҳисобида мешавад, то ба 550 мг/л мерасад (барои табобат бошад, миқдори 50–100–150 мг/литр истифода мешавад), инчунин, дар таркиби ин об мавҷуд будани намаки бром, ки миқдораш 93–96 мг/л мебошад (ҳол он ки намаки бром ба миқдори 25 мг/л хосияти муолиҷавӣ дорад) эътибори «Оби Шифо»-ро афзун менамояд.

Таркиби кимиёвии чоҳи №6, ки барои тадқиқ 4 июни соли 1969 аз чуқурии 262,3–320,4 м тадқиқотчӣ Г. Д. Вейнтребе гирифта буд, чунин аст:

$$H_2S\ 0.544\ M\ 120\ \frac{CL\,99}{Na\,80\ Mg\,10\ Ca\,10}\ PH\ 6.2\ ,T\ 24^{0}$$

Аз рӯи миқдори мавҷудаи гази ҳидрогенсулфид (супфидҳо) ва таъсирашон ба ҷисми инсон обҳои маъданнок ба 4 гурӯҳ тақсим карда шудаанд: *миқдори сулфидашон паст – аз 10 то 50 мг/л; миёна – аз 50 то 100 мг/л; баланд – аз 100 то 250 мг/л; баландтарин – аз 250 то 500 мг/л; беҳад баланд – аз 500 мг/л зиёд.*

«Оби Шифо» ба гурӯҳи обҳои пурқувваттарин дохил мешавад, ки дар табиат фақат дар баъзе маҳалҳо (Уст-Качка, Оби Шифо) вуҷуд дорад.

Яке аз омилҳои асосии шифобахшии оби маъданноки ҳидрогенсулфидӣ, ки ба ҷисми инсон таъсири махсуси мураккаб мерасонад, ин сулфидҳо мебошанд ва асосан ба бадан тавассути пӯст ва роҳи нафас мегузаранд. Бо воситаи пӯст ҳам гази ҳидрогенсулфид ва ҳам ионҳои ҳидросулфид ҷаббида гирифта мешаванд. Дар натиҷаи таъсири бевоситаи "Оби Шифо" ба торҳои асабу рагҳои хунгард васеъшавии хунрагҳои пӯст мушоҳада мешавад, суръати хунгардиш дар рагҳои майдатарин – мӯрагҳо ва пешмӯрагҳо (капиллярҳо ва прекапиллярҳо) меафзояд, мубодалаи моддаҳо дар қабатҳои пӯст беҳтар мегардад. Инъикоси ин таҳаввулотро дар сурхшавии пӯст, бисёртар ҷудо шудани араќи бадан, эҳсоси гармии форам, беҳшавии рӯҳия пай бурдан мумкин аст.

Ин хислатҳои "Оби Шифо" дар табобати бемориҳои пӯст ба таври васеъ истифода мешаванд.

Гази ҳидрогенсулфид (сулфидҳо) ва ионҳои ҳидросулфид ба хун ҷаббида шуда, бо хун ба тамоми бадан паҳн гашта, таъсири худро ба узвҳои гуногун мерасонанд. Аз ҷумла бо маҳсулоти мубодалаи васати (метаболитҳо) дар хун мавҷуда (глутатион, глутамин ва ғайра) вокунишҳои баданро фаъол мегардонанд, мубодалаи моддаро дар ҳуҷайраҳо метезонанд, ба воситаи торҳои асаби дохили рагҳои хунгард (ҳисгирҳои кимиёӣ) таъсир расонида, васеъшавии хунрагҳои майдатаринро таъмин менамояд ва бо ин роҳ онҳоро аз хун бой гардонида, кори дилро сабук ва набзро ором намуда, фишори хунро мӯътадил мегардонад. Ҳамчунин, бо хун таъминшавии мушаки худи дил беҳтар шуда, дар он мубодилаи моддаҳо суръатнок мегардад. Обшифоӣ бо оби ҳидрогенсулфиддор миқдори маҳсулоти пероксиди чарбҳоро (ҳидроперекисҳо, диалдегиди малонӣ), ки пӯшиши ҳуҷайраҳоро хароб месозанд, кам карда, боиси фаъол гаштани ферментҳои (муҳаммирҳо) ҳомӣ (антиоксидантҳо) аз қабили каталаза мешавад.

Гази ҳидрогенсулфид миқдори сафедаҳои барқароршударо афзун ва турушшударо кам намуда, миқдори равғанҳо (липидҳо) ва холестеринро дар хун паст менамояд. Аз таъсири гази ҳидрогенсулфид фаъолияти асабияи марказӣ мӯътадил гашта, нерӯи ҳаётии мағзи сар тағйироти мусбат пайдо менамояд, асабро ором намуда, фаъолияти асабияи марказӣ ва муҳитро беҳтар мегардонад.

Гази ҳидрогенсулфид ба хеморетсепторҳои (ҳисгирҳо) рагҳои хунгузар таъсир расонда, кори безҳои дохилусораро мӯътадил мегардонад.

Ба бадани инсон, инчунин, микроэлементҳои дар "Оби Шифо" (бром, фтор, руҳ, мис, манган ва дигарҳо) мавҷудбуда таъсири мусбат расонида, кори узвҳоро такон мебахшанд, суръати инфиолҳои кимиёиро метезонанд, мубодалаи моддаҳоро беҳтар менамоянд.

Гази ҳидрогенсулфид, инчунин, норасоии сулфидҳоро, ки дар натиҷаи ин-

тиҳоби бофтаҳои пайвандҳо (тарбод, илтиҳоби тарбодмонанди банд) ба вуҷуд меоянд, бартараф менамоянд.

Хусусиятҳои гуногун ва самарабахши "Оби Шифо" дар шароити осоишгоҳи "Зумрад" бо роҳҳои гуногун барои табобати бемориҳои дилу рагҳо, асаб, узвҳои ҳозимаву ҳаракат, амрози занонаю пӯст ва ғайра бомуваффақият истифода мешаванд. Дар шуъбаи обшифоии осоишгоҳ 16 нуқтаи (ваннаҳои) табобат бо "Оби Шифо", ду нуқтаи обтани булӯрин ва намакин, ду нуқта барои шустани рӯдаҳо ва се адад барои узвҳои таносули занона мавҷуданд. Ҳамчунин, имконияти истифодаи шарбати гиёҳҳои шифобахш (фитованнаҳо) муҳайё сохта шудааст. Давомнокии табобат, қивоми (контсентратсия) оби маъданнок, ҳарорати об ба таври фардӣ аз ҷониби пизишки муолиҷ, бо назардошти синну соли бемор, кори дил ва дигар узвҳо, фишори хуну набз муайян карда мешавад.

Ба беморон асосан ваннаҳои (обтанҳо) қивоми обашон 50–100–150 мг/л, бо ҳарорати 35–37°С, давомнокии 8–15 дақиқа таъин карда мешаванд, се табобати аввала бо қивоми 50 мг/л, сетои дигар бо қивоми 100 мг/л, боқимонда табобатҳо бо қивоми 150 мг/л таъин карда мешавад. Микдори умумии муолиҷа 10–16 маротиба аст. Табобат рӯздармиён ё ду рӯз пайдарпай ва як рӯз танаффус гузаронида мешавад. Ба беморони солхӯрдаву заиф, бо назардошти имконоти бадан (кори дил, фишори хун, набз) ваннаҳои қивоми обашон 25–50–100 мг/л, бо давомнокии 6–10 дақиқа, ҳарорати 35–37°С рӯздармиён, ҳамагӣ 10–12 маротиба таъин карда мешавад.

Дар осоишгоҳ обҳои шифоии гуногун чун оби шифоии марворидвор (ваннаҳои марворидӣ), оби шифоӣ бо шарбати рустаниҳои шифобахш (фитованнаҳо), оби шифоии намакдор, душҳои (обзанҳо) гуногун, масҳи зериобӣ барои дармони бемориҳои гуногун бомуваффақият истифода мешаванд. Ин усулҳои муолиҷа дар байни дармонгирандагон мақбулу машҳур буда, соле то 6500 нафар беморонро қабул менамоянд, ба онҳо то 35000 маротиба табобат гузаронида мешавад.

Тадқиқи ин об дар озмоишгоҳҳои "Средазгеоминвод", пажӯҳишгоҳҳои курортшиносӣ ва табиатшифоии шаҳрҳои Тошканду Маскав сурат гирифта, натиҷаҳои дилхоҳ додааст. Тадқиқот дар ин замина таркиби бойи ин обро исбот намуд ва ба ин васила имкон фароҳам омад, ки маъданнокии об барои табобати бемориҳои дилу рагҳои хунгард, системаи асаб, дастгоҳи такяву ҳаракат, аъзои таносули занона, пӯст ва носозии мубодилаи моддаҳои бадан ба таври васеъ истифода мешавад.

Хосиятҳои шифоии обҳои маъданнок барои инсон аз давраҳои қадим маълум буданд. Файласуфи машҳури тоҷик, яке аз асосгузорони илми тибби ҷаҳонӣ шайхурраис Абуалӣ ибни Сино дар китоби худ "Қонун дар тиб" овардааст: *"Обҳои шӯр (маъданнок) барои табобати бемориҳое, ки дар натиҷаи хунуку намнокии мизоҷ пайдо мешаванд, бемориҳои пайвандҳо, диқи нафас ва гурдаҳо истифода мешаванд. Онҳо дуруст шудани устухонҳои шикаста ва яраҳоро метезонанд, боди шикамро кам мекунанд. Оби маъданноки ҳидрогенсулфид асабҳоро ором, шиддати дардро паст намуда, яраю доғҳои пӯстро шифо мебахшад, мубодилаи моддаро дар пайвандҳо, ҷигар, сипурз беҳтар намуда, тарангии баданро мулоим месозад, аммо меъдаро суст карда, иштиҳоро мебандад".*

Ҳоло лабораторияи кимиёвии санаторияи "Зумрад" мунтазам таркиби кимиёвии ин обҳоро санҷида истодааст. Муайян намудаанд, ки нишондиҳандаи ҳидрогени он (PH) ба 7,2–7,4 баробар аст, ки бо ёрии асбоби PH-метр санҷида шудааст.

Минералнокии оби чоҳи рақами 6-ум 2/82; 2,8–3,5 г/л-ро ташкил медиҳад, ки он аз намакҳои сулфати магнию калтсий ва натрий иборат аст. Миқдори ионҳои сулфат (SO4) ба 75 экв.%, магний(Mg) 20–25 экв.%, калтсий (Ca) 30–35 экв.%, натрий (Na) 38–63 экв.% баробар аст.

*Қоидаҳои қабули "Оби Шифо"*. Ҳар як шахси дармонгиранда бояд донад, ки ба риояи қоидаҳои қабули "Оби Шифо" сифати табобат ва шифоёбӣ сахт вобаста аст. Ба "Оби Шифо" оҳиста, бешитоб даромада, дар муддати табобат ором бошед, тамоми ҳастии худро барои қабули табобат равона намоед. Новобаста аз намуди беморӣ, одам бояд то қафаси сина ба об ғӯта зада, табобат қабул намояд. Дар ҳолати то гардан ба об ғӯта задан баъди қабули табобат аксаран сардард, дилбеҳузурӣ ва дилзанӣ ҳис мешавад, дил ҳатто ба дард медарояд. Инчунин, об ба қафаси сина фишор оварда, кори дилу шушро мушкил мегардонад, дохилшавии гази гӯгирд бо роҳи нафас зиёд гашта, қивоми он дар хун меафзояд ва нишонаҳои заҳролудшавӣ аз гази гӯгирд рух медиҳанд. Бидонед, ки таъсироти моддаҳои шифобахши об ба ҷисми инсон асосан ба воситаи хун мерасад. Яъне, ҳангоми қабули табобат он моддаҳо аз қабатҳои пӯст гузашта, ба хун ҷаббида мешаванд ва таъсири худро ба ҳамаи узву ҷузвҳои бадан мерасонанд.

Баъди қабули табобат баданро мулоим пок намуда, дар ҳуҷраи истироҳат на кам аз 30 дақиқа ва баъдан 1,5–2 соат дар ҳуҷраи худ рӯи кат дароз кашида, истироҳат намоед.

Агар Шумо худатонро бад ҳис намоед (ҳарорати баланд, сардард, эҳсоси дард дар қафаси сина ва дигар узвҳо, беҳолии умумӣ ва ғайра), пеш аз қабули табобат ба духтури муолиҷакунанда муроҷиат намоед.

Дониста бошед, ки баъди қабули ду-се табобат дарди Шумо зиёд шуданаш мумкин аст. Зиёдшавии дард ҷавоби бадан ба таъсири "Оби Шифо" буда, ягон хавф надорад. Баъзан (0,3–0,6%) хуруҷи дард ба вуқӯъ мепайвандад, дар ин ҳол табобатро бас карда, ба духтур муроҷиат намоед.

Натиҷаи табобат баъд аз 7–10 маротиба қабул намудани он маълум мешавад. Ононе, ки дар муддати табобат беҳбудии назаррас эҳсос накар-даанд, баъди 20–30 рӯзи ба анҷом расидани табобат беҳшавии ҳолати хеш-танро ҳис менамоянд.

*Нишондодҳо барои табобат бо "Оби Шифо"*. Таҷрибаи бисёрсолаи табибони осоишгоҳи "Зумрад", корҳои илмию амалии табибон оид ба нишондодҳо барои табобат, омӯзиши таҷрибаи осоишгоҳҳои шаҳри Сочи (Русия) нишон дод, ки дар мавриди истифодаи дурусти "Оби Шифо" бемориҳои дил ва рагҳои хунгузар, системаи асаб, узвҳои такяву ҳаракат,ҳозима, пӯст, бемориҳои занона ва дигарҳо бомуваффақият шифо меёбанд. Пизишкони осоишгоҳ ҳар як беморро мукаммал омӯхта (нишондод, синну сол, кори дил, фишори хун, набз), ҳарорат, қивом, давомнокӣ, тарзи қабул ва нақшаи фардии табобатро тартиб медиҳанд. Табобат бо "Оби Шифо" дар зери назорати қатъии ҳамшираи шафқат ва табиби муолиҷакунанда мегузарад. Шӯъбаи муолиҷавии осоишгоҳ соле

то 70000 (ваннаҳои умумӣ, шустани рӯдаҳо ва узвҳои занона) муолиҷа бо "Оби Шифо" мегузаронад. Истифодаи "Оби Шифо" барои табобати беморихои зерин раво дониста мешавад:

***I. Бемориҳои дилу рагҳои хунгузар***

1. Фишори баланди хун (марҳалаи I, II).
2. Бемориҳои мушаки дил (сағал ва илтиҳоби мушаки дил).
3. Атеросклерози (тасаллуби сарбии) рагҳои дил.
4. Дардмандии хунрагҳои пой:

***II. Бемориҳои дастгоҳи такяву ҳаракат***

1. Тарбод (баъди 4–6 моҳи хурӯҷ).
2. Илтиҳоби тарбодмонанди банд.
3. Илтиҳоби якчанд банду буғуми мухталиф.
4. Дарди Бехтерев, касалии илтиҳобнок ва беилтиҳоби бандҳои байни мӯҳраҳо.
5. Касалиҳои фосидкунандаи устухону бандҳо.
6. Боду ғуборҳои латхӯрдагӣ ва шикастагии устухонҳо.
7. Касалиҳои устухонҳо, мушакҳо, пайҳо, пайвандакҳо.

***III. Бемориҳои системаи асаб***

1. Тасаллуби сарбии (атеросклероз) хунрагҳои майна.
2. Боду ғуборҳои боқимондаи фалаҷ дар мавриди мустақилона ҳаракат кардани бемор.
3. Асароти пасисаршудаи латхӯрдагии майна, илтиҳоби анкабутия.
4. Осори латхӯрдагӣ ё ҷарроҳии торҳои асаб (невритҳо).
5. Иркуннасоҳо (радикулитҳо), асабдардҳо (невралгия).
6. Бемориҳои вазоифи асабҳо: усоб (невроз), заъфи асабия (неврастения).

***IV. Бемориҳои занона***

1. Илтиҳоби бачадон ва диғар узвҳои таносули занон.
2. Безурётии зан.
3. Даври қатъшавии наслкунӣ (климакс).

Маҳз ҳамин тадқиқот ва ба кор бурдани тарзу усулҳо, воситаҳои нав ба нав, аз ҷумла истифодаи маъданоб дар муддати хеле кӯтоҳ осоишгоҳи "Зумрад"-ро ба яке аз муҳимтарин ва судмандтарин марказҳои осоишию табобатии Ҷумҳуриамон ва берун аз он табдил дод.

Дар лабораторияи назди кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрук бо ёрии усулҳои фанноварӣ ва кимиёвӣ, PH-метрӣ ва титрометрӣ мавҷуд будани намакҳо, ионҳо, металлҳо, ғашҳо, туршӣ ва минералнокии "Оби Шифо" ташхис карда шуд [1]. Натиҷа нишон дод, ки минералнокии "Оби Шифо"-и Исфара ба 2,8–4,3,6 мг/л баробар аст.

Аз ин сабаб хусусияти шифонокии ин об хеле баланд аст. Инчунин, нишондиҳандаи ҳидрогении ин об бо ёрии PH-метр муайян карда шуд. Он ба талаботи стандарти давлатӣ мувофиқ буда, ба 7,2–7,4, яъне тамоил ба туршист.

Муҳим он аст, ки ҷавононро барои дар рӯҳи тоза нигоҳ доштан, сарфакорона ва оқилона истифода бурдани об тарбия намоем.

Усулҳои ташхиси обҳои маъдани табиӣ ва натиҷаҳои кори илмию тадқиқотӣ аснои таълими фанҳои усулҳои таҳлили фанноварию кимиёвӣ ва хусусиятҳои фанноварию кимиёвии маҳсулоти саноати сабук истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамин тавр, натиҷаи корҳи илмию тадқиқотӣ ба ташаккули маҳорати касбии мутахассисони оянда мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1. Верхотуров Д. «Ташаббусҳои нави Президент Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи об» // «Садои мардум», №139, 18 декабри соли 2007.

2. Қобилов Н. Қ. «Рушди истеҳсоли обҳои нӯшокӣ дар вилояти Суғд» // маҷмӯаи мақолаҳо ва маърӯзаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар конфронси илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди устувори иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (23–30 апрели соли 2013). «Иқтисод ва рушди ҷомеа», китоби 1, №15. Хуҷанд, 2013, саҳ. 335–339.

3. Сафиев Ҳ. С., Аминҷонов А. О., Каримов М. Б. «Об – мӯъҷизаи табиат». Душанбе, «ЭР-граф», 2003, 380 саҳ.

***Ҳошимов Ҳ. Ҳ.,***
***н.и.и., муаллими калон***

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ АРЗИШИ МОЛҲОИ ВОРИДОТИ ГУМРУК (дар мисоли вилояти Суғд)

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти гумрук дар амал татбиқ намудани сиёсати фискалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, объекти асосии ҳисоб ва ситонидани пардохтҳои гумрук арзиши мол дар гумрук мебошад.

Арзиши гумрук воситаи муҳимтарини танзими савдои хориҷӣ ба шумор рафта, оқилона муайян кардани он барои беҳбудии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз молҳои хориҷии рақобаткунандаи шабеҳ шароити мусоид фароҳам меорад ва дар навбати худ буҷети давлатии мамлакатро ба таври назаррас афзун мегардонад.

Аз ҳама вазифаи муҳимтарини мақомоти гумрук, декларант, брокери гумрук ва шахсони интиқолдиҳандаи молу воситаҳои нақлиёт дуруст муайян кардани арзиши мол дар гумрук ба ҳисоб меравад.

Арзиши мол дар гумрук арзишест, ки аз сарҳади гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол ёфта, бо мақсади ситонидани пардохтҳои гумрук, хироҷҳои гумрук, пешбурди омори фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, омори махсуси гумрук, танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, танзими асъор ва назорати асъор истифода бурда мешавад.

Арзиши моли гумрук, ки аз қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мешавад, дар асоси нархи муомилоте муайян карда мешавад, ки воқеан пардохта шудааст ва ё ҳангоми фурӯши он барои содирот бояд пардохта шавад.

Ҳангоми муайян кардани арзиши мол дар гумрук хароҷоти зерин ба нархи

муомилот дохил карда мешавад, ба шарте агар он қаблан дохил карда нашуда бошад.

1. Хароҷоти расондани мол то фурудгоҳ, бандар ё маҳали дигари содироти мол аз қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон:

*– арзиши ҳамлу нақл;*

*– хароҷоти борбардорӣ ва борфурорӣ, аз нав бор кардан ва аз ҷое ба ҷое кашондани мол.*

2. Арзиши суғурта.

3. Хароҷоти фурӯшанда:

*– музди комиссионӣ ва брокерӣ;*

*– арзиши контейнер ё зарфҳои дигари серистифода, ба шарте агар мутобиқи номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ он ҳамчун воҳиди тому ягона бо моли арзёбишаванда баррасӣ гардад;*

*– арзиши бастабандӣ, аз ҷумла арзиши масолеҳи бастабандӣ ва корҳои вобаста ба бастабандӣ.*

4. Хироҷи додани иҷозатнома барои моли арзёбишавандае, ки бояд фурӯшанда мустақиман ва ё ғайримустақим ҳамчун шарти фурӯши моли арзёбишаванда супорад, ба шарте агар чунин хироҷ ба нархе, ки воқеан супурда шудааст, ё бояд супорида шавад, дохил нашуда бошад.

5. Қисми даромад аз фурӯши минбаъда, ки мустақиман ва ё ғайримустақим фурӯшанда мегирад.

6. Андозҳое, ки дар қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд, ба шарте ки мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо ба фурӯшанда вобаста ба баровардани мол аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда намешаванд.

Ҳангоми муайян кардани арзиши мол дар гумрук аз нархи муомилот пардохту хароҷоти зерин хориҷ карда мешаванд, ба шарте агар онҳо қаблан ба нархи муомила дохил гардида, бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шуда бошанд:

*а) хароҷоти насб, васл, танзими таҷҳизот ё расонидани кӯмаки техникии баъди содир кардани чунин таҷҳизот аз қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*б) хароҷоти расондани мол баъди содир кардани он аз қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*в) арзиши суғуртаи расондани мол баъди содироти он аз қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*г) боҷҳои гумрук ва андозе, ки дар давлати воридкунанда пардохта мешаванд.*

Дар сурати вуҷуд надоштани нархи муомилот арзиши мол содироти гумрук дар асоси нусхаи ҳуҷҷати муҳосибавии фурӯшандаи содиркунанда дар бораи хароҷоти вобаста ба истеҳсол ё харид, нигаҳдорӣ ва интиқоли моли содирот, ки аз тарафи декларант пешниҳод мегардад, муайян карда мешавад.

Дар сурати мавҷуд набудани маълумоти тасдиққунандаи арзиши арзшудаи моли содироти гумрук арзиши он тибқи маълумот дар бораи моли шабеҳ ва ё ҳамҷинс, ки мақоми гумрук дар ихтиёр дорад, аз ҷумла тибқи маълумоте, ки бо истифода аз натиҷаи озмоиши (экспертиза) мустақил пешниҳод шудааст, му-

айян мегардад.

Таснифот ва тасҳеҳи арзиши гумрук дар ҷадвалҳои 1 ва 2 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 1***

**Таснифоти усулҳои муайян кардани арзиши молҳои гумрук, ки зери низомоти гумрук ҳангоми воридот ва содирот қарор дода мешаванд**

| Номгӯй | Рамз |
|---|---|
| Усули тибқи нархи муомилоти моли воридшаванда | 1 |
| Усули тибқи нархи муомилоти моли шабеҳ | 2 |
| Усули тибқи нархи муомилоти моли ҳамҷинс | 3 |
| Усули тархи арзиш (танҳо нисбати молҳое истифода бурда мешавад, ки тахти низомҳои гумрук барои молҳои воридот татбиқ мегарданд) | 4 |
| Усули ҷамъ кардани арзиш | 5 |
| Усули эҳтиётӣ | 6 |
| ***Муайян кардани арзиши гумрук нисбати партовҳо мувофиқи банди сеюми моддаи 183 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи зерин:*** | |
| – нархи фурӯши партовҳои санҷида ҳангоми фурӯши аввалаи онҳо дар қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи харидоре, ки аз ягон иштирокчии хариду фурӯш оиди коркарди мол вобастагӣ надорад; | 71 |
| – нархи фурӯши мол, ки партовҳои санҷида, шабеҳ ё ин ки ҳамҷинс ҳисоб мешаванд, агар молҳои нишондода дар натиҷаи коркарди қиёсӣ бо истифодаи низоми коркарди мол дар қаламрави гумрук ҳосил шуда бошанд ва агар ин нархи фурӯш ҳангоми фурӯши аввала дар қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи харидоре, ки аз ягон иштирокчии хариду фурӯш оиди коркарди мол вобастагӣ надорад; | 72 |
| – нархи фурӯши мол, ки партовҳои санҷида, шабеҳ ё ин ки ҳамҷинс ҳисоб мешаванд, барои содирот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта шудаанд ва ба ҶТ ворид карда шудаанд ва ҳамон вақт партовҳои санҷида эъломия карда мешаванд; | 73 |
| – нархи фурӯш дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни фурӯшанда ва харидорикунандаи ба ҳам новобастаи молҳое, ки партовҳои санҷида, шабеҳ ё ин ки ҳамҷинс ҳисоб мешаванд, аз нигоҳ доштани андозҳое, ки ҳангоми фурӯши молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешаванд. | 74 |

***Фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ аз 28.08.2009, №138-ф***

*Ҷадвали 2*

**Таснифоти аломатҳои тасҳеҳи арзиши гумрук**

| Аломатҳои тасҳеҳи арзиши гумрук | Рамз |
|---|---|
| Арзиши гумрук тасҳеҳ нашудааст ва дар мӯҳлати иҷозати молҳо қабул карда шудааст | 0 |
| ***Арзиши гумрук тасҳеҳ нашудааст ва дар мӯҳлати иҷозати молҳо қабул карда нашудааст:*** | |
| – мол бо роҳи таъмини пардохти пардохтҳои гумрук, ки метавонанд, аз рӯи натиҷаи назорати арзиши гумрук ба таври иловагӣ ҳисоб карда шаванд, иҷозат дода шудааст; | 1 |
| – мол бе таъмини пардохти пардохтҳои гумрук, ки метавонанд, аз рӯи натиҷаи назорати арзиши гумрук ба таври иловагӣ ҳисоб карда шаванд, иҷозат дода шудааст; | 2 |
| Арзиши гумрук тасҳеҳ карда шудааст (муайян карда шудааст) ва дар мӯҳлати иҷозати молҳо қабул карда шудааст | 3 |
| ***Арзиши гумрук пас аз иҷозати молҳо тасҳеҳ карда шудааст (муайян карда шудааст):*** | |
| – ҳангоми қабули қарор оид ба арзиши молҳои гумрук, ки бо таъмини супурдани пардохтҳои гумрук иҷозат дода шудаанд; | 4 |
| – ҳангоми қабули қарор оид ба арзиши молҳои гумрук, ки бе таъмини супурдани пардохтҳои гумрук иҷозат дода шудаанд; | 5 |
| –ҳангоми тасҳеҳи арзиши гумрук аз сабаби дар рафти назорати гумрук ва назорати асъор (ба истиснои тафтиши гумрук) муайян кардани ҳуҷҷатҳои иловагӣ ва маълумот дар бораи мол, арзиши он ва ҳолатҳои хариду фурӯш, ки дар лаҳзаи ба расмиятдарории моли гумрук мол маълум нашудаанд; | 6 |
| – ҳангоми тасҳеҳи арзиши гумрук аз рӯи натиҷаҳои тафтиши гумрук, инчунин тафтишҳое, ки мақомоти андоз ва ҳифзи ҳуқуқ мегузаронанд; | 7 |
| – ҳангоми тасҳеҳи арзиши гумрук аз рӯи қарори мақомоти суд; | 8 |
| – ҳангоми тасҳеҳи арзиши гумрук аз рӯи дигар асосҳо | 9 |

***Фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ аз 28.08.2009, №138-ф***

Гуфтан зарур аст, ки соли 2012-ум аз 173 ҳолати ошкоршуда 1 ҳолати нодуруст муайян намудани мамлакати истеҳсоли мол, 2 ҳолати риоя накардани низоми гумрук, 9 ҳолати нодуруст муайян кардани рамзи мол, 153 ҳолати нодуруст муайян намудани арзиши мол дар гумрук ва 8 ҳолати тааллуқ ба дигар вазъиятҳо ошкор карда шудаанд.

Ҷолиби диққат аст, ки айни замон қисме аз молҳо бо роҳи нодурусти эълюмиякунонӣ ё дар эълюмияи гумрук кам нишон додани арзиши гумрук ворид карда мешаванд, ки барои ситонидани пардохтҳои гумрук, амнияти иқтисодӣ, инчунин, барои пешбурди омори гумрук таъсири манфӣ мерасонанд. Арзиши тавсияшавандаи гумрук, инчунин арзиши миёнаи баъзе молу воситаҳои нақлиёт нисбат ба бозор паст мебошад, ки далели ин маълумот *дар ҷадвалҳои 3, 4, 5* оварда шудааст.

*Ҷадвали 3*

**Гардиши мол дар Раёсати гумруки минтақавии вилояти Суғд вобаста ба низомҳои гумрук ва эъломияи бори гумрук, соли 2012**

| Низоми гумрук | ДБГ | Арзиши гумрук (бо доллари амрикоӣ) | Вазн, кг |
|---|---|---|---|
| Содирот | 4 216 | 341 040 291 | 394 730 337 |
| Коркард берун аз қаламрави гумрук | 7 | 362 066 | 39 205 |
| Содироти муваққатӣ | 9 | 27 761 | 100 007 |
| Реэкспорт (содироти такрор) | 262 | 158 905 063 | 116 839 536 |
| Иҷозат барои муомилоти озод | 53 205 | 1 241 009 106 | 2 373 264 885 |
| Коркард дар қаламрави гумрук | 18 | 472613 | 426 559 |
| Воридоти муваққатӣ | 172 | 16 187 721 | 1 033 270 |
| Реимпорт (воридоти такрор) | 46 | 290 643 | 237 051 |
| Анбори гумрук | 1 | 30 641 | 15 620 |
| Минтақаи озоди гумрук | 67 | 4 144 952 | 3 385 075 |
| Транзити гумруки байналмилалӣ | 446 | 66 703 241 | 51 640 149 |
| Транзити дохила | 39 | 1 014 560 | 3 467 438 |
| Нобудкунӣ | 2 | 15 107 | 16 510 |
| Интиқоли захираҳо | 336 | 51 773 858 | 27 436 543 |

*Ҷадвали 4*

**Муқоисаи воридоти молҳои асосии вилояти Суғд дар соли 2012 ва арзиши он дар гумрук *(бо доллари амрикоӣ)***

| Номгӯи мол | Арзиш | Вазн, тн | Арзиши миёна |
|---|---|---|---|
| Маҳсулоти нафт | 170 224 191 | 155 457 | 1 095 |
| Аз он ҷумла: | | | |
| *бензин* | *67 536 649* | *62 827* | *1 075* |
| *сӯзишвории дизелӣ* | *69 156 872* | *67 576* | *1 023* |
| *сӯзишвории авиатсионӣ* | *21 754 719* | *16 292* | *1 335* |
| Гази моеъ | 60 178 865 | 96 541 | 623 |
| Воситаҳои нақлиёт (дона) | 149 719 429 | 46 460 | 3 223 |
| Шакар | 24 217 035 | 36 747 | 659 |
| Ғалла | 155 370 169 | 628 130 | 247 |
| Орд | 81 481 545 | 219 148 | 372 |
| Равғани рустанӣ | 23 989 063 | 21 746 | 1 103 |
| Гӯшти чорво | 3 283 715 | 3 889 | 844 |
| Гӯшти мурғ | 13 015 318 | 20 284 | 642 |
| Чӯбу тахта (мукаабметр) | 76 142 064 | 456 182 | 167 |
| Семент | 30 180 162 | 288 577 | 105 |
| Нуриҳои маъданӣ | 7 795 814 | 19 431 | 401 |

Сарчашма: *маълумоти омори Раёсати минтақавии гумрук дар вилояти Суғд барои соли 2013*

*Ҷадвали 5*

**Арзиши тавсияшавандаи гумрук нисбати воситаҳои наклиёт**
***(бо доллари амрикоӣ)***

| Навъи автомобилҳо | Соли барориш | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | То соли 2000 | 2001 2002 | 2003 2004 | 2005 2006 | 2007 2008 2009 | 2010 2011 |
| *Автомобилҳои истеҳсоли Ҷумҳурии Федеративии Олмон* | | | | | | |
| **Автобус ва микроавтобус** | | | | | | |
| то 15 нафар | 4 000 | 4 300 | 4 700 | 5 200 | 7 000 | 10000 |
| аз 16 нафар зиёд | 4 300 | 4 600 | 5 000 | 5 500 | 7 300 | 10500 |
| **Сабукрав (седан, хэтчбек, купе-кабриолет, комбӣ, купе, кабриолет, минивэн)** | | | | | | |
| Мерседес класс А, класс В ва Smart | 3 200 | 3 500 | 3 800 | 4 300 | 5 300 | 7300 |
| класс С | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| класс Е | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 7 400 | 10500 |
| класс S | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 7 400 | 10 500 | 13500 |
| **BMW 1 серии** | 3 000 | 3 200 | 3 500 | 4 000 | 5 300 | 6900 |
| BMW 3 серии | 3 000 | 3 200 | 3 500 | 4 000 | 5 300 | 6900 |
| BMW 5 серии | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 7 400 | 10500 |
| BMW 6 серии | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 7 400 | 10500 |
| BMW 7 серии | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 7 400 | 10 500 | 13500 |
| BMW M 3 серии | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| BMW M 5 серии | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| BMW M 6 серии | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| **Audi A 1, A 2, A 3** | 3 200 | 3 500 | 3 800 | 4 300 | 5 300 | 7300 |
| Audi A 4 | 3 400 | 3 800 | 4 200 | 4 900 | 6 800 | 8900 |
| Audi A 6 | 3 700 | 4 100 | 4 800 | 6 700 | 7 200 | 10300 |
| Audi A 8 | 3 700 | 4 100 | 4 800 | 6 700 | 7 200 | 10300 |
| **Volkswagen** Lupo, Fox, Eos, Polo, New Beetle | 2 700 | 3 000 | 3 500 | 4 000 | 5 000 | 6500 |
| Golf, Bora, Jetta | 3 000 | 3 500 | 4 000 | 5 000 | 6 500 | 7000 |
| Passat | 3 700 | 4 000 | 4 500 | 5 300 | 6 800 | 7500 |
| Phaeton | 3 800 | 4 100 | 4 800 | 6 700 | 7 200 | 10300 |
| **Opel Corsa** | 2 100 | 2 300 | 2 900 | 3 300 | 3 900 | 5900 |
| Astra | 2 100 | 2 300 | 2 900 | 3 300 | 3 900 | 5900 |
| Vectra | 2 300 | 2 500 | 3 100 | 3 500 | 4 100 | 6100 |
| Insignia | 2 300 | 2 500 | 3 100 | 3 500 | 4 100 | 6100 |
| Signum | 2 500 | 2 700 | 3 300 | 3 700 | 4 300 | 6300 |
| Omega | 2 500 | 2 700 | 3 300 | 3 700 | 4 300 | 6300 |
| Meriva | 2 300 | 2 500 | 3 100 | 3 500 | 4 100 | 6100 |
| Zafira | 2 400 | 2 600 | 3 200 | 3 600 | 4 200 | 6200 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Porsche** Panamera | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| Porsche Boxster (986, 987) | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| Porsche (911 (996), 911 (997)) | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| Porsche Cayman | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| Porsche Carrera GT | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| Дигар навъи автомобилҳои сабукрави истеҳсоли Ҷумҳурии Федеративии Олмон | 3 500 | 3 900 | 4 300 | 5 000 | 6 900 | 9000 |
| **(Внедорожник / Пикап / Кроссовер / Универсал)** | | | | | | |
| **Мерседес** класс **R** | 5 000 | 5 500 | 6 500 | 7 000 | 7 900 | 11500 |
| класс **ML** | 5 500 | 6 100 | 7 100 | 7 700 | 8 500 | 12400 |
| класс **G** | 6 000 | 6 500 | 7 000 | 7 500 | 8 400 | 12000 |
| класс **GLK** | 5 000 | 5 500 | 6 500 | 7 000 | 7 900 | 11500 |
| **BMW X 1** | 5 000 | 5 500 | 6 500 | 7 000 | 7 900 | 11500 |
| BMW X 3 | 5 000 | 5 500 | 6 500 | 7 000 | 7 900 | 11500 |
| BMW X 5 | 6 000 | 6 500 | 7 000 | 7 500 | 8 400 | 12000 |
| BMW X 6 | 6 000 | 6 500 | 7 000 | 7 500 | 8 400 | 12000 |
| **Audi Q 4** | 5 000 | 5 500 | 6 500 | 7 000 | 7 900 | 11500 |
| Audi Q 5 | 5 000 | 5 500 | 6 500 | 7 000 | 7 900 | 11500 |
| Audi Q 7 | 6 000 | 6 500 | 7 000 | 7 500 | 8 400 | 12200 |
| **Volkswagen** Touareg | 5 500 | 6 100 | 7 100 | 7 700 | 8 500 | 12400 |
| Tiguan | 4 800 | 5 300 | 6 300 | 6 800 | 7 700 | 11300 |
| **Opel** Frontera | 2 400 | 2 600 | 3 200 | 3 600 | 4 200 | 6200 |
| Monterey | 2 400 | 2 600 | 3 200 | 3 600 | 4 200 | 6200 |
| Antara | 2 400 | 2 600 | 3 200 | 3 600 | 4 200 | 6200 |
| **Porsche** Cayenne | 5 500 | 6 100 | 7 100 | 7 700 | 8 500 | 12400 |
| Дигар навъи автомобилҳои (внедорожник) истеҳсоли Ҷумҳурии Федеративии Олмон | 5 500 | 6 100 | 7 100 | 7 700 | 8 500 | 12400 |

Сарчашма: ***маълумоти омори Раёсати минтақавии гумрук дар вилояти Суғд барои соли 2013***

Омӯзиш ва таҳлили маълумоти омор нишон медиҳад, ки соли 2012 ҳаҷми умумии гардиши савдои беруна 1769,9 млрд. доллари ИМА-ро ташкил намуд. Аз он ҷумла содирот 500,7 млн. доллари ИМА ва воридот 1269,2 млр. доллари ИМА-ро ташкил намуд.

Бояд зикр намуд, ки гардиши савдои берунаи минтақаи фаъолияти гумруки вилояти Суғд соли 2012 нисбат ба соли 2011 ба маблағи 554,5 млн. доллари ИМА ё 45,6% зиёд шуд.

Воридоти мол соли 2011-ум 922,5 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода бо-

шад, соли 2012-ум 1269,2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил карда, ба маблағи 346,7 млн. доллари ИМА, ё ба ҳисоби фоиз гирем, 37,6% афзун гардид.

Ҳаҷми умумии содирот бошад, ба маблағи 207,8 млн. доллари ИМА, ё ин ки 70,9% зиёд шуд. Ин нишондод соли 2011 маблағи 292,9 млн. доллари ИМА ва соли 2012 бошад, 500,7 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод. Маълумоти мухтасар дар ҷадвали 6 ва расми 1 оварда шудааст.

***Ҷадвали 6***

**Савдои хориҷии вилояти Суғд барои солҳои 2005–2012**
***(бо доллари амрикоӣ)***

| Нишондиҳандаҳо | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ | 388,6 | 544,5 | 765,1 | 1067,2 | 809,3 | 944,6 | 1215,4 | 1769,9 |
| Содирот | 139,4 | 155,6 | 168,9 | 161,5 | 150,3 | 207,8 | 292,9 | 500,7 |
| *аз он ҷумла, бо фоиз* | *35,9* | *28,6* | *22,1* | *15,1* | *18,6* | *22,0* | *24,1* | *28,3* |
| Воридот | 249,2 | 388,9 | 596,2 | 905,7 | 659,0 | 736,8 | 922,5 | 1269,2 |
| *аз он ҷумла, бо фоиз* | *64,1* | *71,4* | *77,9* | *84,9* | *81,4* | *78,0* | *75,9* | *71,7* |

***Расми 1***




***<u>Сарчашма</u>: омори солонаи вилояти Суғд – 2013***

Ин нишондиҳандаҳо моро водор менамоянд, ки барои зиёд гардондани ҳаҷми содирот, ки асоси рушди иқтисодиёт мебошад, чораҳои мушаххас андешида, барои рушди истеҳсолоти ватанӣ кӯшиш намоем.

Мақомоти гумрук барои фароҳам овардани шароитҳои мусоиди рушди фаъолияти гумрук, ҳимояи амнияти иқтисодӣ, дуруст муайян намудани арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, ғанигардонии буҷети давлат, пешбурди омори

гумрук, беҳтар намудани ҳамкорӣ бо субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва рушди муносибатҳои хориҷӣ, пурзур намудани мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрук, қочоқ, амалҳои коррупсионӣ ва сӯиистифода аз вазифаҳои хидматӣ, тарбия ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, риояи қонун, интизом, одоби касбӣ аҳамияти махсус диҳад.

**_Адабиёт:_**

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2005.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе "Ирфон", 2004.
3. М. Оймаҳмадов. "Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе, 1998.
4. В. Г. Драганов. "Основы таможенного дела". Москва, 1998.
5. И. В. Тимошенко. "Таможенное регулирование ВЭД". Москва, 1998.
6. "Гумрук", маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, №1(17), 2012.
7. Омори солонаи вилояти Суғд – 2013.
8. Маълумоти омори Раёсати минтақавии гумрук дар вилояти Суғд барои соли 2013

***Джумаев А. К.,***
***ст. преподаватель***

# ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

Принципы устойчивого развития, которые должны отображаться в концепции устойчивого развития любой страны, территории или региона, предполагают отказ от практики ориентации процесса развития на традиционные экономические показатели [1], в частности на темпы и объемы роста валового внутреннего продукта. Возникает необходимость обеспечения в результате развития не только достижения определенных экономических сдвигов, но и экономическую стабильность, устойчивость.

В Республике Таджикистан ориентация на максимизацию прибыли объективно уже не может больше рассматриваться как основная движущая сила развития. Развитие должно осуществляться с обязательным учетом кроме экономического еще и социального и экологического факторов. Это касается как развития общества в целом, так и развития национальной экономики и экономики регионов, формирующих потенциал развития экономики каждой страны.

Региональный хозяйственный комплекс Северного Таджикистана (Согдийская область) развивается и функционирует под воздействием множества разноплановых факторов. Например, исторических, демографических, политико-

правовых, организационных, природно-ресурсных, социально-экономических, экологических, технологических и др.

В соответствии с генезисоми масштабом проявления последних, их можно подразделить на внешние, региональные (внутренние) и интегрированные (смешанные) факторы по отношению к анализируемой региональной воспроизводственной системе. Факторы внешнего порядка в основном и многом зависят от действий (и решений) региональных органов власти и от центра. Внутренние (региональные) факторы в своей основе представляют собой ресурсные предпосылки и ограничения, связанные с развитием и функционированием экономики региона, то есть структурными пропорциями и воспроизводственной динамикой.

Таким образом, критерием выделения факторов устойчивого функционирования экономики региона, является тот или иной уровень их воздействия на социально-экономическое развитие региона Согдийской области.

В настоящее время подход к определению понятия регион и факторов определяющих его развитие с позиции воспроизводства является наиболее распространенным. В отличие от экономико-географического, при воспроизводственном подходе определяющими факторами выступают особенности развития производительных сил с учетом направлений научно-технического прогресса и изменения форм их организации [2]. Социально-экономическая сущность региона, в этом случае, определяется как система отношений и связей хозяйствующих субъектов по обеспечению воспроизводства на соответствующих объектах. Решение, возникающих региональных проблем часто сводилось к рационализации внутри региональной производственной структуры, по какому-либо критерию. Зачастую происходило ранжирование по затратоемкости отраслей в регионе по всем критериям, но при этом для региона остается важным также и высокие доходы, и минимальные затраты собственных ресурсов, и многие другие показатели. Поэтому объективной необходимостью регионального функционирования является оптимальная производственная структура, которая, в свою очередь, отвечает требованиям экологии, жизненным условиям, выпуску продукции [3].

В этом плане, особенно важным представляется выделение группы факторов регионального порядка, поскольку при помощи именно этих факторов довольно четко выявляются те источники, возможности и внутренние резервы, которых могут быть использованы в процессе постепенного перехода экономики региона к устойчивому развитию. В числе основных региональных факторов можно выделить природно-экологические, социально-демографические, экономические и т. п.

В контексте устойчивого развития региона, необходимо установить совокупность факторов, которые влияют на его обеспечение, среди них предлагается определять:

1. Факторы, которые влияют на социальную составляющую устойчивого развития региона национальной экономики.

2. Факторы, которые влияют на экологическую составляющую устойчивого развития региона национальной экономики.

3. Факторы, которые влияют на экономическую составляющую устойчивого

развития региона национальной экономики.

Социально-экономическое развитие регионов в настоящее время испытывает возрастающее влияние трех главных факторов:

1. Рыночного взаимопроникновения региональных, национальных и мирового рынков. Для Республики Таджикистан и ее регионов наиболее значимыми являются либерализация внешней торговли и снятие протекционистских ограничений в ближайшем будущем в результате вступления в силу соглашения с ЕС и принятия в ВТО.

2. Конкурентного – усиление конкуренции на всех перечисленных рынках, особенно неценовой конкуренции. Конкуренции в области качества жизни и инноваций.

3. Производственного – постепенный переход к инновациям как способу организации производства, что подразумевает: замену вертикальной организации труда – горизонтальной; низкой индивидуальной ответственности – соучастием индивида в производственном процессе.

Эти факторы ведут от территориальной дифференциации и разделения труда к его территориальной интеграции, от гомогенных региональных рынков – к диверсифицированным, а в целом – от национальной региональной политики к собственно региональной на уровне отдельных субъектов Республики Таджикистан.

Следует отметить, что в соотношении "затраты – результаты" в качестве показателя, характеризующего результат совокупной деятельности хозяйствующих субъектов, может выступать валовой региональный продукт (ВРП). Именно он позволяет оценить эффективность использования экономических и природных ресурсов региона.

Основным показателем, определяющим уровень экономического развития региона, используемым для их сопоставления, выступает валовой региональный продукт на душу населения.

Дадим некоторую интерпретацию факторам влияния на устойчивость регионального развития Согдийской области с позиции официальной статистики и сравним эти показатели с другими регионами Республики Таджикистан.

ВВП Республике Таджикистан на душу населения за период с 2005 по 2011 годы увеличился более чем в три раза, в Душанбе и в городах и районах республиканского подчинения он вырос более чем в 3,1 раза. В Согдийской области на душу населения произведено валового регионального продукта менее чем в три раза. В Хатлонской области ВРП увеличился в 3,3 раза, а в ГБАО прирост составил более чем в 2,7 раза. Во всех территориальных единицах Республики Таджикистан наблюдается почти трехразовое увеличение ВРП. Темп развития объемов производства превосходит темп роста численности занятых, что косвенно может свидетельствовать о росте производительного труда совокупного работника.

Объем валового регионального продукта (в текущих ценах) за 2012 год оценивается в 5716,2 млн. сомони, или по курсу национального банка страны-(4,752) 1,2 млрд. долларов США.

Из таблицы 1 видно, что ВРП Согдийской области имеет тенденцию постоянного роста, близкую к 8%. Этому спососбствовало увеличение объема про-

дукции промышленности, сельского хозяйства, транспорта и торговли. Что касается платных услуг населению, то здесь после внушительного объёма услуг в конце 2008 года наблюдается резкий спад 98,8% оказание платных услуг населению.

Индекс выпуска продукции в базовых отраслях экономики (промышленность, сельское хозяйство, платные услуги населению, транспорт, розничная торговля) за 2012 год составил 109,2%, в прошлом году этот показатель составлял 119,1%.

Доля отраслей, производящих товары, в общем объеме валового регионального продуктов 2006 году составляла 19,5%,а в 2012 году она составила 23,1%, или увеличилась на 3,6 процента.

В сельском хозяйстве наблюдается постоянный рост объемов производства на фоне повышения цен на продукцию сельскохозяйственного производства. Доля этой отрасли в ВРП за 2012 год составила 20,4%.

***Таблица 1***

**Темпы роста ВРП и основных отраслей по Согдийской области за 2006–2012 гг.** ***в %***

| Наименование показателей | Годы | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2006* | *2007* | *2008* | *2009* | *2010* | *2011* | *2012* |
| Валовой региональный продукт | 106,9 | 107,6 | 107,7 | 106,6 | 107,1 | 108,1 | 108,1 |
| Продукция промышленности | 101,0 | 108,7 | 104,3 | 104,8 | 122,8 | 123,8 | 115,7 |
| Продукция сельского хозяйства | 101,1 | 103,5 | 104,6 | 106,4 | 102,1 | 139,1 | 110,0 |
| Розничный товарооборот по всем каналам реализации | 113,5 | 106,0 | 111,1 | 120,9 | 119,7 | 102,3 | 113,0 |
| Транспорт | 113,8 | 104,6 | 109,2 | 108,9 | 110,2 | 104 | 96,05 |
| Платные услуги населению | 113,3 | 98,8 | 123,9 | 111,6 | 119,4 | 126,3 | 113,5 |

***Источник: Статистический ежегодник Согдийской области. Главное управление Агентства по статистике при Президенте РТ в Согдийской области, г. Худжанд, 2013 г., стр.14–17 и наши расчеты***

Отраслевая структура ВРП – показатель, выражающий количественное соотношение отраслей регионального хозяйства, участвующих в создании ВРП.

Смысл анализа состоит в том, чтобы определить, какая из функционирующих в регионе отраслей создает наиболее весомую часть ВРП, а доля какой отрасли весьма незначительна, то есть какая из отраслей хозяйства наиболее эффективно развивается, какой отрасли необходима государственная поддержка для повышения эффективности, используемых экономических ресурсов.

К наиболее существенным факторам, с точки зрения региональных инте-

ресов, предлагается относить следующие:

* *соответствие уровня и качества жизни населения государственным или общемировым стандартам;*
* *развитие социальной и производственной инфраструктуры;*
* *увеличение финансовых и бюджетных средств, внебюджетных и прочих денежных и материальных источников;*
* *рост отдачи от использования природных ресурсов;*
* *увеличение возможностей для полной занятости населения в регионе;*
* *состояние внешнеэкономических, внутри региональных и межрегиональных хозяйственных связей;*
* *создание конкурентоспособности регионов;*
* *изменение инновационной и инвестиционной активности, стабилизация общественно-политической ситуации.*

С учетом региональных интересов формируются цели, принципы и методы устойчивого и конкурентоспособного социально-экономического развития региона.

Одной из основных причин сложности социально-экономического развития региона в условиях трансформационных отношений, является, на наш взгляд, управление территориальным разделением труда и занятостью населения на уровне региона, так как рациональное распределение труда между регионами и в пределах их территорий является необходимым условием эффективного размещения производства в условиях рыночной экономики.

Немаловажную роль в социально-экономическом развитии региона на современном этапе преобразований играет научно-технический прогресс, позволяющий рассматривать использование благоприятных природных и экономических условий с точки зрения рационализма и наибольшей экономической отдачи.

По нашему мнению весомую роль в устойчивом функционировании регионального хозяйственного комплекса играют экономические факторы. Региональная экономика является только относительно обособленной системой, поэтому на нее оказывают воздействие такие факторы, как состояние межрегиональных связей, колебания цен на общерегиональном и валютном рынках, экономическая политика государства и т. д. Выгодное транспортно-географическое положение региона, территория которого лежит на пересечении транспортных путей всей Средней Азии из России, Казахстана, Узбекистана, Кыргызстана и Туркмении в Афганистан, Китай, Пакистан и Индию с последующим выходом к океанским морским портам, создает необходимость предпосылки для устойчивого развития хозяйственного комплекса региона, роста торговли и экономических связей. Огромное значение имеет и развитость внутренних сетей транспортного сообщения, которая выступает как составная часть инфраструктуры региона. Особенности социально-экономического развития региона в условиях трансформационных общественных отношений определяется, прежде всего, его состоянием в период социально-экономических преобразований и общими для республики макроэкономическими тенденциями – нарастанием технико-экономических диспропорций, снижением склонности к инвестированию и сбережениям, экстенсивным использованием рабочей силы, нарастанием негативных социально-демографических процессов, усилением социальной и экономической напряжен-

ности и падением уровня жизни. Кроме того, данные особенности в значительной мере дифференцированы объективными факторами: *природно-ресурсным и трудовым потенциалом; географическим положением; политической и социальной ситуацией; ориентацией на выполнение определенных социальных функций и др.*

Таким образом, данные тенденции обостряют региональные проблемы, а специфические особенности конкретных регионов обуславливают основные различия в проведении социально-экономических преобразований.

***Литература:***

1. "Устойчивое экономическое развитие в условиях глобализации и экономики знаний: концептуальные основы теории и практики управления", научное издание // под ред. В. В. Попкова. М., "Экономика", 2007, 295 с., стр.113.

2. Зайцева Т. К. "Социально-экономическое развитие региона в условиях глобализации". Автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Кисловодск, 2004.

3. Майн Е. Р. "Комплексное социально-экономическое развитие региона: концептуальные подходы и современное методическое обеспечение по материалам Ярославской области". Дисс. на соискание ученой степени доктора экономических наук. М., 2001, с. 18–19.

4. "Статистический ежегодник Согдийской области". Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области. Худжанд,, 2013 год, стр.14–17.

***Атаева Ф. А.,***
***муаллимаи калон***

# СТАНДАРТ ва СИФАТ: ТАЛАБОТИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ МУОСИР НИСБАТИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ҶСК "ҚОЛИНҲОИ ҚАЙРОҚҚУМ"

Талаботи истеъмолкунандагони муосир нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" бояд чунин сурат гирад: муносибатҳои байни истеъмолкунанда ва истеҳсолкунанда ҳангоми хариду фурӯши мол ба танзим даровардa, ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои харидани моли дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатӣ бехатар, гирифтани маълумоти пурра оиди мол ва истеҳсолкунандагони он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати истеъмолкунандагонро дарбар мегирад.

Имрӯзҳо ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" ба истеҳсоли даҳҳо номгӯи маҳсулоти тайёр ва нимтайёри қолинӣ машғул аст, ба монанди қолинҳои нимпашм, "хитсет Алфа 36/38", "хитсет Алфа 36/40", "хитсет Алфа 36/50", "хитсет Алфа 42х60", "BCF

4312", "BCF CTM", акрил-полиэстер ва дар қолинҳо тайёр кардани акси одам, табиат ва ғайра.

Маҳсулоти коргоҳи мазкур эътибори хоса дошта, дар бозор мавқеи худро дорост, ки барои таҳлил ҳаҷми фурӯши маҳсулоти ҶС "Қолинҳои Қайроққум"-ро барои соли 2013 нишон медиҳем *(ҷадвали 1)*.

***Ҷадвали 1***

**Фурӯши маҳсулоти тайёри ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" дар соли 2013 (ҳазор сомонӣ)**

| Номгӯи қолинҳо | апрел | | май | | июн | | июл | | умуман | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *м.кв.* | *маблаг* | *м.кв.* | *маблаг* | *м.кв.* | *маблаг* | *м.кв.* | *маблаг* | *м.кв.* | *маблаг* |
| Нимпашм | 220 | 3568 | 89 | 1607 | 0 | 0 | 45 | 757 | 354 | 5932 |
| Хитсет Алфа 36/38 | 6614 | 56214 | 14649 | 124642 | 15302 | 127651 | 9895 | 78500 | 46460 | 387007 |
| Хитсет Алфа 36/40 | 82 | 782 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 82 | 782 |
| Хитсет Алфа 36/50 | 16 | 229 | 49 | 691 | 0 | 0 | 0 | 0 | 66 | 920 |
| Хитсет Алфа 42x60 | 2186 | 25094 | 862 | 12928 | 399 | 5980 | 1295 | 20282 | 4742 | 64284 |
| BCF 4312 | 14000 | 131238 | 5182 | 48802 | 7982 | 68405 | 12186 | 96729 | 39349 | 345174 |
| BCF CTM | 252 | 3020 | 745 | 7043 | 166 | 1409 | 0 | 0 | 1162 | 11472 |
| Акрил-полиэстер | 60 | 4172 | 84 | 1004 | 0 | 0 | 0 | 0 | 144 | 5176 |
| Акс (портрет) | 0 | 0 | 92 | 6287 | 84 | 5795 | 50 | 4851 | 225 | 16933 |
| *Ҳамагӣ* | *23431* | *224317* | *21751* | *203004* | *23931* | *209240* | *23470* | *201119* | *92583* | *837680* |

ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз истеҳсолкунандагони пешқадами маҳсулоти қолинӣ мебошад. Соли 2013 корхона барои ҳамкорон ва харидорони маҳсулоти худ намудҳои нави қолинҳои хушсифатро пешкаш намуд, ки онҳо амсоли "Хитсет Алфа 42х60", "BCF 4312", "BCF CTM" мебошанд [1. с. ]. Ҳамчунин, корхона барои нафароне, ки хоҳиши ҳамкорӣ карданро доранд, чунин хидматрасониҳоро пешкаш менамояд:

*– сари вақт дастрас намудани маҳсулот;*

*– пешниҳод кардани маҳсулоти босифат ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ;*

*– дастгирии фаъоли рекламавӣ: рекламаҳои телевизионӣ, рекламаи чопӣ ва полиграфӣ, ба монанди плакатҳо ва дигар таҷҳизот барои савдо.*

Дар интихоби таҷҳизот мутахассисони корхона диққати махсус зоҳир менамоянд, то ки онҳо дорои самаранокии зиёд, сарфакор, имконияти дар муддати кӯтоҳ иваз кардани қисмҳои эҳтиётӣ бошанд. Ба ҳамаи ин талабот таҷҳизоти технологии корхона ҷавобгӯ мебошанд. Диққати доимӣ ба талаботи харидорон ва пайдарпай такмилдиҳии технологияи худ дар давоми 15 сол ба ширкат имкон медиҳад, ки дар бозори фурӯши қолинҳо дар Ҷумҳурӣ пешсаф бошад. Инчунин, ба ин боз беҳтар кардани сифати қолинҳо ва маҳсулоти нимтайёр, дар ҷараёни истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи нав, мубодилаи таҷрибаи мутахасисон дар чунин давлатҳо, ба монанди Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ИМА, санҷиши ҷиддӣ

оиди сифати маҳсулоти истеҳсолшуда ва мутобиқати он ба меъёрҳои санитарию гигенӣ, рушди босуръат ва навсозии коргоҳ, ҳамчунин, зиёд кардани дороиҳои худ *(ҷадвали 2)* барои истеҳсоли қолинҳо мансубанд. Дигар тарафи асосии тараққиёти ширкат васеъгардонии шабакаи савдои худ ва кушодани нуқтаҳои нави савдо, аз ҷумла фурӯхтани қолинҳо дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳур мебошад.

*Ҷадвали 2*

**Тавозуни ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" барои 1.04.13 – 1.08.13 (сомонӣ)**

| № | Номгӯ | 1.04.2012 | 1.08.2012 |
|---|---|---|---|
| | *Дороиҳо (активҳо)* | | |
| **1** | **Дороиҳои ҷорӣ** | **814 258** | **1 216 892** |
| 1.1 | Воситаҳои пул | 0 | 1 546 |
| 1.2. | Ашёи хом | - | 55 364 |
| 1.3. | Қарзи дебиторӣ (ҚД) | 104 503 | 423 528 |
| | ҚД барои мол ва хидмат | 98 913 | 369 698 |
| | ҚД барои авансҳои додашуда | 5 590 | 53 830 |
| 1.4. | Захираҳо | 709 755 | 733 231 |
| | Захираҳои маҳсулот ва молҳои тайёр | 104 033 | 323 975 |
| | Захираҳои истеҳсолоти нотамом | 0 | 15 360 |
| | Захираҳои ашёҳои истеҳсолӣ ва мавод | 605 722 | 393 896 |
| 1.5. | Дигар дороиҳои гардон | 0 | 3 223 |
| **2** | **Дороиҳои дарозмӯҳлат** | **0** | **0** |
| | **Ҷамъи моликият** | **814 258** | **1 216 892** |
| | *Нодориҳо (пассивҳо)* | | |
| **1** | **Ӯҳдадориҳои ҷорӣ** | **714 213** | **1 100 618** |
| 1.1 | Қарзҳои кӯтоҳмуддат | 0 | 330 000 |
| 1.2 | Қарзҳои кредиторӣ (ҚК) | 714 213 | 767 720 |
| | ҚК барои мол ва хидмат | 714 213 | 756 976 |
| | Фоизҳои пардохт барои қарзҳо | | 6 000 |
| | ҚК барои харочот | 0 | 4 744 |
| 1.3 | Дигар ӯҳдадориҳои ҷорӣ | 0 | 2 898 |
| **2** | **Ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат** | **0** | **0** |
| **3** | **Сармояи худӣ** | **100 045** | **2 070** |
| 3.1 | Сармояи оинномавӣ | 2 070 | 2 070 |
| 3.2 | Фоидаи (зарар) тақсимнашуда | 97 975 | 114 204 |
| | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя*** | ***814 258*** | ***1 216 892*** |

Ба ғайр аз ин, ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" барои баровардани намудҳои нави қолинҳо фаъолона кор мекунанд. Бо ёрии якҷоякунии дониш ва таҷрибаҳои беҳтарини истеҳсолкунандагон ва коркарди аълои мутахасисон ҶС "Қолинҳои Қайроққум" барои мизоҷонаш маҳсулоти хеле ҳам босифатро пешниҳод мекунад. Дониш, маҳорат, таҷриба хислатҳои асосии коркунони ин корхона мебошанд. Дар қатори коркунони болаёқату ботаҷриба дар ширкат боз коркунони ҷавон – хатмкардагони донишгоҳҳои техникию технологӣ кору фаъолият мебаранд, ки бо донишу ғояҳои замонавии худ метавонанд, ба рушди корхонаи мазкур мусоидат намоянд.

ЧСК "Қолинҳои Қайроққум" рақобати баландро ба назар гирифта, ҳамеша кӯшиш мекунад, ки номгӯи маҳсулоти худро зиёд намояд, аз ин рӯ, аллакай даҳҳо номгӯи маҳсулотро дарбар мегирад.

Мақсади асосии фаъолияти коргоҳ васеъкунии бозори маҳсулоти худ ва хидматрасонӣ, инчунин, ба даст овардани фоида мебошад. Амволи ширкат аз ҳисоби маблағгузории сармояи оинномавӣ, инчунин, аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо ба вуҷуд меояд *(ҷадвали 3)*.

***Ҷадвали 3***

**Таҳлили фоида ва зарари ЧСК "Қолинҳои Қайроққум" барои 7 моҳи соли 2013**

| | барои 7 моҳи соли 2013 (сомонӣ) | нисбат ба даромад, % |
|---|---|---|
| ***Даромад аз фурӯш*** | ***837 680*** | |
| Арзиши молҳои фурӯхташуда ва хидматҳо | 766 333 | 91% |
| ***Фоидаи умумӣ*** | ***71 347*** | ***9%*** |
| Хароҷоти амалиёти ҷорӣ | (14 009) | -2% |
| Хароҷоти тиҷоратӣ | (600) | 0% |
| Хароҷоти идоракунӣ | (11 997) | -1% |
| Дигар даромадҳои амалиёт (+) ва хароҷот (-) | (412) | 0% |
| Дигар даромадҳо (+) ва хароҷот (-) | (1 000) | 0% |
| **Фоида то андоз ва фоизҳо** | **57 338** | **7%** |
| Фоизҳои пардохтшуда | 5 000 | 1% |
| **Фоида то андозҳо** | **52 338** | **6%** |
| Андоз аз фоида | 1 698 | 0% |
| **Фоидаи соф** | **50 640** | **6%** |
| Дивидендҳо | 12000 | 1% |
| **Фоидаи /зарар/ тақсимнашуда** | **38 640** | **5%** |

ЧСК "Қолинҳои Қайроққум" фаъолияти худро бо шакли дивизионалии сохтори идоракунӣ амалӣ мегардонад. Ҳангоми шакли дивизионалии сохтори идоракунӣ ҳуқуқи роҳбарӣ кардан дар натиҷаи истеҳсолот ва зарари ягон намуди маҳсулот ва хидматрасонӣ танҳо ба ӯҳдаи роҳбар дода мешавад, ки ӯ ба ин намуди маҳсулот ҷавобгар мебошад.

Роҳбарони хидматҳои функсионалӣ (истеҳсолотӣ, таъминотӣ, техникӣ, муҳосибӣ, маркетингӣ ва ғайра) бояд ба роҳбар оиди рафти иҷрои кор ҳисобот диҳанд.

Дар низомнома мақсад, роҳбарони корхона, тартиби даромади молиявӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, тартиби даровардани дигаргуниҳо ва навовариҳо ба низомнома ва тартиби анҷом додани кор инъикос гардидааст.

Коргоҳи мазкурро директори генералӣ роҳбарӣ мекунад. Директори ширкат шахси боваринок, яккасарвар ва ба тамоми натиҷаи фаъолияти ширкат ҷавобгӯ мебошад. Роҳу усулҳои иҷрои вазифаҳоеро, ки пеши ширкат гузошта шудаанд, муайян мекунад, дарёфт намудани захираҳои моддию техникии лозимаро таъмин менамояд, истеҳсоли маҳсулоти босифат, ассортименти додашударо назорат мебарад, ҷорӣ кардани техникаю технологияи навро таъмин мекунад. Директор барои иҷрои ӯҳдадорӣ; ширкат дар назди фармоишгарон ва бонкҳо ҷавобгар мебошанд. Шӯъбаи муҳосибот яке аз шӯъбаҳои асосии ҷамъияти маз-

кур ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои ин шӯъбаро тартиб додани ҳисобот, баҳисобгирии шумораи коргарон, шумораи истеҳсолшудаи маҳсулот, сохтани ҳисоботи муҳосибӣ ташкил мекунанд.

Фаъолияти шӯъбаи мазкур аз тарафи сармуҳосиби корхона назорат карда мешавад. Ҳуҷҷатгузорӣ ва тақсимоти дурусти фаъолияти кори муҳосибон аз тарафи коргузор ва бевосита аз тарафи ҷонишини директор идора ва мавриди назорат қарор мегиранд.

Иқтисодчии корхона низ ҳамроҳи муҳосибон кору фаъолият мебарад. Ӯ хуб дарк намудааст, ки аз фаъолияти пурсамарааш молияи корхона вобастагии калон дорад ва бо ин мақсад масъулияти бузурге ба ӯҳда гирифтааст.

Сармуҳосиб ташкили ҳисоботи муҳосибии амалиёти мол, корхона ва назорати қатъии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, молиявию меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоиро ба зимма мегирад. Дар вақташ нишон додани ҳиссаи маблағҳои воридот, арзиши захираҳои истеҳсолӣ ва воситаҳои асосӣ, суратҳисобҳои муҳосибӣ (счётҳо) ва алоқамандии ҳаракати онҳо, коркарди маҳсулот, иҷрои кору хидматрасонӣ, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии молиявии корхона, инчунин, амалиёти молиявӣ (дебиторӣ), назорат аз рӯи онҳо аз вазифаҳои сармуҳосибанд.

Сармуҳандис фаъолияташро барои муайян сохтани сиёсати техникӣ, нақшаи тараққиёти корхона ва роҳи коркарди барномаҳои маҷмаавӣ, ки ба ҳама самтҳои тараққиёт, ивазкунӣ, таъсири дастоху истеҳсолот вобастаанд, равона кардааст.

Шӯъбаи маркетинг асосан ба омӯзиши мунтазами бозор машғул буда, натиҷаҳои ба қайдгирифта ва чораҳои зарур низ аз тарафи маркетологи корхона ба маъмурияти корхона пешниҳод карда мешаванд. Маркетологи корхона мутахассиси ҷавону умедбахш буда, мунтазам барои ҳарчи бештар сафи истеъмолкунандагонро зиёд кардан, ҷустуҷӯйҳои фаврӣ назорат мебарад. Барои корхона шӯъбаи маркетинг яке аз шӯъбаҳои асоситарин ба ҳисоб меравад. Саҳми шӯъбаи мазкур барои ҷалби истеъмолкунандагон хеле калон аст.

Шӯъбаи таъминот яке аз он шӯъбаҳои муҳимтарини корхона ҳисоб меравад, ки барои таъмини корхона бо ашёҳои хоми нархи нисбатан арзондошта, мутахассисону коргарони болаёқату пуртаҷриба, дастгоҳҳои нави замонавӣ, ки ивазкунандаи меҳнати дастианд, таъмини дастгоҳҳои дохили корхона бо лавозимоти эҳтиётӣ фаъолият мебарад. Кори шӯъбаи таъминот аз тарафи ҷонишини директор идора ва назорат карда мешавад.

Истеҳсолот дар корхона хуб ба роҳ монда шудааст. Коргарони ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" дар ду баст кор мекунанд. Дар ҳар як баст то 90 нафар барои истеҳсоли маҳсулот фаъолият мебаранд.

Ҳар як баст дар як ҳафта шаш рӯзи кор дошта, дар як рӯз 8 соат кор мекунанд. Чӣ миқдор ва аз кадом намуди маҳсулот бояд истеҳсол кард, вобаста аз захираи маҳсулоти тайёри дар анборбуда аст. Миқдори маҳсулоте, ки истеҳсол мекунанд, аз 400 то 420 адад буда, барои дастрасии харидорон сари вақт пешниҳод мешаванд.

Бояд қайд кард, ки кормандон ба корхона дар асоси фармони роҳбари кулл ба кор қабул карда мешаванд.

Кормандони корхонаро ба мақулаҳои (категория) зерин ҷудо мекунанд: *а) коргарон; б) роҳбарон; в) мутахассисон; г) дигар хидматчиён.*

Давомоти кори кормандони корхона дар тобеигии ҳисоби вақти кор инъикос

Бино бар ин, барои муайян намудани маблағи воридшуда аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ моро зарур омад аз маълумоти омор ва ҳисоботҳои Раёсати андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд истифода намоем *(ниг. ба ҷадвали 1)*.

*Ҷадвали 1*

**Динамикаи воридоти андоз аз даромад ба буҷети вилояти Суғд ва қарз аз ҳисоби ин намуди андоз *(ҳазор сомонӣ)***

| № | Нишондиҳандаҳо | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми умумии даромадҳои андоз (бе назардошти андози иҷтимоӣ):<br>*нақша*<br>*иҷро*<br>*%-и иҷро* | <br><br><br>368836,3<br>374000<br>101,4 | <br><br><br>453052,9<br>463926,5<br>102,4 | <br><br><br>561304<br>565234,2<br>100,7 | <br><br><br>655418,9<br>675736,9<br>103,1 | <br><br><br>820294,1<br>836700.0<br>102,0 |
| 2 | Даромад аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ:<br>*нақша*<br>*иҷро*<br>*%-и иҷро* | <br><br>70644,6<br>72269,4<br>102,3 | <br><br>82860,4<br>83441,5<br>100,7 | <br><br>108488,6<br>111851,7<br>103,1 | <br><br>142066,2<br>148032,9<br>104,2 | <br><br>193907,5<br>200888,2<br>103,6 |
| 3 | Афзоиши андоз аз даромад нисбат ба соли гузашта | 130,7 | 115,5 | 134,1 | 132,3 | 135,7 |
| 4 | Вазни қиёсии андоз аз даромад нисбат ба ҳаҷми умумии даромадҳои андоз (бо %) | 19,3 | 18,0 | 19,8 | 21,9 | 24.0 |
| 5 | Қарзи андоз аз андоз аз даромад | 10334,5 | 10177,8 | 357,7 | 354,4 | 317,9 |
| 6 | Вазни қиёсии қарзи андоз аз даромад нисбат ба ҳаҷми умумии даромадҳои андоз (бо %) | 2,76 | 2,19 | 0,063 | 0,052 | 0,038 |
| 7 | Вазни қиёсии қарзи андоз аз даромад нисбат ба ҳаҷми умумии даромади андоз аз даромад (бо %) | 14,3 | 12,19 | 0,32 | 0,24 | 0,16 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум мегардад, ки дар давоми 5 соли охир ҳаҷми буҷети вилоят (бе андози иҷтимоӣ) аз 374000 ҳазор сомонӣ ба 836700 ҳазор сомонӣ расидааст, ки он ба андозаи 2,24 маротиба зиёд шудааст. Баробари афзоиши қисми даромади буҷет даромад аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ низ зиёд гардидааст.

Боиси қайд аст, ки аз соли 2009 то соли 2013 даромад аз ҳисоби андоз аз даромад 2,78 маротиба афзоиш ёфтааст, ки қиёсан ба даромади умумӣ 0,54 маротиба пешравӣ ё худ зиёдшавӣ ба назар мерасад.

Агар соли 2009 андоз аз даромад ба 72269,4 хазор сомонӣ баробар бошад, соли 2010 он ба 83441,5 ҳазор сомонӣ расид, ки 15,5% зиёд мебошад. Соли 2011, чӣ тавре ки зиёдшавии кулли даромадҳои андоз дида мешаванд, маблағи андоз аз даромад ба 111851,7 ҳазор сомонӣ расидааст, ки нисбати соли пештара 28409,7 ҳазор сомонӣ ё 34,1% зиёд мебошад.

Дар қисми даромади буҷети вилоят аз ҷадвал маълум мегардад, ки сол то сол вазни қиёсии андоз аз даромад зиёд гардида, соли 2012 ба 148032,9 ҳазор сомонӣ расидааст, ки аз соли 2011 ба маблағи 36181 ҳазор сомонӣ ё 32,3% зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда тарафт зиёд гардида, соли 2013, пас аз ислоҳоти қонун-

гузории андоз, ба 200888,2 ҳазор сомонӣ расидаст, ки нисбат ба тамоми дигар солҳои таҳлилӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, назар ба соли 2012 ба маблағи 52855,2 ҳазор сомонӣ, ё ба андозаи 35,7% зиёд гардидааст. Ин тағйиротро метавон дар диаграмма чунин нишон дод *(ниг. ба расми 1).*




**Расми 1**. ***Воридоти андоз аз даромад нисбати соли сипаригашта (ҳазор сомонӣ)***

Аз маълумоти диаграмма маълум мегардад, ки ҳар сол андозаи андоз аз даромад нисбат ба соли сипаригашта зиёд гардида, дар 5 соли охир ба ҳисоби миёна 29,6% дар як сол афзун гаштааст. Агар ба вазни қиёсии андозҳо нисбат ба даромади умумии буҷети вилоят назар кунем, соли 2009 андозаи он ба 19,3%-и даромади умумӣ расидааст. Солҳои минбаъда, аниқаш соли 2010, вазни қиёсии ин намуди андоз 1,3% кам гардида, 18%-и даромади умумии буҷетро ташкил додааст. Баробари зиёд гардидани даромади умумӣ дар соли 2011 вазни қиёсии андози даромад низ ба 1,8% зиёд гардида, андозааш ба 19,8%-и даромади умумӣ расидааст. Соли минбаъда, яъне соли 2012, андоз аз даромад дар қисми даромади буҷети вилоят назаррас буда, вазни қиёсияш ба 21,9% расидааст, ки нисбат ба ҳамин даври соли сипаришуда 34,1% зиёд мебошад. Соли 2013 тағйироти куллӣ дар қисми даромади буҷет дида мешавад, зеро андоз аз даромад 24,0%-и даромадҳои андозро ташкил намуда, нисбат ба тамоми солҳои сипаришуда ҳиссаи бештар дорад *(ниг. ба расми 2)*.




**Расми 2**. ***Тағйирёбии ҳиссаи андоз аз даромад дар буҷети вилояти Суғд***

Аз таҳлилҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷети давлат ва хусусан вилояти Суғд ҳиссаи назаррас дошта, доим дар ташаккулёбӣ ва зиёдшавӣ қарор гирифтааст. Тавре ки сардори Раёсати андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд Н. С. Маликов иброз намуд: *"Баробари рушдёбии иқтисодиёту иҷтимоиёт ва маърифати андозсупорандагон ҳиссаи андоз аз даромад дар буҷет низ меафзояд"*. Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, дар бештари мамлакатҳои Ғарб ҳиссаи зиёди буҷетро андоз аз даромад ташкил медиҳад ва вазни қиёсии он то ба зиёда аз 50%-и даромадҳои буҷет мерасад.

Қарзи андоз яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар замони имрӯза ҳамаи даро-

маҳҷои қисматҳои гуногуни буҷетро фаро гирифта, мақомоти андозро водор менамоянд, оиди он тадбирҳои мухталиф андешад, то ки ҷамъоварии тамоми андозҳо вобаста ба талаботи буҷетҳо ба роҳ монда шавад.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 маълум мегардад, ки дар давоми 5 соли 2009 ҳаҷми қарзи андоз аз даромад дар буҷети вилоят 10334,5 ҳазор сомонӣ буда, 2,76% ҳаҷми тамоми андозҳоро ташкил медиҳад, ки ин андоза дар давоми 5 соли охир яке аз нишондиҳандаи зиёдтарин мебошад. Баробари ба 2,76% расидани қарзи андоз нисбат ба даромади буҷет он нисбати даромад аз андози шахсони воқеӣ низ зиёд буда, 14,3%-ро ташкил медиҳад. Боиси қайд аст, ки аз соли 2009 то соли 2013 қарз аз ҳисоби андоз аз даромад 32,5 маротиба кам гардидааст, ки қиёсан ба муддати сипаришуда натиҷаи назаррас мебошад.

Баробари зиёд гардидани даромад аз ҳисоби ин намуди андоз ва камшавии қарзи он то ҳол андозсупорандагон аз сарчашмаҳои меъёри ҳуқуқи қонунгузории он норозигӣ баён мекунанд. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки дар сарчашмаҳои қонунгузории андози номбурда камбудиҳое ҷой доранд, ки боиси чунин норизоият гардидаанд, ё дараҷаи афкори андозсупорандагон қобилияти дарк намудани онҳоро надорад. То ҷое ки ба мо маълум аст, албатта, сарчашмаҳои қайдгардида ба баъзе равшаниандозиҳо ниёз доранд. Масалан, имтиёзҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ, ки дар моддаи 104-и Кодекси андоз пешбинӣ мешавад, ба тариқи возеҳ он ҷо пешбинӣ нашудааст, ки даромади гирифтаи шахсони воқеии ғайрирезидент аз кори кироя дар ҳудуди Тоҷикистон то чӣ андоза аз андозбандӣ озод аст ва ё нишондиҳандаи андозбандинашаванда нисбати чунин ашхос татбиқ мешавад ва ё намешавад. Дар амалия дар мавриди андозбандии шахсони воқеии ғайрирезидент, ки аз кори кироя даромад мегиранд, тарҳ намудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо иҷозат дода намешавад ва ё худ бе ягон тарҳнамоӣ бо меъёри 25% мавриди андозбандӣ қарор дода мешавад. Инчунин, дигар масъалаҳое вомехӯранд, ки ба истисноии мутахассисони соҳа, андозсупорандагони алоҳида ба фаҳмидани дақиқи он оҷизанд. Аз муқоисаи як қатор санадҳои қонунгузорӣ роҷеъ ба андозбандии андоз аз даромад ба хулоса омадан ҷоиз аст, ки барои андозбандии даромади шахсони воқеӣ якчанд масъалаҳое (ба монанди масъалаҳои дар боло зикрёфта) вомехӯранд, ки ба таври фаҳмо ва пурра ба дархости андозсупорандагон ҷавобгӯ набуда, такмил ва равшанандозиро тақозо менамоянд. Оиди такмил додани андозбандии андоз аз даромади шахсони воқеӣ бояд масъалаҳои зерин дар низоми андоз ба мадди назар гирифта шаванд:

*– хуб мешуд, агар ҳадди ақали андозбандишавандаи андоз барои андоз аз даромади шахсони воқеӣ (40 сомонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба музди миёнаи ҳадди ақал расонида шавад, зеро дар асри XIX олими англис Мил пешниҳод менамояд, ки ба соҳаи тақсимоти даромадҳо бо мақсади кам кардани гаронии андоз "ҳадди ақал" бояд баробари даромаде бошад, ки барои зисту зиндагонии мӯътадил кифоягӣ кунад;*

*– барои беҳтар намудани воридоти андоз аз даромад аз чораҳои инноватсионӣ, бахусус, пешниҳоди эъломияҳо тариқи электронӣ истифода намуда, барномаҳое коркард ва истифода шаванд, ки на танҳо мақомоти андоз, балки кулли мақомот ва ташкилотҳое, ки инъикос ёфтани даромади шахси воқеӣ ҳатмист, дарбар гирад. Ворид намудани чунин барномаҳои электронии тариқи автоматӣ фаъолияткунанда дар баҳисобгирии андози даромад дар оянда чунин*

*имкониятҳо медиҳад:*

*– самараи кори кормандони мақомоти андоз баланд гардида, назорат аз болои даромади шахсони воқеӣ беҳтар ва шумораи кормандони соҳа давр ба давр кам гардад;*

*– пешниҳоди эъломияи андоз аз даромад тариқи электронӣ аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупоранда анҷом дода шавад ва андозсупорандагон танҳо дурустии онро тасдиқ намоянд;*

*– саркашӣ аз пардохти андоз аз байн рафта, гаронии андоз, ки аз пинҳон намудани даромадҳо ба андозсупорандагони масъулиятшинос дида мешавад, муносиб карда шавад.*

**Феҳрасти адабиёти истифодашуда:**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1998, 2004, 2012 (бо тағйироту иловаҳо).
2. Шомуродов Ф. "Системаи миллии андоз" Душанбе, 2009.
3. Ҳомидов Х. Х. "Моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоии андоз" // "Паёми ДДҲБСТ", маҷаллаи илмию назариявӣ. Хуҷанд, 2002, №1–2.
4. Юткина Т. Ф. "Налоги и налогообложение", учебник. М., "ИНФРА–М", 2000.
5. Денберг Р. Л. "Международное налогообложение". М., 1997, 375 с.
6. Мещерякова О. В. "Налоговые системы развитых стран мира (справочник)". М., фонд "Правовая культура", 1995, 239 с.



***Темиров К.О.,***
***ассистент***


# МУТОБИҚАТИ ПАРДОХТҲО ВА САМТҲОИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ

Рушди босубот ва тамоюли иқтисодиёти миллӣ бевосита аз вазъияти ба амаломада ва самаранокии низоми андоз дар шароити дигаргунсозиҳои бозор вобаста аст. Дар ҷараёни дигаргунсозиҳои бозор, ки дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ташаккули низоми оқилонаи андоз пеш омад, ки ҳамчун манбаи ғанигардонии буҷети давлат ва дар як вақт иҷрокунандаи вазифаи танзимоти андозҳо хидмат мекунад.

Дар шароити муосир низоми андоз яке аз олотҳои таъсиркунандаи сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, воридоти андоз сарчашмаи асосии даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногун бошад, аз тарафи дигар, баробари тағйир додани ҳаҷмҳои захираҳои молиявии ситонидашавандаи субъектҳои хоҷагидорӣ, давлат ба фаъолияти иқтисодии андозсупорандагон таъсир мерасонад, яъне иҷрои вазифаи ба танзимдарории андозҳоро таъмин менамояд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки масъалаи сабуктар кардани гаронии андоз нисбат ба ҳар як андозсупоранда бояд мувофиқи қонун ва одилона ҳал карда шавад.

Азбаски маҳаки асосии низоми андоз дар шароити муосир сатҳи гаронии (вазнинии) андоз ба субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад, азхудкунии

назариявии мафҳуми "гаронии андоз" ва тавсияҳои дастурии баҳодиҳии он барои қабули қарорҳои тактикӣ ва стратегӣ аҳамияти калон касб менамояд.

Моҳияти иқтисодии мафҳуми "гаронии андоз" аз нуқтаи назари иқтисоддонҳо ба тарзи гуногун баррасӣ гардидааст.

Таҳлили адабиёти иқтисод гувоҳӣ медиҳад, ки мафҳуми гаронии андоз таърихан дар як вақт бо мафҳумҳои аввалин оиди андозҳо ба вуҷуд омадааст.

Гаронии андоз ҳиссаи ситонидашавандаи қисми захираҳои молиявии субъектҳои гуногуни иқтисодро дар шакли пардохтҳои андоз, ҳамчунин, хароҷоти бо пардохти ин андозҳо вобастаро инъикос менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар радифи нишондиҳандаи гаронии андоз мафҳумҳои шабеҳи он, ба монанди вазнинии андоз ва фишори андоз, маъмуланд.

Вазнинии андоз бузургии мутлақи гаронии он буда, маблағи андозҳои пардохташударо чи дар сатҳи корхонаҳо, чи дар сатҳи макроиқтисодиёт ифода менамояд. Фишори андоз таъсироти маҷмӯи гаронии он ба иқтисодиёти давлат, субъекти иқтисод ва ё дигар андозсупоранда мебошад.

Муҳимияти устувории муаммои гаронии андоз бо вазифаҳои андозҳо дар шароити иқтисодиёти бозор муайян мегардад. Аз ин ҷиҳат дар амалия сиёсати андозу буҷет самаранок ва ҳамаҷониба мукаммал мегардад, агар он дар таҳлил ва баҳодиҳии гаронии андоз дар сатҳҳои гуногуни иқтисодиёт асос ёфта бошад. Вале, ҷустуҷӯи сатҳи муносиби ситонидани андозҳо яке аз муаммоҳои мураккаб ва зиддиятнок дар амалияи муосири андозбандӣ ба шумор меравад. Ҳалли ин муаммоҳо, қабл аз ҳама, аз баҳодиҳии ҳақиқии гаронии андоз, тақсимоти баробари он байни соҳаҳои сектори реалии иқтисодиёт, дараҷаҳои гуногуни андозсупорандагон, ҳамчунин, аз дараҷаи асосноккунии чораёни ташаккули чунин бузургиест, ки ба шароитҳои иқтисодиёти бозори даври гузариш мувофиқ карда шуда бошад.

Дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ дар бораи сиёсати буҷети давлат барои солҳои 2009–2010 ба зарурати минбаъдаи навсозии низоми андоз, аз он ҷумла, низоми маъмурияти он, мутобиқати чораёни ислоҳоти андоз махсусан таъкид карда мешавад. Ин сиёсат дарояндаи миёнамӯҳлат, дар баробари таъмини даромади буҷет, инчунин ба навсозии иқтисодиёт, рушди сармоягузорӣ, воридоти технологияҳои ҳозиразамон, таъсиси корхонаҳои нав, муҳайё намудани ҳазорҳо ҷойҳои иловагии кор ва зиёд намудани иқтидори содироти мамлакат мусоидат хоҳад намуд. Дар доираи иҷрои супоришҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ аз 1-уми январи соли 2013 Кодекси андоз дар таҳрири нав мавриди амал қарор дода шуд. Таҳрири нави Кодекси андози ҶТ бо назардошти таҷрибаи ватаниву хориҷӣ бо ҷалби коршиносон, мутахассисони соҳа, намояндагони вазорату идораҳо ва соҳибкорони кишвар бо иштироки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ бо мақсади такмилу тақвияти муносибатҳо дар соҳаи андоз таҳия ва қабул карда шудааст. Тибқи он шумораи умумии андозҳо аз 21 намуд то 10 намуд (аз 1 январи соли 2017 то 9 намуд), аз ҷумла андозҳои умумидавлатӣ аз 17 адад то 8 адад, андозҳои маҳаллӣ аз 4 адад то 2 адад кам карда, то соли 2017 паст намудани меъёри андоз аз фоида барои истеҳсолкунандагон аз 15 фоиз то 13 фоиз ва барои дигар намуди фаъолият аз 25 фоиз то 23 фоиз пешбинӣ карда шудааст.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки Кодекси андоз ҷавобгӯи шароити кунунии иҷтимоию иқтисодии кишвар буда сабукӣ ва имтиёзҳои дар он пешбинишаванда барои боз ҳам мусоидтар гардидани фазои иқтисодии кишвар ва паст кардани гаро-

нии андоз ба миқдори муайян дар низоми андози кишвар шароит фароҳам меорад. Вале ҳангоми қабули қарорҳои нав соли 2012 дар соҳаи сиёсати андозу буҷет то сатҳи зарур ва кифоя муносибгардонии гаронии андоз ба назар гирифта нашудааст. Барои муайян намудани гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2009–2013), истифода аз нишондиҳандаҳои омор ва андозаи иқтисодиёти пинҳонӣ 25%, ки дар расонаҳои иттилоотии иқтисод оварда шудааст ва 45%, ки аз ҷониби таҳлилгарони байналмилалӣ муайян карда шудааст, истифода менамоем *(ниг. ба ҷадвали 1)*.

***Ҷадвали 1***

**Гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2013**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2009* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* |
| 1 | МУД | 20628,5 | 24707,1 | 30071,1 | 36161,2 | 45245,6 |
| 2 | Афзоиши МУД нисбати соли гузашта бо % | 18,6 | 19,8 | 21,7 | 20,2 | 25,1 |
| 3 | Қисми даромади буҷети давлатӣ мутобиқи нақша | 5766,6 | 7110,2 | 8825,6 | 10761,0 | 12057,5 |
| 4 | Қисми даромади иҷрошудаи буҷети давлат | 5951,8 | 7024,4 | 8937,9 | 9673,5 | 12187,3 |
| 5 | Даромади буҷети давлат аз ҳисоби андозҳо (бе назардошти андози иҷтимоӣ) | 3659,1 | 4443,9 | 5892,1 | 7102,2 | 8563,5 |
| 6 | Афзоиши буҷети давлат нисбати соли гузашта бо % | 17,5 | 18,1 | 27,2 | 7,4 | 27,0 |
| 7 | Вазни қиёсии андозҳо дар қисми даромади буҷети давлат бе назардошти андози иҷтимоӣ бо % | 61,5 | 63,3 | 65,2 | 74,0 | 70,0 |
| 8 | Гаронии андоз (бо назардошти иқтисодиёти пӯшида ба андозаи 25%) | 23,65 | 23,99 | 26,13 | 26,19 | 25,24 |
| 9 | Гаронии андоз (бо назардошти иқтисодиёти пӯшида ба андозаи 45% (дар асоси таҳлили мумайизони байналмилалӣ)) | 32,17 | 32.71 | 35,63 | 35,71 | 34,42 |

**Сарчашма**: *"Нишондиҳандаҳои асосии низоми ҳисоби миллӣ" // Маҷмӯаи омор. Д., 2013.*

Аз нишондодҳои ҷадвал бармеояд, ки соли 2009 гаронии андоз дар иқтисодиёти кишвар, ҳангоми иқтисодиёти пинҳонӣ ба 25% баробар будан, 23,65%-ро ташкил медиҳад. Соли 2010 бошад, гаронии андоз 23,99%-ро ташкил додааст, соли 2011 он ба 26,13% баробар шуд. Соли 2012 бошад, гаронии андоз нисбат ба соли 2011 афзуда, 26,19%-ро ташкил дод.

Ҳамин тариқ, баъд аз қабули Кодекси нави андоз ва 1-уми январи соли 2013 мавриди амал қарор гирифтани он соли 2013 гаронии андоз нисбати соли 2012 кам шуда, ба 25,24% баробар мешавад.

Солҳои 70–80-ум ҳамаи давлатҳо таълимоти олими амрикоӣ А. Лафферро дар бораи вобастагии мизони андоз ва сатҳи даромад қабул кардаанд (расми А). Дар расм тири амудӣ мизони андозҳоро нишон медиҳад, тири уфуқӣ бошад, воридот ба буҷетро нишон медиҳад, дар суръати зиёд кардани мизони андоз аз

тарафи давлат, ҳаҷми воридот меафзояд. Ин ҳолат то ба нуқтаи ақал расидан давом мекунад, баъд аз ин афзоиш суст мешавад ва бо зиёд намудани мизони андоз метавонад, якбора паст шавад.

Ҳамин тариқ, ҳангоме ки мизони андоз як сатҳи муайянро ишғол мекунад, ҳавасмандӣ ба соҳибкорӣ, васеъ кардани истеҳсолот аз байн меравад ва ҳаҷми даромаде, ки ба андозбандӣ пешниҳод карда мешавад, коҳиш меёбад. Ҳангоми 100% баробар шудани мизони андоз воридот ба буҷет ба сифр баробар мегардад, чунки ҳеҷ кас намехоҳад, ба давлат муфт кор кунад. Қисми соҳибкорон ба иқтисодиёт ғайриқонунӣ дохил мешаванд. Аз рӯи назарияи А. Лаффер тараққиёти иқтисодиёти ғайриқонунӣ, яъне иқтисодиёти пинҳонии барзиёд ба низоми андоз чаппа мутаносиб мебошад, яъне зиёдшавии андозҳо ба зиёдшавии иқтисодиёти ғайриқонунӣ оварда мерасонад. Дар натиҷа:

Каҷхаттаи Лаффер *Расми А*




Вале андозҳоро аз ҳад зиёд паст кардан мумкин нест. Ба хотир меорем, ки андозҳо вазифаи маҳдудкуниро ҳам иҷро мекунанд. Мизонҳои пасти андозҳо ба зиёдшавии фаъолияти соҳибкорӣ меоранд, ки он ба бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ ва вайрон шудани муҳити зист оварда мерасонад.

Умуман, бо назардошти гуфтаҳои дар боло оварда, самтҳои асосии мукаммалгардонидани сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст намудани гаронии андоз ба иқтисодиёт, субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ инҳоянд:

– *танзими гаронии андози соҳа, бо назардошти соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, бахусус, секторҳои реалии иқтисодиёт;*

– *муқаррар кардани меъёри ҳосилавии андоз аз арзиши иловашуда ба молҳои ниёзи мардум, маҳсулоти хӯрока;*

– *бо мақсади сабук гардонидани гаронии андоз ба дӯши аҳолӣ бекор кардани андози фурӯши чакана;*

– *бо мақсади вусъат додани фаъолияти сармоягузории соҳибкорӣ пурра ва ё қисман озод кардани корхонаҳо дар ҷараёни амалигардонии лоиҳаи инвеститсионӣ.*

***Адабиёти истифодашуда:***

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 15.04.2009 "Дар бораи сиёсати андозӣ барои солҳои 2009–2010", саҳ. 52.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 апрели соли 2013 // "Ҷумҳурият", нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27.04.2013, №59–60, саҳ 2.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, "Шарқи озод", 1998.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 сентябри соли 2012, таҳти рақами 902. Душанбе, 2012.
5. Бурцев Д. Г. "Изменения в налоговом администрировании в условиях модернизации налоговых органов" // "Налоговый вестник", 2002, №1.

**Халимов И. М.,**
**ассистент-магистр**

# ФОРМИРОВАНИЕ И ФУНКЦИОНИРОВАНИЕ ЭЛЕКТРОННОЙ ПЛАТЕЖНОЙ СИСТЕМЫ В РТ

В соответствии с законодательством Республики Таджикистан денежные средства предприятий и физических лиц хранятся в кредитных организациях на определенных счетах. Осуществляя расчётно-кассовое обслуживание, банки выполняют важную общественно значимую функцию: выдача и приём всех видов платежей от населения. Ведь в первую очередь, именно качественное расчётно-кассовое обслуживание привлекает клиента. Самым распространённым видом расчетно-кассового обслуживания является осуществление платежей с помощью кредитных карт. Обслуживание клиентов в их офисах и на дому обобщенно именуется дистанционным банковским обслуживанием (ДБО). Таким образом, ДБО – это предоставление банковских продуктов (оказание банковских услуг) на расстоянии, вне офиса банка, без непосредственного контакта клиента с сотрудниками банка.

В экономических классификациях выделяют три вида дистанционного банковского обслуживания:

*– традиционные системы "банк-клиент" – так называемый "толстый" клиент;*

*– предоставление электронных банковских услуг посредством Internet / Intranet – так называёмый "тонкий" клиент;*

*– компьютерная телефония (как правило, информационная) – предоставление электронных банковских услуг по телефону и телефаксу.*

Вместе с тем, к перечисленным видам дистанционного банковского обслуживания также следует отнести: доступ к счёту посредством банковских расчётных карт. Естественно, что набор доступных банковских услуг в том или ином направлении различен, однако часть из них может пересекаться – например, остаток на счёте можно узнать, пользуясь всеми видами дистанционного банковского обслуживания. Каждый пользователь банковских услуг, (клиент банка) в соответствии

со своими возможностями и представлениями об удобстве, выбирает для себя тот или иной вид обслуживания (а может быть, и несколько одновременно).

Наиболее популярными является системы класса "банк – клиент", которые предназначены главным образом для расчетно-кассового обслуживания клиентов и обмена информацией между ними и банком. Еще один распространенный вид ДБО – телефонное обслуживание, которое дает клиенту возможность с помощью телефонного аппарата получать самую разную информацию о движении средств на своем счете и состоянии финансового рынка. В этой сфере ещё одним из видов систем является, система "банк – клиент".

Самостоятельная форма оказания банковских услуг – предоставление клиентам (физическим и юридическим лицам) возможности вести многие банковские операции с использованием современной электронной техники с удаленного рабочего места – из дома (так называемый "home – banking"), контора фирмы, автомобиля и т. д. Заключив с банком соответствующий договор или отразив соответствующие положения в обычном договоре банковского счета, пользователи таких банковских услуг самостоятельно приобретают необходимое оборудование, а банк консультирует их по вопросам оборудования соответствующих терминалов и приобретения необходимого программного обеспечения. В первую очередь банк также гарантирует техническую и методическую поддержку при установке системы и начальном обучении персонала клиента, обновлении программного обеспечения, а в дальнейшем консультировать и давать рекомендации по тем или иным вопросам.

Подобные технические системы (обычно их именуют системами "банк – клиент") позволяют клиенту, используя персональный компьютер, подключаться по телекоммуникационным линиям связи к банковскому компьютеру и проводить нужные ему операции круглосуточно. Перед началом каждой операции владелец счета использует свой секретный ключ, без знания которого подключиться к системе невозможно.

Так, система "банк – клиент" позволяет клиенту:

*– знакомиться с банковскими правилами;*

*– получать справочную информацию (перечень выполняемых банком операций, курсы валют и т.д.);*

*– получать сведения о состоянии своего счета в форме соответствующих выписок;*

*– передавать в банк платежные поручения;*

*– получать электронные копии платежных документов о зачислении средств в пользу клиента;*

*– обмениваться с банком электронными текстовыми сообщениями и финансовой информацией;*

*– зачислять средства на счет (если это допускается) и перечислять средства со счета (оплата товаров и услуг, выполнение налоговых и иных обязательных платежей);*

*– перечислять деньги с одного счета на другой счет;*

*– заказать чековую книжку и отчет о движении средств на счете за определенный период времени;*

*– покупать и продавать ценные бумаги и др.*

Для клиентов банков важнейшим фактором, сдерживающим их массовое вступление в число пользователей подобных систем, остается уровень платы за такие удобства. Следует отметить, что в нашей стране в настоящее время системы "банк – клиент" работают в основном через телефонные каналы связи.

Дистанционное обслуживание клиентов может вестись также с помощью телефона и специальных программ, при наличии которых компьютер способен самостоятельно отвечать на вопросы клиента. Такой вид банковского обслуживания клиентов называется телефонным банкингом (телебанк). Так например, в 2003 г. "телефонный банк" появился и в Таджикистане: сразу четыре банка "Агроинвестбанк", "Ориён-банк", "Эсхата-банк" и "Таджикский кредит" объявили о введении подобных услуг. Наряду с другими системами телебанк дает клиенту следующие возможности:

*– получить в речевом виде информацию об остатках на счетах за любой операционный день;*

*– получить факсимильную копию выписки из счета за любой операционный день, за произвольный период, в том числе за весь период обслуживания в банке;*

*– получить в речевом виде информацию о суммах поступлений в пользу клиента за любой операционный день;*

*– распоряжаться движением средств по счету. Каждому платежу, который клиент может распорядиться провести, используя телебанк, присваивается код, система хранит такие платежи в виде "макетов" платежных поручений с фиксированными реквизитами и пустыми полями, подлежащими заполнению клиентом. При проведении платежа система запрашивает у клиента код платежа и предлагает заполнить пустые поля;*

*– отозвать переданное в банк распоряжение о платеже до того, как оно попадет в расчетную сеть Банка Таджикистан (по заявке клиента система формирует документ, отменяющий предыдущее распоряжение);*

*– проводить плановые (обязательные) платежи;*

*– заказать наличность в любой валюте с тем, чтобы получить ее в кассе или обменном пункте банка;*

*– передать в банк заявку на предоставление технического овердрафта в случае нехватки средств на счете для проведения ответственного платежа;*

*– дать распоряжение о передаче факсимильной копии платежного поручения, переданного через телебанк, либо стандартным способом своему корреспонденту. При использовании данного режима клиент имеет возможность получить оплачиваемый им товар (услуги), находясь в офисе поставщика.*

Понимая всю важность того, чтобы уже сегодня банки могут предоставлять своим клиентам самые перспективные электронные услуги, занимая тем самым ключевые позиции в этом секторе рынка, многие из них, тем не менее, не спешат с этим. Главная причина – в необходимости очень серьезных затрат банка, обусловленных повышенными требованиями к безопасности, надежности, защищенности и быстродействию, предъявляемыми к передовым электронным системам.

Их внедрение обязательно повлечет за собой существенное увеличение затрат на поддержку и администрирование программно-аппаратного комплекса банка. Но постепенный прогресс в этой области банковской деятельности как в мире в целом, так и в Таджикистане, очевиден.

Другой вид электронных технологий в банке – Интернет-банкинг, под которым обычно понимается предоставление банками юридическим и физическим лицам соответствующих услуг (оптовых и розничных) посредством публичных сетей связи – Интернета с помощью специального программно-аппаратного комплекса. Практика свидетельствует – Интернет-банкинг является одним из наиболее динамичных сегментов электронной коммерции. При этом возможности использования Интернета в области банковского дела постоянно расширяются, появляются новые службы и технологии, которые доступны теперь даже самым неопытным пользователям.

В сущности, Интернет-банкинг представляет собой вариант дистанционного способа оказания банковских услуг клиентам. В широком смысле под данным термином можно понимать самые разнообразные системы, начиная от обычных сайтов банков и заканчивая сложными виртуальными расчетно-платежными системами. В более узком значении Интернет-банкинг – это аналог системы "банк – клиент", работающий через Интернет. Существуют системы, в которых Интернет используется только как средство передачи данных, и системы, в которых Интернет используется как самостоятельная информационная технология.

*Во-первых*, Интернет выступает как канал связи между банком и клиентом и, по сути, представляет собой только дополнение к классическим системам "банк – клиент". Это повышает оперативность и мобильность связи деловых партнеров, но зато несколько снижается уровень безопасности совершаемых трансакций, поскольку Интернет – сеть открытая.

*Во-вторых*, прикладное программно-математическое обеспечение (ПО) представляет собой специальное Интернет-приложение, функционирующее только в сеансе диалоговой связи клиента с банком. При использовании подобных систем клиенту не нужно устанавливать ПО и хранить соответствующие электронные базы данных на своем компьютере. В данном случае клиент может получить доступ к своему банковскому счету, войдя в сервер банка в Интернете с любого компьютера, предварительно введя свой пароль и ПИН. Для повышения безопасности в подобных системах применяются различные способы защиты экономической информации от несанкционированного доступа.

Интернет-системы первого типа предпочтительнее для клиентов, желающих иметь более высокий уровень безопасности проводимых трансакций. Интернет-системы второго типа более эффективны в эксплуатации для банковских клиентов, а также более мобильны. Как показывает практика, следующим эффективным направлением дистанционного обслуживания для физических лиц являются банковские карты. Банковская пластиковая карта – просто одна из разновидностей финансовых карт, которая является персонифицированным платежным средством, предназначенным для оплаты товаров, услуг, а в некоторых случаях и для совершения иных денежных операций, таких, как получение кредита, получение наличных денег в банках и их филиалах и через банковские

автоматы (банкоматы), внесение наличных денег в банки через банкоматы. Так, если обратиться к статическим данным на период 1.08.2013г. количество эмитированных кредитными организациями платежных карт составило 91 тыс. единиц. Основную часть платежных карт, выпущенных в обращение составляют платежные карты, выпущенные ОАО "Агроинвестбанк". Их доля в общем объеме составляет – 37,8%, ОАО "Ориенбанк" – 25%, ОАО "Таджиксодиротбанк" – 19%, ОАО "Банк Эсхата" – 5,8%, ГСБ РТ "Амонатбанк" – 10,2%, ЗАО ТАК ПБРР "Таджпромбанк" – 1,1% и ЗАО "Казкоммерцбанк Таджикистан" – 1,1%.

В течение последних двух лет наметилась позитивная тенденция использования платежных карт в целях оплаты товаров (работ, услуг). Удельный вес количества операций в торгово-сервисных точках на 1 августа 2011 года составил 5,6 % от общего количества сделок.

Как отмечается в литературе, для отражения экономической сущности банковских платёжных карт необходимо ввести в оборот понятие "средство управления банковским счётом". Данное понятие является экономической группировкой видов карт по перечню свойств и определено как средство управления банковским счётом – это персонифицированный платёжный инструмент, предоставляющий владельцу возможность безналичной оплаты и получения наличных денежных средств со своего банковского счёта (СУБС).

Таким образом, одной из ключевых проблем экономики Таджикистана является большой удельный вес платежей, основанных как на не денежных расчётах, так и на расчётах с использованием наличных платёжных средств. Существенная часть денежных отношений экономики Таджикистана оказывается выведенной из сферы государственного контроля, регулирования и управления, то есть – из организованного оборота.

Ключевые слова: *денежные средства, банковское обслуживание, банк, технические системы, чековая книжка, ценная бумага, интернет-банкинг.*

***Список использованных источников:***

1. Белоглазова, Г. Н. "Деньги, кредит, банки", учебник // Г. Н. Белоглазова. М., "Юрайт-Издат", 2006, 620 с.

2. Баранов, И. "Платежная система как гарант безопасности государства" // И. Баранов // "Банковское дело", 2007, №11, с. 43–45.

3. Баранов, И. "Платежная система как гарант безопасности государства" // И. Баранов // "Банковское дело". М., Агентство "Роспечать", 2005, N11, с. 43–45.

4. Баранов, И. "Платежная система как гарант безопасности государства" // И. Баранов // "Банковское дело", 2007, №11, с. 43–45.

5. Булатов, М. А. "Совершенствование безналичных расчетов" // М. А. Булатов // "Бухгалтерия и банки", 1996, №4, с. 30–34.

6. Березина, М. П. "Вопросы теории безналичных расчетов" // М. П. Березина // "Банковское дело", 1998, №8, с. 26--32.

7. "Беларуси" // И. Пищик // "Банкаскі веснік", 2009, №7, с. 3--10.

8. Белоглазова, Г. Н., Королевецкая Л. П. "Банковское дело". М., Питер, с. 2003, 208.

***Раупов П. Х.,***
***донишҷӯи соли сеюми***
***ихтисоси молия ва қарз;***
***роҳбари илмӣ н.и.и.,***
***дотсент Тӯхтаев Т. М.***

# ТАЪСИРИ ФИШАНГИ МАҶМӮАВӢ ДАР ИДОРАИ ХАВФИ СОҲИБКОРӢ (дар мисоли ҶДММ "Лидер")

Дар шароити рақобати шадиди бозор ба субъектони фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст, ки барои идораи селаҳои пулии корхонаашон, усулу шартҳои менеҷменти молиявии муосирро дар сатҳи маҳорати касбӣ мавриди истифода қарор дода тавонанд. Дар ибтидои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии мо ба ин усулу шартҳо аз тарафи соҳибкорони ватанӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намешуд.

Дар кори илмии мазкур мо бо роҳбариву мадади устодонамон кӯшиш ба харҷ додем, ки ба ин ва як қатор саволҳои дигари марбут ба таҳлили амалиётии фаъолияти истеҳсолӣ, ки то имрӯз дар адабиёти касбӣ равшании зарур бар онҳо андохта нашудааст, посуххои воқеӣ дода шаванд. Аниқтараш, дар ин кори илмӣ, маҷмӯи олоти зарури риёзӣ аз қабили фишангхои молия ва амалиёт, ҳудуди фоида ва захираи устувори молиявии ширкат барои идорасозии селаҳои пуле, ки ҳини фаъолияти соҳибкорӣ таҳти ихтиёр дошта метавонед, оварда шудааст. Олоти мазкур бештар такя ба васоити муосири менеҷменти молия намудаанд.

Дар ин бобат Ф. Бригхэм тавсифи бамаврид овардааст: *"Ширкат аз воситаҳои қарз ва саҳмияҳои имтиёзнок истифода намуда, бо ҳамин хавфи соҳибкории худро дар дӯши дорандаи саҳмияҳои оддӣ марказонидааст. Масалан, даҳ нафар қарор қабул мекунанд, ки ширкати кроссовкабарорӣ таъсис диҳанд. Дар ин фаъолият ҳиссаи муайяни хавфи соҳибкорӣ мавҷуд аст. Агар ин ширкат пурра аз ҳисоби саҳмияҳои оддӣ маблаггузорӣ гардида, ҳар яке 10% саҳмияҳоро соҳибӣ намояд, пас инвесторони мазкур ҳиссаҳои баробари хавфи соҳибкориро (10%) ба зиммаи худ хоҳанд гирифт. Аммо, агар ширкат ба андозаи 50% аз ҳисоби воситаҳои қарз ва 50% аз ҳисоби саҳмияҳои оддӣ маблагузорӣ гардад, 5 нафар инвесторон воситаҳои худро ба саҳмияҳои оддӣ ва 5 нафари дигар ба воситаҳои қарз гузошта бошанд, пас соҳибони саҳмияҳои оддӣ хавфи соҳибкориро пурра ба зиммаи худ мегиранд; ҳамин тавр, саҳмияҳои онҳо назар ба ҳолати қаблӣ акнун ду баробар хавфноктар арзёбӣ мешаванд"*. Шарти асосии таҳлили амиқи амалиёт муттаҳид намудани хароҷоти тағйирёбандаи мустақими моли додашуда ба хароҷоти доимии тағйирёбанда ва ҳисоб кардани маржаи фосила (натиҷаи фурӯш пас аз рӯпӯш намудани хароҷоти тағйирёбандаи мустақим ва хароҷоти доимии мустақим) мебошад.

Агар маржаи фосила ақалан қисми хароҷоти доимии корхонаро рӯпӯш карда тавонад, пас ин мол бояд дар номгу ҷой дода шавад. Айни ҳол молҳое, ки ҳарчӣ бештар хароҷоти доимии корхонаро рӯпӯш мекунанд, албатта, афзалиятноктар мебошанд. Ҳудуди безарар ва ҳудуди фоиданоки моли додашуда аз рӯи маълу-

моти зерин ҳисоб карда мешавад *(ҳамаи нишондиҳандаҳои мутлақ бо ҳа-зор сомонӣ):*

| | |
|---|---|
| Нархи фурӯш | 500 |
| Ҳаҷми фурӯш дар як сол | 100 дона |
| Маблағи солонаи фурӯш | 500×100 = 50 000 |
| Хароҷоти тағйирёбанда ба як воҳиди мол | 380 |
| Маржаи маҷмӯавӣ | (500 – 380) × 100=12 000 |
| Зариби маржаи маҷмӯавӣ | 12 000 / 50 000 = 0,24 |
| Хароҷоти доимии мустақим ба воҳиди мол | 7000 |
| Маржаи фосила | 12 000 – 7 000 = 5 000 |
| Ҳиссаи маржаи фосила дар маблағи фурӯш | 5 000 / 50 000 = 0,1 |
| Хароҷоти доимии ғайримустақим | 3000 |
| Фоида | 2000 |

Ҳудуди безарарӣ = 7000 ÷ 120 = 58,3 дона (яъне 59 дона), ё 7000 ÷ 0,24 = 29166,70 ҳазор сомонӣ. Ҳамин тавр, моли додашуда дар рӯпӯш намудани хароҷоти доимии корхона аз 59-ум воҳиди фурӯхташудаи он иштирок хоҳад кард, камтар аз 59 дона истеҳсол намудан маънои зарар бардоштанро дорад:

| | |
|---|---|
| Маблағи фурӯш | 500 × 59 = 29500 |
| Хароҷоти тағйирёбанда | 380 × 59 = 22420 |
| Маржаи маҷмӯавӣ | 120 × 59 = 7080 |
| Хароҷоти доимии мустақим | 7000 |
| Маржаи фосилавӣ (қариб баробари сифр!) | 7080 – 7000 = 80 |

$$\text{Ҳудуди фоиданокӣ, дона} = \frac{7\,000+3\,000}{120} = 83{,}3 \text{ (яъне, 84 дона)}$$

$$\text{Ҳудуди фоиданокӣ, ҳазор сомонӣ} = \frac{7\,000+3\,000}{0{,}24} = 42\,000$$

**Хулосаҳо**

Ҳангоми ба 42 000 ҳазор сомонӣ баробар будани маблағи фурӯш хароҷоти тағйирёбанда ба 31 920 ҳазор сомонӣ баробаранд: маржаи маҷмӯавӣ ба андозаи 10 080 ҳазор сомонӣ хароҷоти доимии мустақимро рӯпӯш намуда, ба андозаи 3 080 ҳазор сомонӣ маржаи фосила боқӣ мемонад, ки айнан баробари хароҷоти доимии ғайримустақими корхона аст.

Агар фурӯши мол дар давоми сол мунтазам ва муттасил ҷараён гирифта бо-

шад, пас тасаввур кардан мумкин аст, ки моли додашуда тақрибан аз аввалҳои моҳи август ба рӯпӯш намудани хароҷоти доимии корхона шурӯъ намудааст:

$$\frac{12\ моҳ \times 59\ дона}{100\ дона} = 7.08\ моҳ$$

ва дар аввали моҳи ноябр аз ҳисоби фоидаи худ ба рӯпӯш намудани хароҷоти доимии корхона оғоз намудааст:

$$\frac{12\ моҳ \times 84\ дона}{100\ дона} = 10{,}08\ моҳ$$

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлил ва тадқиқот дар доираи мавзӯи интихобшуда як қатор хулосаҳои корӣ таҳия гардиданд:

1. Таҳлили амалиёти корхонаҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир яке аз воситаҳои беҳтарини муайян намудани самтҳои оқилонаи сиёсати молиявии корхона ба шумор рафта, барои дуруст идора намудани хароҷот ва баланд кардани сатҳи фоиданокӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зарур аст, ки дар самти омӯхтани роҳу усулҳои таҳлили амалиёт ва дар ин замина ҳарчӣ беҳтар идора кардани хавфи соҳибкорӣ чораҳои судманд аз тарафи сохторҳои тиҷоратии ватанӣ мавриди татбиқ қарор гиранд.

2. Барои дуруст оғоз намудани таҳлили амалиёти корхона зарур аст, ки тарзу услуби муҳосибот мувофиқ буда, маълумоти муҳосибот мушаххасу аниқ бошанд, зеро аз ҳар қимате, ки барои гузаронидани таҳлил дар ин самт дода мешавад, дурустии натиҷаи таҳлил ва баровардани хулосаву қабул намудани қарори муносиб вобастагии қавӣ дорад. Дар сохторҳои тиҷорати имрӯза, бахусус, ширкатҳои тиҷоратии хусусӣ муҳосибот ҳанӯз дар доираи стандарти ягона ба роҳ монда нашудааст. Ҳамин камбудӣ садди роҳи таҳлили дуруст ва баровардани хулосаҳои мушаххас барои идора кардани хавфи соҳибкорӣ мегардад.

3. Асоси таҳлили амалиётии фаъолияти соҳибкориро ҳисоб намудани қиматҳои фишанги молиявӣ ва фишанги амалиётӣ ташкил медиҳанд. Маҳз дар асоси ҳамин нишондиҳандаҳо метавон оид ба таъсири онҳо дар алоҳидагӣ ва таъсири муштараки онҳо хулосаҳои илмӣ бароварда, самтҳои минбаъдаи идораи хавфи молиявӣ ва соҳибкориро муайян намуд.

4. Дар натиҷаи татбиқи таҳлили амиқи амалиёт муайян намудани молҳои бештар фоиданок дар номгӯи моҳонаи корхонаи тиҷоратӣ имконпазир мегардад. Таҳлил нишон дод, ки ба воситаи истифода аз таҳлили муфассали амалиёт метавонем, аз байни номгӯи молҳо ва хидматҳое, ки корхона истеҳсол менамояд, молу хадамоти бештар фоиданокро интихоб карда, дар рушди бозори маҳз ҳамин молҳо чораҳои таъсирбахш амалӣ намоем.

5. Аз рӯи натиҷаи таҳлили амиқи амалиёт дар асоси нишондиҳандаҳои молиявии ЧДММ "Лидер" баровардани хулосаҳои амалии зерин муяссар гашт:

*– аз рӯи қувваи начандон калони фишанги амалиёт хулоса кардан мумкин аст, ки корхона ба истеҳсолоти ғайриавтоматиконида машғул буда, асосан аз меҳнати дастӣ истифода мебарад, зеро барои корхонаҳои калонтарини механиконида қувваи фишанги амалиёт нисбатан бузург мешавад, чунки барои чунин корхонаҳо сатҳи нисбатан баланди хароҷоти доимӣ (ҳиссаҷудокуниҳои истеҳсолӣ ва ғайра) хос мебошанд;*

*– таҳлил нишон дод, ки ҳам фоида ва ҳам маржаи маҷмӯавӣ дар давраи таҳлил ба маблағи 900 сомонӣ афзудаанд. Агар ин маблағ кифоя бошад, корхона*

*метавонад, фаъолияти худро васеъ кунад. Баробари дур шудани маблаги фурӯш аз қимати ҳудудиаш ҚТФА суст мешавад, ЗУМ бошад, меафзояд. Сабаби ин ҳолат кам шудани хароҷоти доимӣ дар даври додашуда мебошад;*

*– чуноне ки аз натиҷаи таҳлил дида мешавад, дифференсиали фишанги молиявӣ (ФИ-ММҲФ) қимати манфӣ гирифтааст. Дар чунин вазъият корхона хавфи молиявии хеле баландро дар дӯш дорад. Бар замми он гаронии фоизҳои қарз хароҷоти доимиро афзуда, ҚТФА-ро низ зиёд мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ба корхона хавфи баланди соҳибкорӣ низ таҳдид менамояд;*

*– акнун дар асоси таҳлили гузаронидаамон унсурҳои фоиданокиро аз рӯи дараҷаи таъсирашон ба фоидаи корхона ба гурӯҳҳо тақсим мекунем (ба хотир меорем, ки тағйирот мутаносиб буда, дар сатҳи 10% қарор доранд): 10% болоравии нарх фоидаро 67% меафзояд, мувофиқан паст гаштани нарх бошад, баръакс, фоидаро 67% коҳиш медиҳад; ҳангоми тағйирёбии хароҷоти тағйирёбанда фоидаи корхона 47% тағйир меёбад; боло бардоштани ҳаҷми фурӯш ба 10% ба афзоиши 20 фоизаи фоида оварда мерасонад; аз ҷумлаи омилҳои дида баромадаамон таъсири тағйирёбии хароҷоти доимӣ ба натиҷаҳои молия аз ҳама кам аст. Тағйирёбии 10-фоизаи ин хароҷот ба тағйирёбии мутаносиби 10-фоизаи фоида оварда мерасонад.*

## *Рӯйхати адабиёт:*

1. Бригхэм Ю., Гапенски Л. "Финансовый менеджмент", полный курс, том 1, пер. с англ. // под ред. В. В. Ковалева. Спб "Экономическая школа", 1997, стр. 254.

2. Бланк И. А. "Стратегия и тактика управления финансами". Киев, ИТЕМлтд, "АДЕФ – Украина", 1996, стр. 345.

3. Быкова Е. В., Стоянова Е. С. "Финансовое исскуство коммерции". М., "Перспектива", 1999, стр. 65.

4. Дж. К. Ван Хорн, Дж. М. Вахович "Основы финансового менеджмента", 12-е издание. М., С-Пб, издательский дом "Вильямс", 2008.

5. Тӯхтаев Т. М. "Менеҷменти молиявӣ: назария ва амалия", китоби дарсӣ. Хуҷанд, "Ношир", 2012, саҳ. 384.

6. "Финансовый менеджмент: теория и практика", учебник // под ред. Стояновой Е. С.; 5-е издание, прераб. и дополнен. М., "Перспектива", 2005, с. 302.

## Бахши иқтисод ва соҳибкорӣ

**Комарова Г. Б.,**
**к.э.н., доцент**

# РОЛЬ РЕГИОНОВ В ФОРМИРОВАНИИ "ПОЛЮСОВ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ" НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Процессы глобализации мировой экономики создают предпосылки для активизации роли регионов на международном рынке и в системе международных экономических отношений в целом. Вопросы роста эффективности развития региональной экономики раскрываются в теориях ученых экономистов различных стран. Впервые концепция "полюса роста" была выдвинута в начале 1950-х годов всемирно известным экономистом Франсуа Перру (1903–1987 гг.).

В соответствии с его теорией экономический рост во всех регионах не происходит равномерно, он появляется в некоторых пунктах, а затем распространяется по различным каналам и с переменным эффектом на всю экономику. Территории, расположенные между полюсами роста, получая дополнительные импульсы развития, в комплексе образуют пространственный каркас экономического роста всего региона. Идеи Перру были востребованы в Европе и используются в стратегии развития в Австралии, Швеции, Дании, Бельгии, Италии и других странах. На наш взгляд, при оценке и обеспечении экономического роста в рамках региона, необходим комплексный методологический подход. Следует отметить и тот факт, что в условиях Республики Таджикистан слабая мобильность факторов производства явилась одной из причин спада экономики отдельных регионов. В пределах единой национальной экономики регионы конкурируют за факторы производства, которые в перспективе будут высокорентабельными.

Как свидетельствует практика при сравнении двух регионов, имеющих разный уровень доходов населения и производительности труда, более привлекательным окажется регион с высокой оплатой труда. При условии наличия в благоприятном регионе более высокой эффективности производства многих товаров, а трудовые ресурсы на перспективу являются мобильными, что позволит им переместиться в данный регион.

При условии наличия преимуществ в эффективности производства по отдельным отраслям у обоих регионов, то на долгосрочную перспективу в этих регионах уровень заработной платы должен прийти в равновесное состояние.

В данной ситуации основой внешнеторговой специализации будут абсолютные преимущества регионов. Потеря региональным субъектом абсолютных преимуществ может повлечь за собой резкий спад в развитии экономки. Данный факт объясняется тем, что в торговле между регионами могут возникнуть условия, при

которых отдельный регион может не иметь абсолютных преимуществ. В Республике Таджикистан такая ситуация характерна для южных регионов, значительно отстававших в развитии в связи с процессами индустриализации севера страны, что вызвало отток трудовых ресурсов. Так при среднем уровне номинальной заработной платы в целом по стране в 2012 г. в 555,2 сомони в месяц, самый высокий уровень заработной платы в г. Душанбе (1074,7 сомони) и в РРП (542,1 сомони), что является одним из основных факторов притока рабочей силы в эти регионы. Данная ситуация влечет за собой следующие негативные последствия: рост социальной напряженности в регионах, потеря культурных ценностей, сокращение числа налогоплательщиков, снижение уровня доходов и жизни населения, сокращение доходной части бюджета и т. д.

Перечисленные факторы указывают на то, что возможен спиралеобразный рост дифференциации регионального развития, что может привести к нежелаемым последствиям в политической жизни страны.

Региональная дифференциация в развитии экономики может, осуществляется кумулятивно в связи с отсутствием баланса в их развитии. Так на данный момент времени большая часть отдельных факторов производства сосредоточены в г. Душанбе и Согдийской области и в перспективе эта тенденциях сохранится, т.к. данные региональные субъекты имеют наиболее высокие показатели в развитии потребления и производства, что объясняется также особенностями исторического развития. Такая ситуация, по мнению П. Кругмана и М. Обстфельда, характерна для крупных городских районов и названа ими кумулятивный рост преимуществ региона.

Следует отметить, что доля Согдийской области составляет 32,0 % природно-ресурсного потенциала Таджикистана. Так на Согдийскую область приходится 29,4% численности населения республики, Хатлонскую область – 35,4%, г. Душанбе – 9,6%, Районы республиканского подчинения – 22,9%, ГБАО – 2,6%. Общая земельная площадь, приходящаяся на Согдийскую область составляет 2518,6 тыс. гектар, все сельскохозяйственные угодья 1096,7 тыс. гектар, что в структуре республики соответственно составляет 17,7%, 26,6%.

Динамика удельного веса основных макроэкономических показателей отражена *в табл. 1.*

***Таблица 1***

**Динамика удельного веса основных макроэкономических показателей Республики Таджикистан и Согдийской области за 2006–2012 гг.(%)**

| Годы | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2012 к 2006 (раз) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВРП | 25,9 | 24,1 | 25,4 | 27,5 | 25,6 | 26,6 | 27,3 | +1,4 |
| Продукция промышленности | 19,7 | 19,4 | 21,0 | 23,5 | 26,5 | 31,0 | 31,5 | +11,8 |
| Продукция сельского хозяйства | 36,9 | 35,5 | 28,9 | 34,2 | 31,0 | 31,0 | 27,5 | -9,4 |
| Розничный товарооборот | 37,2 | 37,2 | 37,2 | 37,2 | 37,2 | 37,2 | 37,2 | - |

***Расчеты автора по материалам статистического сборника Согдийской области. Худжанд, 2013***

В 2012 г. удельный вес продукции промышленности Согдийской области в общереспубликанских показателях составил 31,0%, продукции сельского хозяйства – 31,0%, розничном товарообороте – 37,2%. Доля ВРП в ВВП республики – 27,3%. При этом по сравнению с 2011 годом наблюдается рост структурных показателей. Осуществление социально-экономических реформ предполагает учет региональных особенностей и факторов, игнорирование которых может привести к обострению проблем национальной безопасности и замедлить процессы экономических преобразований. Исследуя региональные особенности регионов, следует отметить, что экономическая безопасность региона сводится к совокупности условий и факторов, характеризующих состояние и развитие экономики, степень интегрирования экономики региона с экономикой страны, а также уровень его независимости. Создание условий для внешнеторговой либерализации, а также вступление Таджикистана в ВТО будет способствовать более высокой мобилизации факторов производства между регионами и также усилению конкуренции между ними. Отрицательными последствиями могут быть неравномерность и разбалансированность экономического развития регионов, что имеет важное значение для обеспечения их конкурентоспособности, как на национальном, так и на международном рынках. Стратегическое видение будущего развития регионов предполагает выдвижение на первый план внешнеэкономических факторов, повышения роли региональных хозяйствующих субъектов в международных экономических отношениях. Реализация географического и ресурсного потенциала позволит регионам несколько ослабить отрицательные последствия, связанные с внешнеэкономической либерализацией, характерных для начального этапа. Современный этап развития национальной экономики характеризуется глубокой дифференциацией регионального развития.

Регионы Таджикистана вступили на путь формирования рыночной экономики с различными стартовыми условиями, что связано с неоднородностью пространственного развития страны, определяемой территориальным разделением труда, концентрацией и специализацией производства, характером расселения населения. Относительные условия дифференциации, которые можно назвать экономическими, связаны с результатами распределения ресурсов и эффективностью их использования. Наличие значительной дифференциации приводит к появлению проблемных регионов, для которых характерны относительно низкий уровень реальных денежных доходов населения, высокий уровень безработицы, слабая инвестиционная активность хозяйствующих субъектов и т.д. Уровень экономического развития регионов отражается на национальной экономике в целом. Вместе с тем, неоднородность регионального развития содержит и положительный момент, заключающийся в существовании высокоразвитых регионов, "локомотивов" экономики и генерирующих ресурсы для поддержки экономически отсталых регионов. Для адекватной оценки региональной дифференциации выбор способа измерения соответствующего индикатора имеет огромное значение. Для оценки неоднородности развития регионов мы предлагаем использовать модифицированный коэффициент вариации:

$$V = \sqrt{\frac{1}{N}\sum_{i=1}^{N}\left(\frac{X_i}{\overline{X}} - 1\right)^2} \qquad (1.)$$

где:

*Xi – значение показателя для системы регионов республики;*

